ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАКТАБИ ОЛӢ
## (қисми чаҳорум)

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ

Душанбе 2012

**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Зери назари Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон  Раҳмонов А.А.**

Мураттибон:
**Раҳимов Ф., Расулов А., Валиев Ҳ., Маликов Т., Самадов С.,**
**Мирзоев А., Давлатов С. Ёров Ф., Ҷалилов М., Қурбонова М., Сангов Р.**

Муҳаррир: ____________________

**МАКТАБИ ОЛӢ (қисми чаҳорум). Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе 2012, ____ саҳ.**

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ ____ соли 2011, №____
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои
қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти оли касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Муқаррароти умумӣ

1) Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010 № 628 «Дар бораи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» бо мақсади ҷалби духтарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба мактабҳои олӣ, дастгирӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги онҳо, ҳамчунин дастгирии писарони лаёқатманд ва ба низом даровардани ҷараёни қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 таҳия шудааст.

2) Муқаррар намудани тартиби қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

3) Андешидани тадбирҳо оид ба интихоби касб ва гузаронидани сӯҳбату озмунҳо барои қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вазифаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4) Қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Шӯрои омӯзгорони мактаб (агар аз хатми мактаби таҳсилоти умумӣ мӯҳлати муайян гузашта бошад, ба ҷои қарори Шӯрои омӯзгорони мактаб, қарори Шӯрои меҳнатии ҷои кори охирин пешниҳод мешавад), ҳуҷҷатҳои хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, тавсияи идора ё шӯъбаи маорифи шаҳр ё ноҳияи дахлдор ва роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда мешавад.

5) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти гузаронидани сӯҳбатҳоро барои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

назорат намуда, барои иштирок дар сӯҳбат тибқи фармоиш намояндагони худро таъин менамояд.

Комиссияҳои қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рӯзҳои муайянгардида бо иштироки намояндаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯҳбат ташкил карда, аз натиҷааш ҳамон рӯз довталабонро огоҳ месозанд.

Протоколи сӯҳбат ва хулосаи комиссия ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои қабули довталаб ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

6) Натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи сӯҳбат эълон гардида, 20 июл фармоиши ректор оид ба қабули донишҷӯён ба курси якуми муассисаҳои таҳсилоти оли касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор мегардад..

7) Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ то 10 август оид ба натиҷаи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

8) Натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябр дар мушовараи васеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки мудирони шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар ва намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда мешавад.

9) Фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятии донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қабул шудаанд, дар Шӯрои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ соле як маротиба муҳокима гардида, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта, чораҳои мушаххас андешида мешавад.

10) Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, мувофиқи имконият донишҷӯёнеро, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қабул шудаанд, аз лиҳози моддию маънавӣ дастгирӣ намуда, се моҳ пеш аз хатми таҳсил ҷой ва шароити кори онҳоро муайян менамоянд.

11) Бо мақсади омӯзиши вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, комиссияи муштараки вазоратҳо ва идораҳо, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, таъсис дода мешавад.

Комиссияи муштарак дар сурати зарурат вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёнеро, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, дар ҷаласаҳои мушовараи худ муҳокима менамоянд.

12) Вазоратҳо ва идораҳои дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти олии касбидошта донишҷӯёнеро, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, бо хобгоҳ таъмин намуда, барои таҳсил ва зисти онҳо шароити мувофиқ фароҳам меоваранд.

13) Вазоратҳо ва идораҳо, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доранд, баъди ҳар як сессияи санҷишӣ-имтиҳонӣ оид ба фаъолияти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил менамоянд, ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти хаттӣ пешниҳод менамоянд.

14) Хатмкунандагони муассисаҳои таълимии ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ тибқи тартиби мазкур ҳуқуқ доранд, ки дар сӯҳбату озмун барои ноил шуданд ба квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намоянд.

15) Суҳбат ва озмун бо духтарону писарони тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дохилшаванда дар доираи барномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида мешавад.

16) Духтарону писароне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, танҳо дар шӯъбаи рӯзона таҳсил намуда, аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар гузаронида намешаванд. Тартиби ба таври истисно аз як ихтисос ба ихтисоси дигар ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар гузаштани чунин донишҷӯёнро Вазорати маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

17) Донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, бо назардошти вайрон намудани қонунҳои танзимкунандаи соҳаи маориф, талаботи Оинномаи муассисаи таълимӣ, Қоидаҳои донишҷӯӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудааст, дар сурати барқарор шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имтиёзи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доштанашро аз даст медиҳад. Дар ин сурат ӯ дар гурӯҳи шартномавӣ барқарор шуда, маблағи таҳсилро барои 4 (5) соли таҳсил мувофиқи шартномаи ҳамон сол ба пуррагӣ пардохт менамояд.

18) Баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ писарону духтарони лаёқатманд вобаста ба сатҳи донишу малакаи пайдонамуда ва тақсимоти гузаронидашуда метавонанд таҳсилро дар зинаҳои дигари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ давом диҳанд. Дар ин маврид муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо донишҷӯ оид ба таҳсил ва фаъолияти минбаъдаи ӯ шартномаи сетарафа мебандад.

Ҳолатҳои истисноии идомаи таҳсили ин гуна хатмкардагонро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## 2.Қабули духтарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

19) Духтарони деҳотуи шаҳру ноҳияҳои дахлдор ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба духтарони маркази ин шаҳру ноҳияҳо имтиёзи бештар доранд.

20) Довталабоне, ки 2 соли охир аз шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо ба ин шаҳру ноҳияҳо рафта, синфҳои 10-11-ро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ин шаҳру ноҳияҳо хатм намудаанд (ба истисноии фарзандони оилаҳои кормандони сохторҳои қудратии барои адои вазифа омада, инчунин хатмкардагони курсҳои тайёрии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сӯҳбат барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода намешаванд.

21) Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдор ба ҳар як ҷои пешбинишуда ҳуҷҷатҳои на кам аз се нафар довталабро ба комиссияи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Комиссия яке аз довталаберо, ки дар вақти сӯҳбат дониши хубтар нишон додаст барои қабул ба сифати донишҷӯи мактаби олии марбута пешниҳод менамояд.

22) Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдор бо довталабоне, ки аз сӯҳбат барои ноил шудан ба роҳхати квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштаанд, шартномаи сеҷониба бо муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯ ба имзо мерасонанд. Тибқи ин шартнома донишҷӯ баъди хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳамон шаҳр ё ноҳияе, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ фаро гирифта шудааст, ба кор фиристода мешавад.

23)Дар мавриди иҷро нагардидани бандҳои ин шартнома дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин маврид қабулгардида маблағи таҳсил аз тарафи донишҷӯ ба буҷаи давлат баргардонида мешавад.

## 3.Қабули писарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

24) Қабули писарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии писарони лаёқатманди шаҳру ноҳияҳои даҳдор ва ҷалби минбаъдаи онҳо ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва ихтироъкорӣ ба роҳ монда мешавад.

25) Ҷониби манфиатдор (вазорату идораҳои дахлдор) вазифадоранд, ки интихоб намудани писарони лаёқатмандро дуруст ба роҳ монда, тарбияи онҳоро зери назорати ҷиддӣ ва доимӣ қарор диҳанд.

26) Писарони лаёқатманди шаҳру ноҳияҳои дахлдор аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 4 сол пеш аз хатми хонанда (дар синфи 8) муайян гардида, ҳар сол сатҳи дониш, малака, майл, хоҳиш ва завқу истеъдоди онҳо дар варақаи махсус сабт мешавад. Як сол қабл аз хатми мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ вобаста ба лаёқат самти ихтисосҳои писарон муқаррар карда мешавад. Ҳангоми хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба чунин хонандагон барои иштирок дар озмун барои соҳиб шудан ба квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳхат дода мешавад. Дар асоси пешниҳоди раёсат ё шӯъбаи маорифи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ё шаҳру ноҳияҳои дахлдор ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост доир ба ҷудо намудани ҷой аз рӯи ихтисоси мушаххас пешниҳод менамояд.

27) Дар сӯҳбат ва озмун барои соҳиб шудан ба квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як ҷой метавонанд шумораи дилхоҳи довталабон ширкат намоянд. Баъди анҷоми сӯҳбат, танҳо писарони беҳтарини лаёқатманди шаҳру ноҳияҳои дахлдор ба гирифтани квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил мегарданд.

28) Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки барои рушди зеҳнии писарони лаёқатманд ҳамаи шароити зарурии таълимию иҷтимоиро фароҳам оваранд ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ соли 2011, №___
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМА
## оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири нав)

### 1. Қоидаҳои умумӣ

1) Низомномаи мазкур мақсад, принсип, вазифа ва тартиби татбиқи низоми кредитиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2) Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбарнамоии донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дигар, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон ва татбиқи эъломияи Болония амалӣ карда мешавад.

3) Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

### 2. Мафҳумҳои асосӣ

4) Мафҳумҳои асосие, ки дар Низомномаи мазкур истифода мешаванд:

Тақвими академӣ (Academic Calendar) - ҳуҷҷатест, ки дар он санаҳои гузаронидани дарсҳо ва корҳои санҷишӣ дар давоми соли таҳсил бо нишондоди рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ меёбанд.

Давраи академӣ (Term) - давраи таҳсилест, ки аз тарафи мактаби олӣ муайян гардида, вобаста ба он маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд. Миқдори ҳафтаҳои таълимӣ вобаста аз таҷрибаи ҷаҳонии гирифтани таълимоти олӣ метавонад 16-18 ҳафтаро дарбар гирад.

Аппеллятсия - амалест, ки бо мақсади муайян намудан ваислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

Барномаи кории фан барои донишҷӯён (Syllabus) - ҳуҷҷати асосии таълимию методие мебошад, ки дар он таснифоти фанни омӯхташаванда, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни мухтасари фан, мавзӯъ ва давомнокии ҳар як дарс, намунаи супоришҳо барои кори мустақилонаи

донишҷӯён, рӯз ва вақти машварат, телефон ва суроғаи электронии омӯзгор, талаботи омӯзгор, меъёри баҳогузорӣ, ҷадвали санҷишҳои марҳилавӣ ва номгӯи адабиёти ҳатмию иловагии истифодашаванда дарҷ меёбанд.

Системаи холию рейтингӣ - марҳила ба марҳила ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ниҳоӣ рухсат гирифтани ӯ. Миқдори холҳо дар кишварҳои гуногун мухталифанд. Мақсад аз он ифодаи ададии дараҷаи азхудкунии фан ва баҳогузорӣ ба донишандӯзию дастовардҳои донишҷӯён мебошад.

Фанҳои ҳатмӣ - гурӯҳи фанҳое мебошанд, ки омӯзиши онҳо дар асоси талаботи Стандарти давлатӣ ва нақшаи таълимӣ ҳатмист.

Фанҳои интихобӣ (эллективӣ) - гурӯҳи фанҳое мебошанд, ки барои ихтисоси мазкур дар асоси алтернативӣ вобаста аз хоҳиши донишҷӯён ва дархости корфармоянда интихоб карда мешаванд.

Санҷиши марҳилавии донишандӯзӣ - санҷиши даврии дараҷаи донишандӯзии донишҷӯёнён аз рӯи фанҳои таълимие, ки дар нақшаи инфиродии донишҷӯён акс ёфтааст ва аз ҷониби омӯзгор мувофики ҷадвали академии тасдиқгардида, гузаронида мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён - амали донишҷӯён дар ҷодаи азхуд намудани мавзӯъҳои алоҳидаест, ки барои омӯзиши мустақилона пешбинӣ шуда, бо адабиёти таълимии методӣ ва дастурҳо таъмин гардида, дар шакли тест, реферат, супориши инфиродӣ ва ҳисобот аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

1 кредит-соат - воҳиди ифодакунандаи сарфи меҳнат ва вақти донишҷӯён, ки дар чаҳорчӯбаи он донишҷӯён ва омӯзгор 50 дақиқа дар як ҳафта ва дар давоми давраи академӣ - 16-18 ҳафта фарогири машғулиятҳои фаъол ва 100 дақиқа барои кори мустақилонаи донишҷӯ муайян шудааст.

Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, омӯзгорӣ ва касбӣ бевосита дар давоми семестр дар раванди ҷараёни таълими бефосила гузаронида мешаванд. Бо ин максад дар ҷадвали дарс ҳафтае як рӯз барои иҷрои корҳои семестрӣ ва таҷрибаомӯзӣ ҷудо мегардад.

Триместр (Семестри иловагии дарсомӯзӣ ва имтиҳонсупорӣ) дар 1 давра, яъне пас аз хатми хатми семестри тобистона дар моҳи октябр сурат мегирад, ки ба он донишҷӯённе, ки аз фанҳои таълимӣ қарздор мондаанд, роҳ дода мешаванд. Машғулиятҳо дар ҳамбастагии нимсолаҳои ҷуфт ва тоқ гузаронида мешаванд.

## 3. Банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим

5) Таълим бо истифодаи **низоми** кредитӣ тибқи барномаю нақшаҳои таълимӣ, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаааст, сурат мегирад.

6) Барои татбиқи **низоми** кредитӣ дар муасиссаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба ҳар як самт (ихтисос) шаклҳои зерини нақшаҳои таълим таҳия ва истифода мешавад:

**-нақшаи таълими намунавӣ доир ба ихтисос** - аз ҷониби Вазорати маориф тасдиқ шуда, барои муайян намудани мазмун ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯён хизмат мекунад;

**-нақшаи таълими фардӣ** - аз тарафи ҳар як донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) таҳия шуда, маҳрук (траектория)-и таҳсилоти ӯро муайян мекунад;

**-нақшаи кории таълим доир ба ҳар як ихтисос -** дар асоси нақшаҳои таълимӣ-намунавӣ ва фардӣ таҳия шуда, барои тартиб додани ҷадвали ҳарсолаи ҷараёни таълим, ҳисоб кардани меҳнатталабии сарбории таълимии **омӯзгорон** ва донишҷӯён истифода бурда мешавад.

7) Меҳнатталабии фаъолияти таълимӣ дар ҳама гуна нақшаҳои таълим **бо кредит-соатҳо** андоза карда мешавад.

8) Меҳнатталабии азхудкунии як воҳиди санҷишӣ (кредит) дар барномаҳои зинаҳои алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ ва пас аз муассисаи олии таълимӣ дар ҳаҷм ва таносуби зайл муқаррар мешавад:

-«бакалавриат» - на камтар аз 24 соати академӣ (8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва 8 соати кори мустақилонаи бевоситаи донишҷӯ);

-«магистратура»- на камтар аз 32 соати академӣ (аз ҷумла 8 соат дарси аудиторӣ, 8 соат кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва 16 соат кори мустақилонаи бевоситаи магистр);

-«докторантура»- на камтар аз 40 соати академӣ (аз ҷумла 8 соат дарси аудиторӣ, 8 соат кори мустақилона бо роҳбарии **омӯзгор** ва 24 соат кори мустақилонаи бевоситаи докторант);

9) Нақшаи кории таълим доир ба ихтисос аз тарафи комиссияи таълимӣ-методии факултет таҳия шуда, онро муовини ректор оид ба корҳои таълим тасдиқ мекунад.

10) Нақшаи таълимии бакалавриат иборат аст аз:

а).фанҳои гуманитарӣ;

б).фанҳои табиатшиносию риёзӣ;

в).фанҳои тахассусӣ.

Дар навбати худ ҳар як гурӯҳи фанҳои дар нақшаи таълим дарҷёфта ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

а).фанҳое, ки омӯзиши онҳо бо пайдарпайии муайян ҳатмианд;

б).фанҳое, ки бояд ҳатман омӯхта шаванд, вале риояи қатъии пайдарпаии омӯзиши онҳо ҳатмӣ нест;

а).фанҳое, ки аз тарафи донишҷӯ интихоб мешаванд.

Нақшаи таълимии магистратура иборат аст аз:

а).фанҳо аз рӯи равияҳои махсусгардонидашудаи тайёр кардани магистрҳо;

б).фанҳои махсуси тайёр кардани магистрҳо;

в).кори илмиютадқиқотӣ ва илмию омӯзгории магистрант;

г).аттестатсияи ҷамъбастии давлатии магистрант.

Таносуби меҳнатталабии фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълим Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Ҳиссаи фанҳои интихобӣ дар нақшаи таълим бояд на камтар аз 25 % ва на зиёдтар аз 50%-ро ташкил диҳад.

11) Нақшаи таълими фардии донишҷӯ дар шакли муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, барои ҳар як соли таҳсил шахсан аз тарафи донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад. Ин нақша аз тарафи декани факултет тасдиқ шуда, нусхаҳои он дар деканат (маркази бақайдгирӣ), қисми таълим ва дар дасти донишҷӯ нигоҳ дошта мешавад. Дар мавриди таҳияи нақшаи таълими фардӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ӯҳдадор аст номгӯи фанҳо ва устодонеро, ки аз ин фанҳо дарс медиҳанд, бо нишондоди вазифа, дараҷа ва унвони илмии онҳо барои интихоби донишҷӯ пешкаш намояд.

Барои бомуваффақият дар мӯҳлати муқарраршуда (на камтар аз 4 сол) хатм намудани барномаи «бакалавриат»-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шумораи воҳидҳои санҷишӣ дар нақшаи таълими фардӣ дар як соли таҳсил бояд на камтар аз 64 кредитро ташкил диҳад, яъне ҳар як семестр донишҷӯ ба ҳисоби миёна бояд на камтар аз 32 кредитро (аз он ҷумла 100% фанҳои ҳатмиро) аз худ кунад.

12) Сарбории таълимии омӯзгор дар асоси нақшаи кории таълими амиқгардидаи ихтисос, ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад. Сарбории солонаи омӯзгор (1 ставка) бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ новобаста ба дараҷаю унвони илмӣ, на камтар аз 32 кредит (512 соати академӣ) муқаррар карда мешавад.

Аз ин миқдор 17 кредит барои дарсҳои аудиторӣ ва 17 кредит барои гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии **омӯзгор** ба нақша гирифта мешавад.

13) Тақсимоти кори берунaзсинфӣ вобаста ба меҳнатталабии фанҳои алоҳида ба ваколати қисми таълим, деканатҳо ва кафедраҳо дохил мешавад.

14) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои бо маводи методӣ пурра таъмин намудани ҷараёни таълим ҷавобгӯ аст. Барои ҳар як ихтисос дар факултет бояд маводҳои методии зерин омода карда шаванд:

-барномаҳои намунавии таълим аз тамоми фанҳои омӯхташаванда (мувофиқи нақшаи кории таълим);

-барномаҳои кории мушаххаси фан (SYLLABUS);

-мавод барои кори синфӣ (аудиторӣ) аз ҳар як фанни омӯхташаванда: матни лексияҳо, нақшаҳои дарсҳои семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ;

-басти аёниятҳо ва маводи ёрирасон (маводи тақсимшаванда) барои гузаронидани дарсҳои аудиторӣ;

-мавод барои кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор: басти матни вазифаҳои хонагӣ, саволҳо ва тестҳо, намунаи рефератҳо, корҳои курсӣ ва дипломӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар намуди чопӣ ва электронӣ;

-мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ: нақша ва барномаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва ғайра.

15) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи низоми ғайрихаттӣ амал намуда, ҷараёни таълимро чунон ташкил мекунад, ки ба ҳар як донишҷӯ барои аз худ намудани тамоми фанҳои дар нақшаи таълим дарҷёфта, соҳибкасб гардидани ӯ мувофиқи талаботи қонунҳои амалкунанда, стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

16) Ҷараёни таълим дар шаклҳои зайл сурат мегирад:

а) дарсҳои аудиторӣ:

-лексияҳо;

-дарсҳои амалӣ (семинарҳо, коллоквиумҳо);

-корҳои лабораторӣ.

б) дарсҳои беруназсинфӣ:

-мусоҳибаҳо (консултатсияҳо)-и фардӣ;

-кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор;

-ташкил ва гузаронидани конференсияҳо ва ғайра.

в) назорати сатҳи донишандӯзии донишҷӯён:

-тафтиши иҷрои корҳои санҷишӣ;

-гузаронидани аттестатсияҳои фосилавӣ;

-гузаронидани санҷишҳои тестӣ (дар шакли хаттӣ ё компютерӣ) аз бобҳои алоҳидаи фанҳои омӯхташаванда;

-ҳимояи корҳои курсӣ ва ғайра.

г) аттестатсияи ҷорӣ:

-имтиҳони тестии ҷамъбастӣ аз фанҳои алоҳида;

-ҳимояи ҳисобот оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ;

д) аттестатсияи ниҳоии давлатӣ:

-ҳимояи кори дипломӣ;

-имтиҳонҳои давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ.

17) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ӯҳдадор аст, ки ҳамаи довталабон ва донишҷӯёнро бо қоидаҳои ташкили ҷараёни таълим шинос намояд.

18) Ахбор оид ба қоидаҳои ташкили ҷараёни таълим дар шакли чопӣ дар тахтаи эълонҳои комиссияи қабул ва инчунин дар сайти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷой дода мешавад.

19) Маркази бақайдгиранда бақайдгирии донишҷӯёнро барои омӯзиши фанҳо дар соли таҳсили оянда ташкил мекунад.

20) Донишҷӯёни курси аввал то оғози дарсҳо (25-28 август) аз деканати факултет (аз эдвайзер) варианти барои курсҳои аввал омодашудаи нақшаи таълими фардии намунавиро гирифта, дар он (пас аз маслиҳати эдвайзер) то 10 сентябри соли таҳсили ҷорӣ метавонад то 10% тағйироту иловаҳо ворид намоянд. Пас аз гузаштани ин мӯҳлат ворид намудани тағйироту иловаҳо дар нақшаи таълими фардӣ дар давоми соли таҳсил қатъиян манъ аст.

21) Донишҷӯёни курсҳои болоӣ (2-4) нақшаи таълими фардии худро барои соли таҳсили оянда (дар шакли муқарраршуда, дар ҳолати зарурӣ, пас аз маслиҳати эдвайзер) тартиб дода, имзо мегузоранд ва санаи онро гузошта, аз 20 июн то 1 июл ба деканати факултет месупоранд. Онҳо метавонанд то 25 августи соли таҳсили ҳисоботӣ ба нақшаи таълими фардии худ тағйирот (дар ҳаҷми то 10% миқдори умумии кредитҳо) ворид намоянд. Дар ин маврид донишҷӯ бо дархости хаттӣ (дар шакли муқарраршуда) ба декани факултет муроҷиат мекунад.

22) Барои ҳар як фан деканати факултет дар асоси қарори Шӯрои илмӣ-методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шумораи зарурии ҳадди ақали донишҷӯёнро барои кушодани фан ва барои ҳар як омӯзгор шумораи ҳадди аксари донишҷӯёнро дар гурӯҳ муқаррар менамояд.

23) Дар ҳолате, ки барои омӯзиши ин ё он фан то 1 июл шумораи аз ҳадди ақали муқарраршуда миқдори камтари донишҷӯён номнавис мешаванд, ин фан ба нақшаи кории таълим ворид карда намешавад. Деканат дар ин бора барои огоҳ намудани донишҷӯён эълон медиҳад ва ба қисми таълим ба таври хаттӣ ахбор пешниҳод менамояд. Донишҷӯёне, ки барои омӯзиши ин фан худро номнавис кардаанд, бояд то 25 август ба деканат оид ба ворид намудани тағйирот дар нақшаи таълими фардӣ дархост диҳанд.

24) Дар мавриде, ки ба дарси ин ё он устод шумораи аз ҳадди аксари муқарраршуда миқдори зиёди донишҷӯён номнавис шудаанд, деканат барои омӯзиши ин фан гурӯҳи дуюмро таъсис медиҳад ва ба ин гурӯҳ омӯзгори таҷрибаноки баландтахассусро таъин мекунад. Дар ин ҳолат донишҷӯён мувофиқи сана ва навбати номнависшавӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд.

25) Дар ҳолате, ки донишҷӯ мувофиқи фармон ба курси дигар (болоӣ) гузаронида шудааст, вале дар мӯҳлати муқарраршуда нақшаи таълими фардии худро ба деканат насупоридааст, деканат ҳуқуқ дорад, ки барои таълими ӯ нақшаи намунавии таълимро ҳамчун асос истифода барад.

26) Дар натиҷаи таҳлили нақшаҳои таълими фардӣ деканат нақшаҳои таълими кории амикгардонидашударо таҳия намуда, ҷадвали дарсиро барои соли таҳсили нав (то 28 август) тартиб медиҳад.

27) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷараёни таълимро бо тамоми воситаҳои зарурӣ (биноҳо, синфхонаҳо, таҷҳизоти таълимӣ, маводи харҷшаванда, объектҳои таҷрибаомӯзӣ) бояд таъмин намояд.

28) Дигар намудҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба ташкили ҷараёни таълим вобаста нестанд (қабули донишҷӯён, ёрии

тиббӣ ва ғайра) дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф амалӣ мегарданд.

## 4. Низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба сатҳи азхудкунии фанҳо

29) Назорати азхудкунии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар доираи системаи холдиҳӣ-рейтингӣ (СХР) амалӣ мегардад.

30) Шӯрои илмӣ-методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаи умумии СХР-ро таҳия менамояд, факултет ва кафедраҳо бошанд, нақшаҳо ва низомномаҳои амиқи баҳодиҳии рейтингиро барои фанҳои алоҳида (вобаста ба меҳнатталабии омӯзиши онҳо ва барои ҳар як марҳилаи санҷишҳои ҷорӣ ва фосилавӣ) тартиб медиҳанд.

31) Аз рӯи натиҷаи аттестатсияи ҷорӣ ба донишҷӯ аз ҳар як фан мувофиқи низоми холдиҳие, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул шудааст, бо назардошти сифати дониш ва малакаи ӯ баҳои тафриқавӣ гузошта мешавад.

32) Барои такроран аз аттестатсияи ҷорӣ ва фосилавӣ гузаштани донишҷӯ дар сурате, ки ӯ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст (ғайр аз ҳолатҳое, ки бо сабаби бемории ба аттестатсия ҳозир нашудааст), роҳ дода намешавад.

33) Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои санҷишҳои ҷорӣ ва фосилавӣ маркази бақайдгиранда рейтинги академии донишҷӯёнро муайян мекунад. Рейтинги баланд ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки имтиёзҳои аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраршударо соҳиб гардад.

34) Ҳар як донишҷӯ метавонад дар деканат ё маркази бақайдгиранда оид ба рейтинги академии худ маълумоти муфассал ва асоснок гирад.

35) Агар донишҷӯ дар давоми семестр на камтар аз 80%-и кредитҳоро соҳиб шуда, дар баробари ин 100% фанҳои ҳатмии барои ин семестр муқарраршударо аз худ кунад, ӯ имконияти дар семестри оянда давом додани таҳсилро пайдо мекунад.

36) Дар сурате, ки донишҷӯ дар давоми семестр на камтар аз 80%-и кредитҳоро соҳиб мешавад, вале 100% фанҳои ҳатмии барои ин семестр муқарраршударо аз худ намекунад, масъалаи давом додани таҳсили ӯ дар семестри оянда, дар комиссия (экспертӣ)-и назди қисми таълим ҳал карда мешавад.

37) Агар донишҷӯ дар давоми семестр камтар аз 80%-и кредитҳоро аз худ кунад, масъалаи такроран дар курсаш мондани ӯ дар комиссия (экспертӣ)-и назди қисми таълим ҳал карда мешавад.

38) Донишҷӯ метавонад бо хоҳиши худ ва розигии декани факултет ба курси пештарааш барқарор шуда, он миқдори кредитҳои заруриеро, ки мувофиқи нақшаи таълими фардӣ гирифта натавонистааст, аз нав аз худ кунад (аз ҷумла 100% кредит аз фанҳои ҳатмиро).

39) Дар ҳолате, ки қисми зиёди донишҷӯён аз ин ё он фан қарздор мешаванд (на камтар аз ҳадди ақале, ки аз тарафи муассисаи таҳсилоти

олии касбӣ барои кушодани фан муқаррар шудааст-8 нафар), деканат метавонад бо хоҳиши донишҷӯён ва розигии омӯзгор семестри 3-юм (семестри тобистона) ташкил намояд. Дар ин сурат донишҷӯён (новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва ғайриройгон) пас аз пардохти маблағе, ки мувофиқи сметаи хароҷоти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои таълими 1 кредит муқаррар шудааст, аз нав ин фанро омӯхта санҷиши ҷорӣ, фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастӣ месупоранд.

40) Бо иштироки омӯзгор аз ҳар як фан санҷишҳои ҷорӣ ва фосилавӣ қабул карда мешавад. Имтиҳони ҷамъбастӣ бошад, бо иштироки омӯзгор аз тарафи комиссияе, ки кафедра таъсис додааст, қабул мегардад. Имтиҳони ҷамъбастӣ ҳамаи мавзӯъҳои фанро дарбар мегирад.

41) Тамоми санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастӣ ба тарзи хаттӣ ва ё тибқи компютер қабул карда шуда, натиҷаҳои он дар маркази бақайдгирӣ, деканат ва қисми таълим нигоҳ дошта мешаванд.

42) Баҳои ҷамъбастӣ ҷузъҳои зеринро дарбар мегирад:

- санҷишҳои рейтингии фосилавӣ-50%;
- имтиҳонҳои ҷамъбастӣ -50%;

43) Баҳои ҷамъбастӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Бч = \left[\frac{(СФ_1 + СФ_2)}{2}\right] \cdot 0{,}5 + Ич \cdot 0{,}5$$

дар ин ҷо:

$СФ_1$- эквиваленти ададии баҳои санҷиши фосилавии якум;

$СФ_2$- эквиваленти ададии баҳои санҷиши фосилавии дуюм;

Иҷ – эквиваленти ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

44) Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва эквиваленти ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дуруст бадастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз ифода меёбанд, муайян карда мешавад (Ҷадвали 1).

Ҷадвли 1.

**Ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои имтиҳонӣ**

| Баҳо (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Фоизи ҷавобҳои дуруст % | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | 95-100 | Аъло |
| A- | 3,67 | 90-94 | |
| B+ | 3,33 | 85-89 | Хуб |
| B | 3,0 | 80-84 | |
| B- | 2,67 | 75-79 | |
| C+ | 2,33 | 75-74 | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | 65-69 | |
| C- | 1,67 | 60-64 | |
| Д | 1,33 | 55-59 | |
| Д- | 1,0 | 50-54 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ғ | 0 | 0-49 | Ғайриқаноатбахш |

45) Дар асоси ифодаи ададии баҳоҳои аз фанҳои алоҳида гирифтаи донишҷӯ, пас аз анҷоми ҳар як семестр баҳои умумии миёнаи ӯ (GPA), бо истифодаи услуби миёнаи арифметикии баркашида, ҳисоб карда мешавад (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

**Тарзи ҳисоби ифодаи ададии баҳои миёнаи (GPA)-и донишҷӯ дар семестр**

| р/т | Номгӯи фанҳо | Миқдори кредитҳо | Баҳои донишҷӯ (ҳарфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Холи умумӣ | Ифодаи ададии баҳои миёна (GPA) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фалсафа | 3 | B | 3 | 9 | |
| 2 | Математика | 3 | C | 2 | 6 | |
| 3 | Информатика | 3 | B | 3 | 9 | |
| 4 | Таърихи халқи тоҷик | 3 | A | 4 | 12 | |
| 5 | Забони тоҷикӣ | 3 | B | 4 | 12 | |
| 6 | Забони русӣ | 3 | B | 3 | 9 | |
| 7 | Забони хориҷӣ | 3 | C- | 1,67 | 5,01 | |
| | Ҷамъи кредитҳо ва холҳо | 21 | | 21 | 62,01 | 2,95 |

46) Барои аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён ва хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳадди ақали холи миёна (GPA) муайян карда мешавад, ки донишҷӯ дар давоми таҳсил набояд аз он камтарро соҳиб шавад. Ҳадди ақали баҳои миёна (GPA) вобаста аз мақом ва рейтинги муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби Шӯрои олимон муқаррар ва тасдиқ карда мешавад ва он метавонад вобаста ба соли таҳсил тафриқавӣ бошад. Донишҷӯёне, ки ҳадди ақали холи миёнаи (GPA)-и онҳо дар ҷамъбасти соли таҳсил аз ҳадди ақали муқаррашуда кам аст, новобаста аз шакли маблағгузории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ройгон ва ё ғайриройгон) бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит фанҳоеро, ки аз онҳо холҳои кофӣ ба даст наовардаанд, такроран меомӯзанд ва имтиҳон месупоранд. Барои ин қабил донишҷӯён дар

нақшаи таълими фардии соли таҳсили оянда ворид намудани фанҳо дар ҳаҷми на зиёда аз 80% кредит иҷозат дода мешавад.

47) Донишҷӯёне, ки аз ин ё он фан баҳои Ғ(ғайриқаноатбахш) мегиранд (дар сурате, ки шумораи онҳо аз 2 фанни ҳатмӣ зиёд набошад), бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит дар соли таҳсили оянда ё семестри тобистона (агар ба ин фан шумораи ҳадди ақали донишҷӯён, яъне на камтар аз 8 нафар номнавис шаванд) ин фанҳоро такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд (агар ин фанҳо ба ҷумлаи фанҳои ҳатмӣ дохил шаванд). Агар ин фанҳо ба ҷумлаи фанҳои интихобӣ дохил шаванд, донишҷӯ бо хоҳиши худ (бо маслиҳати эдвайзер) онҳоро метавонад иваз намояд.

48) Донишҷӯе, ки аз 3 фанни ҳатмӣ ва аз он зиёд баҳои Ғ мегирад, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ мешавад.

49) Донишҷӯёне, ки дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи таҳсил дар зинаи «бакалавриат» (на камтар аз 4 сол) на камтар аз 240 ва на зиёдтар аз 256 кредитро бомуваффақият азхуд мекунанд, пас аз гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва ҳимояи натиҷаи он ба имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи рисолаи дипломии бакалавриат роҳ дода мешаванд. Дар зинаи «магистратура» бошад, магистре, ки дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи таҳсил (на камтар аз 2 сол) 80 кредити омӯзиши назариявиро азхуд мекунанд, ба ҳимояи рисолаи магистрӣ роҳ дода мешавад.

## 5. Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРУ)

50) Кори мустақилонаи донишҷӯёне, ки тибқи низоми кредитӣ таълим мегиранд, аз 2/3 ҳиссаи меҳнатталабии омӯзиши ҳар як фанро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 50% вақт барои кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии устод ҷудо карда мешавад.

51) КМРО бо мақсади омӯзиши иловагии маводи таълимӣ аз фанҳои алоҳида, қабули санҷишҳои ҷорӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо бо донишҷӯёне, ки аз фанҳои алоҳида рейтинги фосилавии паст доранд, ташкил карда мешавад.

52) Ҳалли масъалаи дар ҷадвали дарсӣ дарҷ ёфтан ё наёфтани КМРО ва ба сарбории ҳафтаинаи донишҷӯ ва сарбории таълимии омӯзгор дохил шудани соатҳои он ба ихтиёри муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта шуда, бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ карда мешавад.

53) КМРО ҷудошуда, гузаронидани мусоҳиба бо донишҷӯён, ташкили бозиҳои касбӣ, дисскусияҳо, тафтиши вазифаҳои хонагӣ (корҳои санҷишӣ) ва корҳои курсӣ, инчунин қабули имтиҳонҳои ҷорӣ ва фосилавӣ (рейтингӣ)-ро дарбар мегирад.

54) Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор барои омӯзиши ҳамаи фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ пешбинӣ мешавад.

55) Нақша ва тарзи гузаронидани КМРО бо нишондоди мавзӯъҳо, вазифаҳо ва миқдори соатҳо дар комплекси таълимӣ-методӣ доир ба фанни омӯхташаванда дарҷ меёбад.

56) Баҳогузорӣ ба натиҷаи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии **омӯзгор** тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ сурат мегирад.

## 6. Тартиби иҷро ва ҳимояи лоиҳа ва корҳои курсӣ

57) Иҷрои лоиҳа ва корҳои курсӣ дар нақшаҳои таълим аз гурӯҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинӣ мешавад.

58) Мавзӯъҳои лоиҳа ва корҳои курсӣ бояд ба мавзӯъҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи мувофиқ ва омӯзгорони он алоқаманд бошанд. Вале, донишҷӯ метавонад, дар доираи барномаи таълимӣ, мувофиқи майлу рағбати илмии худ мавзӯи лоиҳа ва кори курсиро интихоб намояд.

59) Омодасозӣ ва ҳимояи лоиҳа ва кори курсӣ дар муддати як даври академӣ (семестр) анҷом меёбад.

60) Баҳогузорӣ ба сифати иҷро ва ҳимояи лоиҳа ва кори курсӣ аз ҷониби комиссияе, ки кафедраи мувофиқ таъсис додаст, то ҳафтаи 15-уми семестр амалӣ мегардад.

61) Ба донишҷӯ аз рӯи натиҷаи лоиҳа ва кори курсӣ ба таври алоҳида баҳо гузошта шуда, кредитҳои ба лоиҳа ва кори курсӣ ҷудогардида ба фанни таълимии мувофиқ илова карда мешавад.

## 7. Тартиби ҷараёнгирии сессияи имтиҳонӣ

62) Сессияи имтиҳонӣ дар соли таҳсил 2 маротиба пас аз анҷоми даври академӣ (семестр) гузаронида мешавад. Давомнокии сессияи имтиҳонӣ 3 ҳафтаро ташкил медиҳад.

63) Мавод барои қабули имтиҳон (саволномаҳо, тестҳо) аз ҷониби лектор таҳия шуда, на дертар аз 20 рӯз пеш аз оғози сессия дар шакли чопӣ ва электронӣ ба маркази бақайдгирӣ супорида мешаванд.

64) Имтиҳонҳо танҳо ба тарзи хаттӣ (тестӣ) тибқи комиссияе, ки ҳайати он аз ҷониби ректор ва ё муовини ректор оид ба корҳои таълим тасдиқ шудааст, қабул карда мешаванд. Ба ҳайати комиссия омӯзгори кафедраи мувофиқ, ки аз фанни мазкур ба ин гурӯҳ дарс надодааст, омӯзгорони кафедраҳои дигари аз ҷиҳати мазмун наздик, намояндагони қисми таълим ва деканат ворид шуда метавонанд. Омӯзгори дарсдиҳанда дар имтиҳон ва тафтиши ҷавобҳо ба сифати нозир иштирок карда метавонад.

65) Омӯзгори дарсдиҳанда (лектор) калиди ҷавобҳои дурустро танҳо рӯзи имтиҳон ба аъзои комиссия месупорад ва дар ҷараёни тафтиши ҷавобҳо низ ҳамчун нозир иштирок мекунад.

66) Тестҳои имтиҳонӣ аз тамоми фанҳои омӯхташаванда бояд на камтар аз 2 қисм иборат бошанд:

-саволҳое, ки аз якчанд ҷавоби пешниҳодшуда донишҷӯ бояд дурусташро интихоб намояд;

-саволҳое, ки ҷавобҳои алтернативӣ оварда нашудаанд ва ба онҳо худи донишҷӯ ҷавоб мегардонад. Барои ҷавоби дуруст ба ин қабил саволҳо холи нисбатан баландтар гузошта мешавад.

67) Аъзои комиссия варақаи ҷавоби донишҷӯёнро бо калиди ҷавобҳои дуруст муқоиса намуда, натиҷаи имтиҳонро ҷамъбаст менамоянд, варақаи имтиҳониро пур карда имзо мегузоранд ва ба офиси бақайдгиранда месупоранд.

68) Мутахассиси маркази бақайгирӣ холҳои дар варақаи имтиҳонӣ дарҷёфтаро ба компютер ворид намуда, бо истифодаи формулаи дар банди 43 овардашуда баҳои ҷамъбастии донишҷӯёнро аз фанҳои алоҳида муайян мекунад.

69) Дар ҳолатҳои истисноӣ, бо иҷозати муовини ректор оид ба корҳои таълим омӯзгори дарсдиҳанда (лектор) дар раванди имтиҳонгирӣ ба ҳайси аъзои баробарҳуқуки комиссия ширкат меваразад, аз ҷумла:

-дар ҳолате, ки баҳогузории объективона ба сатҳи дониши донишҷӯ илова ба санҷиши хаттӣ (тестӣ) пурсиши даҳониро тақозо мекунад (асосан аз фанҳои забон ва адабиёт);

-дар ҳолати дар кафедра пайдо нашудани дигар мутахассиси новобаста аз фанни мазкур.

70) Ворид намудани тағйирот ба холҳои дар санҷишҳои рейтингии пешазимтиҳонӣ соҳибгаштаи донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонӣ қатъиян манъ аст.

71) Натиҷаҳои ҳар як сессияи имтиҳонӣ ба транскрипти донишҷӯ ворид карда мешаванд.

## 8. Аппелятсия

72) Аппелятсия амалест, ки бо мақсади муайян ва бартараф намудани ҳолатҳои баҳогузории ғайриобъективӣ ба сатҳи дониши донишҷӯён гузаронида мешавад. Дар асоси фармони ректор ба аппелятсия сардори қисми таълим, мудири кафедраи мувофиқ ва лектор дохил мешаванд.

73) Аппелятсия дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар он ба ҷамъи рейтингҳо ва ҳамчун натиҷа ба баландшавии баҳои сатҳи дониши донишҷӯ таъсир расонида тавонад.

74) Аппелятсия бо ташаббуси донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-саволҳои тестӣ ғалат баён шуда бошанд;

- саволи гузошташуда ҷавоби дақиқ надошта бошад;

- саволи гузошташуда аз доираи барномаи таълимӣ берун бошад.

75) Аппелятсия дар рӯзи ояндаи пас аз эълони натиҷаи имтиҳон дар асоси аризаи донишҷӯ гузаронида мешавад.

76) Тартиби гузаронидани аппелятсия:

Донишҷӯ рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳон, бо нишондоди фан ва рақами тартибии саволе, ки бояд тибқи комиссия аз нав дида баромада шавад, ба номи сардори маркази бақайдгирӣ ариза месупорад. Сардори маркази бақайдгирӣ аризаи донишҷӯро дида баромада, бо назардошти мувофиқати он ба ҳолатҳои дар банди 73 овардашуда оид ба зарурати аппелятсия қарор қабул мекунад.

Натиҷаи апелятсия ба варақаи апелятсионӣ, ки мутахассиси маркази бақайдгирӣ омода намудааст, гузаронида мешавад;

Тағйир додани рейтинги пешазимтиҳонии донишҷӯ дар рафти апелятсия манъ аст.

## 9. Тартиби супоридани қарзҳои академӣ

77) Қарзҳои академӣ дар натиҷаи гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш дар имтиҳони ҷамъбастӣ, ё аз 2 рейтинги пешазимтиҳонӣ аз ин ё он фан, инчунин дар натиҷаи ҳозир нашудан ба имтиҳон ба вуҷуд меоянд.

78) Донишҷӯёне, ки аз 3 фанни ҳатмӣ қарзҳои академӣ доранд, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ мешаванд.

79) Мутахассиси маркази бақайдгирӣ сабабҳои пайдоиши қарзҳои академиро таҳлил намуда, дар асоси рейтинги бадастовардаи донишҷӯёни алоҳида, номгӯи фанҳоро барои такроран супоридани имтиҳон муайян мекунад.

80) Такроран супоридани имтиҳон аз ин ё он фан пас аз сессия (бе пардохти маблағ) ба донишҷӯёне иҷозат дода мешавад, ки аз санҷишҳои рейтингӣ бомуваффақият гузаштаанд, вале бо сабабҳои узрнок ба имтиҳон ҳозир нашудаанд. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне низ дохил мешаванд, ки дар дарсҳо пурра иштирок намуда, рейтинги аввалро бо баҳои баланд супоридаанд, вале бо сабаби беморӣ (бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқшуда) ба рейтинги 2-юм ва имтиҳони ҷамъбастӣ ҳозир нашудаанд. Барои ин қабил донишҷӯён пас аз сессия то 1 моҳ мӯҳлат муқаррар карда мешавад. Дар мавриди такроран супоридани имтиҳон шакли қабули имтиҳон ва ҳайати комиссия тағйир намеёбад.

81) Мутахассиси маркази бақайдгирӣ ҷадвали такроран супоридани имтиҳонҳоро бо нишондоди сана, вақт ва макон тартиб медиҳад ва барои тасдиқ ба сардори қисми таълим пешниҳод менамояд.

82) Ба истисноии ҳолатҳои дар банди 80 овардашуда такроран супоридани имтиҳон бе пардохти маблағи иловагӣ ва аз нав пурра омӯхтани фан ва супоридани санҷишҳои рейтингӣ қатъиян манъ аст.

## 10. Ташкили семестри тобистона

83) Семестри тобистона бо ташаббуси донишҷӯён танҳо пас аз пардохти маблағ вобаста ба миқдори фанҳо ва кредитҳое, ки онҳо аз худ кардан мехоҳанд, бо мақсади азнавомӯзӣ ва супоридани қарзҳои академӣ, фарқият дар нақшаи таълим (барои донишҷӯёне, ки аз дигар ихтисос ё дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаштаанд), баланд бардоштани баҳои миёна (GPA)-и худ то сатҳи меъёри муқарраршуда ташкил карда мешавад.

84) Давомнокии семестри тобистона тибқи тақвими академии ҷараёни таълими ихтисос ва курсҳои алоҳида муайян карда мешавад.

85) Донишҷӯёни зайл ҳуқуқи гузаштани сессияи тобистонаро доранд:

-агар аз рӯи натиҷаи рейтинг ба имтиҳони ҷамъбастӣ роҳ дода нашуда бошанд;

-гурӯҳи донишҷӯёни дар банди 86 дарҷёфта, ки дар мӯҳлати муқаррашуда (то 1 моҳ) қарзҳои академии худро насупоридаанд;

-аз имтиҳони ҷамъбастӣ (вале, на зиёда аз 2 фанни ҳатмӣ) баҳои ғайриқаноатбахш (Ғ) гирифтаанд;

-ифодаи ададии баҳои миёна (GPA)-и онҳо ба меъёри муқаррапшуда барои аз курс ба курс гузаронидан паст аст;

-дар мавриди барқароршавӣ, гузариш аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ё дигар ихтисос), баргаштан пас аз рухсатии академӣ.

86) Маркази бақайдгирӣ бо назардошти риояи талаботи зерин ба донишҷӯён ҳуқуқи иштирокро дар семестри тобистона медиҳад:

-донишҷӯ бояд бе қарзҳои академӣ аз курс ба курс гузаронида шавад;

-гурӯҳи донишҷӯён барои ташкили дарс набояд аз 8 нафар кам бошад;

-шумораи фанҳо барои гурӯҳ набояд аз 2 фанни ҳатмӣ ё 3 фанни интихобӣ зиёд бошад.

87) Ба расмиятдарории семестри тобистона бо тартиби зерин сурат мегирад:

-донишҷӯ то оғози семестри тобистона ба маркази бақайдгирӣ ҷиҳати иштирок дар семестри тобистона ариза пешниҳод менамояд;

-мутахассиси маркази бақайдгирӣ дар сурати ҳалли мусбати масъала ҷадвали дарсии семестри тобистонаро тартиб дода, пас аз пардохти маблағ аз ҷониби донишҷӯён, барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба корҳои таълим пешниҳод менамояд;

-ташкили семестри тобистона тибқи принсипҳои таъмини баҳогузории объективона ба сатҳи дониши донишҷӯён амалӣ мегардад.

88) Мутахассисони маркази бақайдгирӣ ва декани факултет барои пардохти саривақтии маблағи таълим дар семестри тобистона ҷавобгӯ мебошанд.

89) Аз рӯи натиҷаҳои семестри тобистона маркази бақайдгирӣ баҳои миёна (GPA)-и донишҷӯро аз нав ҳисоб мекунад ва дар ҳолати бомуваффақият супоридани ҳама қарзҳои академӣ фармони аз курс ба курс гузаштани ӯро омода месозад.

## 11. Тартиби супоридани фарқияти академӣ дар нақшаи таълим

90) Фарқияти академӣ дар нақшаи таълим дар ҳолатҳои зайл пайдо шуда метавонад:

-вобаста ба интиқоли донишҷӯ аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-вобаста ба гузариши донишҷӯ ба дигар ихтисос;

-вобаста ба баргаштани донишҷӯ аз рухсатии академӣ;

-вобаста ба барқароршавии донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ.

91) Раванди супоридани фарқияти академӣ дар нақшаи таълим иҷрои пай дар пайи амалҳои зайлро аз ҷониби донишҷӯ тақозо мекунад:

-иштироки пурра ба дарсҳо бо мақсади азхуд намудани фанҳое, ки ҳамчун фарқият омӯхта мешаванд;

-иҷрои супоришҳои кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва санҷишҳои рейтингӣ;

-супоридани имтиҳони ҷамъбасти бо мақсади аз худ намудани кредитҳои дар нақшаи таълим дарҷёфта.

92) Давомнокии супоридани фарқиятҳо аз нақшаи таълим як даври академӣ (семестр) муқаррар карда мешавад.

93) Мутахассиси маркази бақайдгирӣ дар асоси аризаи донишҷӯ чунин амалҳоро иҷро мекунад:

-номгӯи фанҳоро, ки фарқиятро аз нақшаи таълим ташкил медиҳанд, муайян менамояд;

-муҳлати супоридани фарқиятро аз нақшаи таълим муқаррар мекунад;

-устодонеро, ки барои гузаштани дарсҳо ва қабули фарқият ҷалб мешаванд, муқаррар менамояд.

## 12. Тартиби гузаштани таҷрибаомӯзӣ

94) Таҷрибаомӯзии касбӣ (таълимӣ ва истеҳсолӣ) мувофиқи нақшаи кории таълимии ихтисосҳо ва барномаҳои таҷрибаомӯзии тасдиқшуда, гузаронида мешавад.

95) Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ берун аз доираи кредитҳое, ки барои омӯзиши назариявӣ муқаррар шудаанд, гузаронида шуда, барои ҳамаи донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

96) Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои соҳаи маориф, вазорату идораҳо, ки ҳамчун базаи таҷрибаомӯзӣ бо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шартномаҳо ба имзо расонидаанд, гузаронида мешаванд.

97) Таҷрибаомӯзӣ бо фанҳои таълимии ҳатмӣ мақоми баробарро соҳиб буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи маҳрук (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯ мебошад.

98) Таҷрибаомӯзӣ ба нақшаи таълими фардии донишҷӯ дар сурате ворид карда мешавад, ки агар ӯ ҳадди ақали фанҳои базавии назариявии барои иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ зарурро азхуд карда бошад.

99) Меҳнатталабии ҳамагуна шаклҳои таҷрибаомӯзӣ бо кредит-соатҳо ифода меёбанд. Натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ба монанди фанҳои таълимӣ тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ баҳогузорӣ шуда, дар мавриди муайян намудани баҳои миёна (GPA)-и донишҷӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

100) Кафедраи тахассусӣ дар якҷоягӣ бо бахши таҷрибаомӯзӣ пас аз ба итмом расидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ бо ҷалби роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаю ташкилотҳо конференсияи ҷамъбастӣ ташкил

мекунад, ки дар он натиҷаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён муҳокима гардида, роҳҳои такмили он муайян карда мешаванд.

101) Дар барномаи таҷрибаомӯзӣ пешталабот, яъне номгӯи фанҳои асосии назариявие, ки пеш аз таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд онҳоро азхуд карда бошад, дарҷ меёбад.

102) Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби кафедраи тахассусӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти объектҳои таҷрибаомӯзӣ таҳия гардида, ба донишҷӯён пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ тақсим карда мешавад.

103) Донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ ҳуқуқ дорад аз иҷрои корҳое, ки дар барномаи таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ нашудааст ва ба камолоти касбии ӯ кӯмаке намерасонад, даст кашад.

104) Баҳогузорӣ ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби комиссияе, ки мудири кафедраи тахассусӣ таъйин намудааст, амалӣ мегардад. Ба комиссия барномаи таҷрибаомӯзӣ, рӯзнома, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва тақризҳо пешниҳод карда мешаванд.

105) Натиҷаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар варақаи имтиҳонӣ ва транскрипти донишҷӯ дарҷ меёбад.

## 13. Тартиби хориҷ, барқароркунӣ ва гузариши донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таҳсилот

106) Донишҷуёне, ки аз рӯи натиҷаҳои сессия аз 3 фанни ҳатмӣ ё зиёда аз он қарзҳои академӣ доранд, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешаванд.

107) Донишҷӯён аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо хоҳиши худ ё вазъи саломатӣ ва ё дар сурати риоя накардани Оинннома ва тартиботи дохилӣ хориҷ карда мешаванд.

108) Донишҷӯ дар сурати аз як фанни ҳатмии барои ихтисоси ӯ зарурӣ 3 маротиба баҳои ғайриқаноатбахш гирифта бошад, бе ҳуқуқи ба ин ихтисос барқароршавӣ хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба дигар ихтисос (ё муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) – е, ки ин фан зарурӣ ҳисоб намешавад, барқарор шавад. Тартиби барқарор ва интиқол дар ин маврид танҳо бо иҷозати Вазорати маориф амалӣ мегардад.

109) Аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён дар асоси ифодаи ададии баҳои миёнаи соҳибгаштаи онҳо (GPA) амалӣ мегардад. Донишҷӯёне, ки баҳои миёнаи муқарраршударо ба даст наовардаанд, такроран дар курсашон мононда мешаванд. Яъне, донишҷӯ метавонад дар курси муайян якчанд маротиба такроран таҳсил намояд.

110) Донишҷӯ новобаста аз гузаштани мӯҳлат пас аз хориҷшавӣ пеш аз оғози даври академӣ (семестр) ҳуқуқи барқароршавӣ дорад. Шарти ҳатмии гум накардани ҳуқуқи барқароршавӣ ба итмом расонидани як даври академӣ мебошад. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, пурра ба инобат гирифта мешавад. Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба ихтисос ва курси дилхоҳ

барқарор шавад, дар сурате, ки пешталаботи барои ин курс ё ихтисос муқарраршуда дар транскрипти ӯ дарҷ ёфта бошанд;

111) Барқароркунии донишҷӯ ҳадди ақал на камтар аз як моҳ то оғози даври академӣ сурат мегирад. Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қарорро оид ба барқароршавии донишҷӯ бояд 2-3 ҳафта пеш аз оғози дарсҳо қабул намояд, то ӯ имконият дошта бошад ба фанҳо номнавис шуда, нақшаи таълими фардии худро тартиб диҳад.

112) Дар мавриди барқароршавӣ ба ин ё он курс ё ихтисос фарқияти нақшаи таълим набояд аз 7 фан, аз он ҷумла 2-3 фанни ҳатмӣ зиёд бошад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани фарқият аз фанҳои интихобӣ мустақил аст. Мӯҳлати супоридани фарқият на камтар аз як даври академӣ (бо назардошти семестри тобистона) бояд муқаррар карда шавад;

113) Тартиби барқароршавӣ:

Донишҷӯ ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба барқароршавӣ ариза пешниҳод менамояд. Ба ариза транскрипти донишҷӯ замима мегардад;

Декани факулта дар асоси транскрипт курси таҳсил ва фарқиятро муайян мекунад;

Дар асоси имзои декан маркази бақайдгирӣ мӯҳлати супоридани фарқиятро муқаррар менамояд;

Дар асоси имзои декан, бақайдгиранда ва муовини ректор оид ба корҳои таълим ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фармонро ба имзо мерасонад.

114) Тартиби гузаронидани донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ:

Донишҷӯ ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки ӯ ба он ҷо гузаштан мехоҳад, ариза пешниҳод менамояд. Ба ариза транскрипт (ё дафтарчаи имтиҳонӣ) бо имзо ва мӯҳри декани факултет, ки донишҷӯ пеш дар он ҷо таҳсил мекард, замима мегардад;

Декани факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда курси таҳсил ва фарқиятро муайян мекунад;

Дар асоси имзои декан комиссияи экспертии назди қисми таълим мӯҳлати супоридани фарқиятро муқаррар менамояд;

Дар асоси имзои декан, бақайдгиранда, муовини ректор оид ба корҳои таълим ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда фармонро оид ба интиқоли донишҷӯ ба имзо мерасонад;

Дар мӯҳлати 3 рӯз пас аз фармон ба муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ пеш дар он ҷо таҳсил мекард, оид ба интиқоли парвандаи шахсии донишҷӯ дархост фиристода мешавад;

Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ пеш аз интиқол дар он ҷо таҳсил мекард, ӯҳдадор аст дар муддати 3 рӯз пас аз гирифтани дархост тавассути почта парвандаи шахсии донишҷӯро интиқол диҳад.

115) Тартиби интиқоли донишҷӯён дар дохили муассисаи таълимӣ:

Интиқоли донишҷӯ аз як шакли таҳсил ба дигар шакли таҳсил ё аз як ихтисос ба ихтисоси дигар баъди пардохти маблағи таҳсил сурат мегирад.

Донишҷӯ ба номи ректор оид ба гузариш ариза месупорад. Ба ариза транскрипти донишҷӯ (ё нусхаи дафтарчаи имтиҳонӣ) бо имзо ва мӯҳри декани факултет замима мегардад;

Декани факултете, ки донишҷӯ ба он ҷо интиқол мешавад, курс ва фарқиятро аз нақшаи таълим муайян мекунад;

Дар асоси имзои декани факултет комиссияи экспертии назди қисми таълим мӯҳлати супоридани фарқиятро муқаррар менамояд;

.Дар асоси имзои декани факултети қабулкунанда, бақайдгиранда ва муовини ректор оид ба корҳои таълим ректор фармони гузаронидани донишҷӯро аз як ихтисос (шакл) ба ихтисос (шакл)-и дигари таҳсил ба имзо мерасонад.

116) Донишҷӯе, ки тибқи буҷети давлатӣ таҳсил мекунад, ҳуқуқ дорад дар асоси озмун ба ҷои холии ихтисоси аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда интиқол шавад. Дар ин сурат ӯ бояд тамоми давраи гузаштаи таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо баҳои «А» ва «В» ҷамъбаст карда бошад.

## 14. Фаъолияти маркази бақайдгирӣ

117) Маркази бақайдгирӣ-хадамотест, ки тамоми таърихи дастовардҳои донишҷӯёнро дар давраи таҳсил ба қайд мегирад ва барои таҳлил ва чорабинӣ ба деканати факултет пешниҳод менамояд.

118) Самтҳои асосии фаъолияти маркази бақайдгирӣ иборат аст аз:

-омода намудани намунаҳо (шаклҳо)-и гуногуни ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии донишҷӯён ва омӯзгорон мувофиқи нақшаҳои корӣ ва фардии таълим;

-ташкили бақайдгирии ҳамасола ва рамзгузории донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ, инчунин омӯзгорони дарсдиҳанда бо кӯмаки эдвайзерҳо;

-таҳия ва назорати риояи тақвими академӣ;

-ташкил ва назорати татбиқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ дар ҷараёни таълим ва сессияҳои имтиҳонӣ;

-ташаккули гурӯҳҳои академӣ ва ҷуфтҳои лексионӣ аз рӯи натиҷаҳои бақайдгирӣ ва интихоби фанҳо;

-назорати раванди имтиҳони ҷорӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ;

-таъмини донишҷӯён бо ҳуҷҷатҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ;

-омодасозии варақаҳои шахсии таълимии донишҷӯён;

-ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳони фосилавӣ ва ҷамъбастӣ, муайян намудани рейтинги донишҷӯён ва пешниҳоди он ба деканҳои факултетҳои мувофиқ барои таҳлил ва чораандешӣ;

-дар ҷамъбасти ҳар як семестр муайян намудани баҳои миёна (GPA)-и соҳибгаштаи ҳар як донишҷӯ ва мувофиқати он ба меъёри муқарраршуда;

-ба деканати факултетҳо ва сардори қисми таълим барои таҳлил ва чораандешӣ пешниҳод намудани рӯйхати донишҷӯёне, ки аз фанҳои алоҳида баҳои F гирифтанд ё GPA-и онҳо аз меъёри муқарраршуда паст аст;

-ташкили семестри тобистона ва ҷамъбасти натиҷаҳои он;

-тартибдиҳӣ ва ба расмият даровардани транскрипт (маълумотномаи академӣ, замимаи диплом) барои ҳар як донишҷӯ;

-ба расмиятдарории нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён ва ворид намудани тағийрот ба онҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда;

-омодасозии фармон оид ба роҳ додани донишҷӯён ба сессияи имтиҳонӣ дар асоси натиҷаҳои санҷишҳои рейтингӣ;

-таҳияи лоиҳаи фармон ҷиҳати аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён дар асоси натиҷаҳои сессияҳои имтиҳонӣ ва сатҳи (GPA)-и онҳо.

119) Маркази бақайдгирӣ вобаста ба ҷойгиршавии факултетҳо метавонад ба таври муттамарказ ҳамчун сохтори таркибии қисми таълим, ё ҳамчун сохтори таркибии факултет таъсис дода шавад.

120) Роҳбарии бевоситаи маркази бақайдгириро сардори марказ ба ӯҳда дорад, ки бо пешниҳоди қисми таълим ва муовини ректор оид ба корҳои таълим аз ҷониби ректор таъин карда мешавад.

121) Ҳайати кормандони маркази бақайдгирӣ аз сардори марказ ва мутахассисон (бақайдгирандагон) иборат аст.

122) Сардори маркази бақайдгирӣ кори марказро ташкил намуда, барои фаъолияти он пурра ҷавобгӯй аст.

123) Фаъолияти маркази бақайдгирӣ ҳамасола дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

## 15.Фаъолияти хадамоти мушовирони академӣ

124) Бо мақсади кӯмак расонидан ба донишҷӯён дар интихоби маҳруқ (траектория)-и таҳсилот ва амалӣ гардонидани он дар факултетҳо хадамоти мушовирони академӣ (эдвайзерҳо) ташкил карда мешавад.

125) Хадамоти эдвайзерҳо дар назди деканати факултет ташкил шуда, бевосита ба декани факултет итоат мекунад. Шумораи эдвайзерҳо дар ҷадвали мансабҳо вобаста ба миқдори донишҷӯён муайян карда мешавад. Ба як эдвайзер одатан аз 100 то 200 донишҷӯ вобаста карда мешавад.

126) Як эдвайзер фаъолияти худро ҳамчун қоида дар доираи на зиёда аз як ё ду ихтисос ташкил намуда, донишҷӯёнро аз курси аввал то курси хотимавӣ роҳбаладӣ менамояд.

127) Вазифаи эдвайзерро корманде ишғол карда метавонад, ки таҷрибаи ғанӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад, таркиби нақшаи таълим ва ҷараёни таълими ин гурӯҳи ихтисосҳоро ба хубӣ дарк намояд ва ба донишҷӯён ҷиҳати муайян намудани маҳруки таҳсилот, ташаккули нақшаи фардии таълим, интихоби фанҳо ва омӯзгорон маслиҳатҳои муфид дода тавонад.

128) Эдвайзер дар мувофиқа бо декани факултет ва муовини ректор оид ба корҳои таълим тибқи фармони ректор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

129) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад дар ҷадвали мансабҳо вазифаи эдвайзерро ҳамчун вазифаи иловагӣ ба фаъолияти асосии устод бо муқаррар намудани иловапулӣ дар ҳаҷми 25-35% моҳонаи асосӣ ё ҳамчун вазифаи озод пешбинӣ намояд. Дар ҳолати 2-юм музди кори эдвайзер дар сатҳи на камтар аз музди кори миёнаи омӯзгорони факултет муқаррар карда мешавад.

130) Эдвайзер чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

-манфиати донишҷӯро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи қонунҳои амалкунанда ҳимоя мекунад;

-тамоми маводи ахборотии зарурииро оид ба ҷараёни таълим барои донишҷӯён омода намуда, онҳоро дар тахтаи эълонҳо ва сайти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷойгир менамояд;

-бо мақсади ба таври ратсионалӣ тартиб додани нақшаҳои таълими фардӣ бо донишҷӯён мусоҳибаҳои гуруҳӣ ва фардӣ мегузаронад;

-қабули нақшаҳои фардии донишҷӯёнро дар мӯҳлати муқарраршуда ташкил намуда, дар тартиб додани нақшаҳои таълими кории тахассусӣ ширкат меварзад;

-мувофиқи вазифаи ишғолкардааш бояд ҳатман аъзои Шӯрои таълимӣ-методии факултет бошад;

-барои ворид намудани тағйирот дар нақшаҳои таълими фардии донишҷӯён дар мӯҳлати муқарраршуда мусоидат менамояд;

-ҳатман дар ҷаласаҳои комиссияи деканат, ки масъалаҳои дарсазхудкунӣ ва мақоми академии донишҷӯёнро дида мебароянд, ширкат меварзад;

-таҳияи саривақтӣ ва мавҷудияти тамоми маводи методии зарурииро доир ба самту ихтисосҳои алоҳида назорат мекунад;

-иҷрои қоидаҳои қабули санҷишҳои ҷорӣ ва фосилавиро аз ҳама фанҳо тафтиш мекунад, дар муайян намудани рейтинги академии донишҷӯ, инчунин дар кори комиссияи назоратии назди раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун аъзои фаъоли он иштирок менамояд;

-дар давоми соли таҳсил эдвайзер ӯҳдадор аст, ки мунтазам гузаронидани мусоҳибаҳои академиро бо донишҷӯён дар нақшаи кории худ пешбинӣ намуда, онро амалӣ гардонад.

131) Эдвайзер ӯҳдадор аст, ки ҳар сол ихтисоси худро доир ба технологияи кредитӣ такмил диҳад.

## 16. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯ дар шароити низоми кредитии таҳсилот

132) Дар мавриди тартиб додани нақшаи таълими фардии худ донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки қоидаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷёфтаро қатъиян риоя кунад ва инчунин:

-дар нақшаи фардии худ 100% фанҳои ҳатмии гурӯҳи А-и банди 9-умро, ки омӯзиши онҳо ба ин соли таҳсил рост меояд, дарҷ намояд;

-барои омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми на камтар аз 64 кредит дар соли таҳсил номнавис шавад (ғайр аз ҳолате, ки дар банди 135 оварда мешавад).

133) Донишҷӯ ҳуқуқ дорад дар соли таҳсил ба шумораи фанҳое, ки зиёда аз 64 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълими фардии худ ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз мӯҳлат хатм намояд.

134) Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи имконият ва хоҳиши шахсӣ дар нақшаи таълими фардии солонаи худ миқдори фанҳоро дар ҳаҷми аз 64 кредит камтар дарҷ намояд. Дар ин сурат давомнокии таҳсили ӯ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зиёд мешавад.

135) Дар давраи таҳсил донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки тамоми фанҳоро мувофиқи нақшаи таълими фардии тасдиқшуда аз худ намояд.

## 17. Пардохти маблағи таҳсил

136) Андозаи маблағи таҳсил, ки ба ҳар як донишҷӯ рост меояд, дар асоси сметаи хароҷоти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад ва аз арзиши аслии ташкили ҷараёни таълим дар ихтисосҳои алоҳида вобаста аст. Дар шароити низоми кредитии таҳсилот, инчунин арзиши аслии як кредит низ муайян карда мешавад.

137) Донишҷӯёни курси аввал маблағи солонаи таҳсилро пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул то 25 август пардохт менамоянд.

138) Донишҷӯёни курсҳои болоӣ (2-4) маблағи таҳсили солонаро вобаста ба миқдори кредитҳое, ки дар нақшаҳои таълими фардӣ нишон дода шудаанд, пардохт менамоянд.

139) Дар мавриди аз ин ё он фан баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан, донишҷӯ онро пас аз пардохти маблағи иловагӣ (вобаста ба миқдори кредитҳое, ки барои омӯзиши ин фан ҷудо шудааст, новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва ё ғайриройгон) аз нав омӯхта, имтиҳон месупорад.

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ соли 2011, №___
тасдиқ шудааст

**Низомномаи**
**аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низомномаи мазкур дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардида, тартиби аз аттестатсия гузаронидани кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (донишкадаҳо, академияҳо ва донишгоҳҳо)-ро новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон муқаррар менамояд.

**1. Мақсади аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ**

1) Муайян намудани дараҷаи тахассус, қобилияти иҷрои вазифа ва мувофиқат кардани имконияти ҷисмонӣ, синнусолӣ ва фикрии омӯзгорону ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

2) Муайян кардани зарурати такмили ихтисос, бозомӯзии омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

3) Баланд бардоштани масъулияти касбӣ ва вазифавии омӯзгорону ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати беҳтар гардонидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**2. Принсипҳои асосии аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ**

4) Аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қонунҳо ва асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф шаффоф ва ба таври демократӣ гузаронида мешавад.

5) Комиссияи аттестатсионӣ ҷараёни аттестатсияро мӯътадил ба роҳ монда, ба фаъолияти аттестатсияшаванда воқеъбинона баҳо медиҳад.

6) Комиссияи аттестатсионӣ натиҷаи аттестатсияро бо аттестатсияшаванда ва ҳам дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ошкоро муҳокима намуда, аз он натиҷагирӣ менамояд.

7) Аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чун қоида дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад. Инчунин, имкон дорад, ки дар ҳолатҳои алоҳида бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аттестатсияҳои ғайринавбатии омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида шавад.

8) Дар сурати аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ ба кор гузаштан ё ба минтақаи дигари ҷумҳурӣ кӯчидани омӯзгор, натиҷаи аттестатсияи пештараи он то аттестатсияи навбатӣ нигоҳ доша мешавад.

9) Занҳои дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини кӯдакбуда, инчунин шахсони бемор ва дар табобат мебошанд, баъди як соли ба кор баромаданашон мутобиқи банди 2.5-и Низомномаи мазкур аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

10) Аттестатсияи мутахассисони ҷавон, ки ба ҳайси омӯзгор ва ё дар вазифаи роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кор мекунанд, баъди се соли ба кор қабул шуданашон, гузаронида мешаванд.

## 3. Ташкили комиссияи аттестатсинӣ

11) Барои ташкил ва гузаронидни аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ комиссияҳои зерини аттестатсионӣ таъсис дода мешавад:

- комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-комиссияи аттестатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12) Комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳайати Раис (ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ), котиб, аъзои комиссия (муовинони ректори муассиса, раиси Шӯрои илмӣ-методӣ, сардори Шӯъбаи таълим, деканҳо, намояндагони ташкилоти ҷамъиятӣ ва иттифоқи касаба (дар маҷмӯъ, аз 7 то 11 нафар) таъсис дода мешавад.

13) Дар кори комиссияи аттестасионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва вазорут идораҳое, ки муассисаи таълимӣ дар сохтори он аст, иштирок менамоянд.

14) Комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳайати омӯзгорону профессорон ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбиро аз аттестатсия гузаронида, ҳуҷҷатҳои зарурӣро тасдиқ менамояд.

15) Омӯзгороне, ки аз аттестатсия натиҷаи мусбат мегиранд, бо ифтихорнома, мукофоти давлатӣ, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд. Омӯзгороне, ки аз аттестатсия натиҷаи манфӣ мегиранд, пас аз мӯҳлати муайян такроран аз аттестатсия гузаронида мешаванд. Агар онҳо бори дуюм (баъд аз 6 моҳ) аз аттестатсия натиҷаи манфӣ гиранд, он гоҳ дар асоси Кодекси меҳнат нисбат ба онҳо чора андешида мешавад.

16) Комиссияи аттестатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ бо қарори худ ба ҳайати комиссия, сарфи назар аз мӯҳлати ваколати он тағйироту иловаҳо ворид месозанд.

17) Комиссияи аттестатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Раис (муовини аввали Вазир, котиб, муовинони Вазир, сардорони раёсатҳо, Сардори хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва дигар ҳайати роҳбарикунандаи вазорати маориф (дар маҷмӯъ, аз 9 то 11 нафар) таъсис дода мешавад.

18) Комиссияи аттестатсионии Вазорати маориф ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ноибони ректор, мудирони Шӯъбаи таълим, илм, аспирантура, раёсати таълим, декани факултетҳо ва дигар мутахассисони роҳбарикунанда)-ро новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон аз аттестатсия мегузаронад. Комиссияи мазкур барои тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун комиссияи аппелятсионӣ буда, арзу шикояте, ки дар бораи кори комиссияи аттестатсионии мақомоти поёнӣ ворид гардидаанд, дида мебарояд ва қарори дахлдор қабул менамояд.

Муассисаҳои таълимие, ки муассисашон вазорату идораҳо ва ё шахсони ҳуқуқии дигар мебошанд, ҳангоми аттестатсия намояндагонашон ба ҳайати комиссия ворид карда мешаванд. Натиҷаи аттестатсия низ ба муассис барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

19) Комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки воқеияти холҳои дар варақаи баҳодиҳии навъҳои фаъолияти аттестатсияшаванда сабтшударо санҷида, дар дарсҳо иштирок намояд, аз рӯи саволномаҳо сӯҳбати санҷишӣ гузаронад, аз хонандагон ва донишҷӯён кори хаттӣ гирад, дониши хонандагону донишҷӯёни гурӯҳҳоеро, ки аттестатсияшаванда ба онҳо дарс медиҳад, санҷад, фаъолияти кори роҳбарӣ ва методии аттестатсияшавандаро арзёбӣ намояд.

20) Комиссияи аттестатсионӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида фаъолият менамояд.

21) Дар назди комиссияи аттестатсионӣ бо фармони Вазири маориф гурӯҳҳои экспертӣ ташкил мешавад.

## 4.Тартиби омодагӣ ба аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

22) Омодагӣ ба гузаронидани аттестатсия аз баҳодиҳӣ ба фаъолияти аттестатсияшаванда оғоз мегардад. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, намояндагони вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаи таҳсилоти касбӣ доранд, иттифоқи касаба ва

намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар охири сол ба ҳар як намуди фаъолияти аттестатсияшаванда баҳои муайян медиҳанд. Баҳодиҳӣ мувофиқи варақаи баҳодиҳӣ сурат мегирад.

23) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахси аттестатсияшаванда варақаҳои баҳодиҳӣ таҳия намуда, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мефиристад (Намунаи варақаи мазкур дар Низомнома замима шудааст).

24) Ба ҳар як шакли фаъолияти амалии аттестатсияшаванда аз 0 то 50 хол баҳо дода мешавад. Холҳо вобаста ба қобилияти корӣ ва сифати фаъолияти амалии аттестатсияшаванда гузошта мешавад.

25) Барои воқеъбинона иҷро накардани талаботи Низомномаи мазкур ва содир гардидани камбудиҳо дар кори комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун комиссияи аппелятсионӣ ошкор гардидаанд, ба Раис ва аъзои комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои интизомӣ дода мешавад.

26) Кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хусусӣ, ки барномаҳои олии касбиро амалӣ мегардонанд, мувофиқи Низомномаи мазкур аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

27) Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис номгӯ ва саолҳо оид ба фаъолияти аттестатсияшавандаро дар варақаи аттестатсионӣ зиёд карда метавонанд.

28) Барои ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ варақаи мазкур аз ҷониби муассис (муассисон) пур карда мешавад.

29) Варақаи баҳодиҳӣ се нусха тайёр карда шуда, як нусха ба аттестатсияшаванда, нусхаи дуюм ба комиссияи аттестатсионӣ пешниҳод мегардад ва нусхаи сеюм дар муассиса нигоҳ дошта мешавад.

30) Варақаи баҳодиҳӣ барои аз аттестатсия гузаронидани аттестатсияшаванда ҳуҷҷати асосӣ буда, маҳфуз дошта мешавад.

31) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ташкил кардан ва гузаронидани аттестатсия дар баробари варақаи баҳодиҳӣ чорабиниҳои зеринро амалӣ мегардонад:

-таҳия намудани ҷадвали гузаронидани аттестатсия;

-мураттаб сохтани рӯйхати аттестатсияшавандагон;

-омода сохтани тамоми ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ;

-таҳияи саволҳо барои аттестатсияшавандагон;

-гузаронидани семинар дар муассисаи таҳсилоти касбӣ доир ба мақсад, вазифа ва тартиби гузаронидани аттестатсия.

32) Роҳбари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрҳо дар мувофиқа бо иттифоқи касаба мӯҳлати гузаронидани аттестатсияро муқаррар намуда, ҷадвали гузаронидани онро на дертар аз як моҳ то оғози аттестатсия ба маълумоти аттестатсияшаванда мерасонад.

33) Комиссияи аттестатсионӣ номгӯи саволҳои аттестатсиониро бо назардошти талаботи равия ва ихтисосҳо таҳия менамояд.

34) Дар бораи ҳар як корманди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки бояд аз аттестатсия гузарад, ба комиссияи аттестатсионӣ на дертар аз 10 рӯз то саршавии аттестатсия ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

-варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти аттестатсияшаванда, варақаи шахсии шакли муқарраpӣ;

-тавсифнома бо имзои роҳбари муассисаи таҳсилоти касбӣ ва хадамоти кадрии он;

-варақаи аттестатсионии шакли муқарраршуда (бо замимаи хулосаи аттестатсияи қаблӣ):

- ҳуҷҷатхои дигаре, ки ба фаъолияти кории аттестатсияшаванда вобаста аст.

35) Раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дар мӯҳлати 10 рӯз пеш аз аттестатсия аттестатсияшавандаро бо ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи ӯ пешниҳод гардидаанд, шинос намояд. Аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад, ки фикру мулоҳизаҳои худро оид ба ҳуҷҷатҳои нисбат ба ӯ пешниҳодшуда ба комиссияи аттестатсионӣ ба таври хаттӣ маълум намояд.

### 5. Тартиби гузаронидан ва натиҷаи аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

36) Ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ мувофиқи ҷадвали тасдиқшуда дар мӯҳлати муаяншуда доир мегардад. Ҷаласаи комиссия дар сурати иштирок доштани аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия салоҳиятнок ҳисобида мешавад.

Дар протоколи ҷаласа Раис ва котиби комиссия имзо мегузоранд.

37) Аттестатсия бо иштироки аттестатсияшаванда гузаронида мешавад. Дар сурати ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ӯ дар рӯзҳои иловагии дар ҷадвали пешбинишуда аз аттестатсия гузаронида мешавад.

Дар сурати такроран бе сабабҳои узрнок ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ӯ аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуда, ба вазифаи ишғолнамудааш номувофиқ шуморида мешавад.

38) Комиссияи аттестатсионӣ асосан ба натиҷаҳои фаъолияти аттестатсияшаванда, ки дар варақаи баҳодиҳии ӯ сабт шудаанд ва аъзои комиссияи экспертӣ дуруст ё мувофиқат накардани онҳоро интихобан, ё ба пуррагӣ санҷидаанд, эътибори махсус медиҳад.

39) Дар рафти ҷаласа котиби комиссияи аттестатсионӣ ҳуҷҷатҳои ба комиссия пешниҳодшудаи аттестатсияшавандаро муаррифӣ мекунад ва фикру мулоҳизаҳои аъзои комиссия ва худи аттестатсияшаванда шунида мешавад. Комиссия дар ғоиби аттестатсияшаванда аз рӯи натиҷаи аттестатсия ба фаъолияти ӯ чунин баҳо медиҳад:

-ба мансаб (вазифа) мувофиқ нест;

-ба мансаб (вазифа)-и ишғолшуда мувофиқ аст.

40) Раиси комиссия қарори протоколи ҷаласаро дар ҳузури аъзои комиссия ва аттестатсияшаванда эълон менамояд.

Натиҷаи аттестатсия дар варақаи аттестатсионӣ сабт гардида, аз ҷониби комиссия ба имзо мерасад ва ба маълумоти аттестатсияшаванда расонида мешавад.

Аттестатсияшаванда ба варақаи аттестатсионӣ шинос шуда, ба он имзо мегузорад. Ҳангоми аз аттестатсия гузаштани корманди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ӯ шаҳодатнома дода мешавад.

Аз натиҷаи аттестатсия ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як моҳи баъди анҷом ёфтани аттестатсия маълумот пешниҳод карда мешавад.

41) Ҳуҷҷатҳои аттестатсия (варақаи баҳодиҳӣ, анкета, тавсифнома, варақаи аттестатсионӣ, протоколи ҷаласа) дар делои шахсии аттестатсияшаванда нигоҳ дошта мешавад.

42) Натиҷаи аттестатсия ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олиии касбӣ, ки ҳуқуқи таъйин ва озод кардани аттестатсияшавандаро доранд, дар давоми як ҳафтаи баъди аттестатсия пешниҳод карда мешавад.

43) Роҳбари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қарори Комиссияи аттестатсионӣ нисбат ба аттестатсияшаванда дар мӯҳлати ду моҳ қарори дахлдор мебарорад.

44) Дар сурати ба қарори Комиссияи аттестатсионӣ розӣ набудани аттестатсияшаванда ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба Комиссияи аттестатсионии мақомоти болоӣ то ба Вазорати маориф ва ё ба суд мурочиат намояд.

45) Дар сурати ба мансаби ишғолнамудааш мувофиқ набудани кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбари мақомоти болоии дахлдор дар давоми ду моҳ аз рӯи аттестатсия ба ӯ вазифаи дигарро пешниҳод менамояд. Агар аттестатсияшаванда ба ин розӣ нашавад, мутобиқи қонунгузории амалкунанда ӯ аз вазифа озод карда мешавад.

46) Аттестатсия мувофиқи нишондодҳое, ки дар замимаҳо омадааст, гузаронида мешавад.

470) Мувофиқи натиҷаи ниҳоӣ ба шахси аттестатсияшаванда чунин баҳогузорӣ карда мешавад:

- ҳангоми соҳиб шудан то ба 40% холҳои имконпазир тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҳуқуқи фаъолияти минбаъда дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маҳрум карда мешавад;

- ҳангоми соҳиб шудан то ба 70% холҳои имконпазир ба раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тавсия дода мешавад, ки ба муддати як сол бо корманд қарордоди меҳнатӣ баста, такроран кормандро баъди як сол тибқи Низомномаи мазкур аз аттестатсия гузаронад, агар аттестатсияшаванда дар вазифаи роҳбарикунанда фаъолият дошта бошад, дар ин маврид аз вазифа озод карда мешавад.

- дар мавриди соҳиб шудан аз 70% зиёди холҳои имконпазир шахси аттестатсияшаванда пурра ҳуқуқи фаъолиятро дошта раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки чунин шахсонро ба дарёфти ҷоизаҳо, мукофоти давлатӣ ва соҳавӣ пешниҳод намояд ва аз ҷиҳати молиявӣ ҳавасманд гардонад.

**Замимаи 1**
«Тасдиқ мекунам»
Ректор (директор)
___________
__________ соли 200__

Маълумотномаи
корманди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

_______________________________________________________________
Ному насаб, ҷойи кор, вазифа,

ба вазифа таъин карда шуд ________________________________
давраи гузаронидани аттестатсия ________________________________

Фаъолияти корӣ дар ин муассисаи таълимӣ

| Таърих | Вазифа |
|---|---|
| | |
| | |

Дараҷаи тахассус

| Таърих | Дараҷаи тахассус |
|---|---|
| | |
| | |

Шакли такмили ихтисос (курс, муассисаи таълимии бозомӯзӣ, нишонӣ, диплом)
Курси такмили ихтисос, таълим

| Мӯҳлат | Намуди такмили ихтисос (курс, семинар) | Ҳуҷҷати тасдиққкунанда (диплом, сертификат) | Такмили ихтисос дар куҷо гузашт (номи муассиса, нишонӣ) |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Нишондиҳандаҳои асосии варақаи баҳодиҳӣ дар давраи гузаронидани аттестатсия
Соли 2007 - хол
Соли 2008 - хол
Соли 2009 - хол
Соли 2010 - хол
Соли 2011 - хол

_______________________________________________________________

Шинос шудам ___________ __________

Таърих                                        Имзо

Шӯъбаи кадр                                   _______________________

Ному насаб, имзо, таърих

Ҷои мӯҳр                                      «____»_______________ соли 200

**Замимаи 2**

Варақаи аттестатсионӣ

_____________________________________________________________________

Ному насаб

Ҷойи кор, вазифа

_____________________________________________________________________

Барои давраи ___________________аз аттестатсия гузаронида мешавад

Дар вазифаи мазкур аз _____________________________кор мекунад

Собиқаи умумии корӣ _______________ аз ҷумла омӯзгорӣ_____________________________________________

Сол, моҳ ва рӯзи таваллуд ________________ миллат _____________________________________________

Таҳсилот _____________________________________________________________________

Номи муассисаи таълимӣ, соли хатм, тахассус

Дараҷаи тахассус_____________________________________________________________________

Мукофот_____________________________________________________________________

(давлатӣ, соҳавӣ, ҷамъиятӣ, соли гирифтани он)

Ҷазои интизомӣ _____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

Намуди ҷазо, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст?

Нишондиҳандаҳои варақаи баҳодиҳӣ_____________________________________________________________

Холҳо

Саволҳо

1. _____________________________________________________________
2. _____________________________________________________________
3. _____________________________________________________________
4. _____________________________________________________________

## Хулосаи комиссия

Эътирози аттестатсияшаванда___________________________________________________________

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

## Хулосаи комиссия:

_____________________________________________________________________

Мутобиқи банди 5.4 Қоидаҳои мазкур пур карда мешавад

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

Раис ________________
Котиб ________________
Аъзо ________________
________________
________________
________________

**Замимаи 3**

Протоколи №___
ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ

аз____ ________ соли 200__ ш. Душанбе

Иштирок доштанд:________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
Ному насаб

Рӯзномаи ҷаласа:
1. Аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Шунида шуд:
____________________________________________________________
Ному насаби аттестатсияшаванда, вазифа
Баромад карданд:
____________________________________________________
____________________________________________________
____________________________________________________
____________________________________________________
Ному насаб
Пешниҳоду тавсияҳо ________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
Қарор карда шуд____________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________

Аттестатсияшаванда бо варақаи аттестатсионӣ шинос шуда, ба хулосаи комиссия розӣ ҳаст (нест, эътироз дар варақаи аттестатсионӣ сабт карда шудааст).

Раис ______________
Котиб _______________
Аъзо _______________

**Замимаи 4**

Ҷойи расм

Шаҳодатномаи № ___

Дода шуд ба ____________________________________________________
Ному насаб
Вазифа ва ҷойи кор _______________________________________________

Дар ин хусус, ки ӯ аттестатсияро дар комиссияи __________________________
_____________________________________________________________________________
_______________________________________________________________
______________________________________________________________________
Номи муассисаи таълимӣ

гузашт ва ба вазифаи (мансаби)________________________________________
______________________________________________________________________

мувофиқат менамояд ва ба ӯ дараҷаи тахассусии _____________дода шуд

Асос: Протоколи ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ № _____
аз «___» _________ соли 200__

Раиси комиссияи аттестатсионӣ ___________________

Ҷои мӯҳр «___»___________ соли 200_____

**Замимаи 5**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти ҳайати кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Чумҳурии Тоҷикистон**

| т/р | Меъёрҳои баҳодиҳӣ | Холи пешбинишуда |
|---|---|---|
| | Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 |
| 1 | Унвони илмӣ: а) номзади илм<br>б) доктори илм | 10<br>20 |
| 2 | Профессор, доктори илм | 10 |
| 3 | Профессор, номзади илм | 8 |
| 4 | Дотсент, доктори илм | 7 |
| 5 | Дотсент, номзади илм | 6 |
| 6 | Муаллими калон, номзади илм | 5 |
| 7 | Муаллими калон | 3 |
| 8 | Муаллим, ассистент | 2 |
| 9 | Узви академияи байналмилалӣ | 10 |
| 10 | Узви академияи соҳавӣ | 8 |
| 11 | Аъзои академияи ҷомеашиносӣ | 6 |
| 12 | Ходими шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 |
| 13 | Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8 |
| 14 | Корманди шоистаи соҳавӣ | 6 |
| 15 | Аълочии соҳавӣ | 5 |
| 16 | Лауреати мукофоти давлатӣ | 10 |
| 17 | Лауреати мукофоти байналмилалӣ | 10 |
| 18 | Профессори фахрии донишгоҳҳои хориҷӣ | 10 |
| 19 | Профессори фахрии донишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ | 8 |
| 20 | Ректори муассиса | 15 |
| 21 | Ноиби ректори муассиса | 10 |
| 22 | Роҳбари шӯъбаи муассиса | 8 |
| 23 | Узви Шӯрои методии муассиса | 7 |
| 24 | Декани факултет | 6 |
| 25 | Роҳбари самти илмии факултет | 5 |
| 26 | Ҷонишини декани факултет | 3 |
| 27 | Мудири кафедра | 5 |
| 28 | Роҳбари самти илмии кафедра | 3 |
| 29 | Раиси Шӯрои диссертатсионӣ | 15 |

| | | |
|---|---|---|
| 30 | Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ | 10 |
| 31 | Котиби Шӯрои диссертатсионӣ | 9 |
| 32 | Узви Шӯрои диссертатсионӣ | 8 |
| 33 | Узви Шӯрои олимони муассиса | 7 |
| 34 | Котиби Шӯрои олимони муассиса | 7,5 |
| 35 | Узви Шӯрои олимони факултет | 6,5 |
| 36 | Узви Шӯрои методии факултет | 5 |
| 37 | Корҳои илмӣ таҳқиқотӣ (бо пешниҳоди нусха):<br>а) нашри монография дар дохили кишвар<br>б) нашри монография дар хориҷи кишвар | <br>10<br>20 |
| 38 | Нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои эътирофшудаи комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия (бо пешниҳоди нусха аз маҷалла):<br>**а) надорад**<br>**б) теъдоди то 10**<br>в) **теъдоди аз 10 то 25**<br>г) нашри мақола дар дохили кишвар<br>д) нашри мақола дар хориҷи кишвар<br>**теъдоди аз 25 то 50**<br>а) нашри мақола дар дохили кишвар<br>б) нашри мақола дар хориҷи кишвар<br>**теъдоди аз 50 зиёд**<br>а) нашри мақола дар дохили кишвар<br>б) нашри мақола дар хориҷи кишвар | <br><br><br>0<br>3<br><br>5<br>10<br><br>10<br>20<br><br>20<br>30 |
| 39 | Теъдоди дастурҳои методии бо тавсияи Шӯрои методии муассисаи таълимӣ нашршуда (ба ҳар дастур):<br>а) бо қарори мушовараи Вазорати маориф<br>б) бо дигар қарорҳо | <br><br>10<br>5 |
| 40 | Таҳияи силлабус ва барнома аз фанҳои таълимӣ ва мувофиқатии онҳо ба равия ва ихтисос | То 10 |
| 41 | Мувофиқатии ихтисос ба фанҳои тадрисшаванда<br>а) мувофиқат мекунад<br>б) мувофиқат намекунад | <br>То 10<br>0 |
| 42 | Нашри китобҳои дарсӣ аз ихтисос бо забони давлатӣ (ба ҳар дастур):<br>а) бо қарори Мушовараи Вазорати маориф<br>б) бо дигар қарорҳо | <br><br>10<br>5 |
| 43 | Маҳорати истифодабарии тахтаи электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар раванди таълим | То 10 |
| 44 | Маҳорати истифодабарии технологияи компютерӣ ва шабакаи Интернет дар раванди таълим:<br>а) истифода бурда метавонад<br>б) истифода бурда наметавонад | <br><br>То 10<br>0 |
| 45 | Донистани забонҳо: а) забони давлатӣ<br>б) забони русӣ<br>в) забони англисӣ<br>г) дигар забонҳо | То 10<br>То 10<br>То10<br>То 10 |
| 46 | Иштирок ва дарсазхудкунии донишҷӯён ба дарси омӯзгор | То 10 |
| 47 | Роҳбарӣ ва мушовирӣ ба корҳои илмии: | |

| | | |
|---|---|---|
| | а) аспирантон (ба ҳар аспирант)<br>б) номзадҳои илм (ҳимоякарда)<br>в) докторантон (ба ҳар докторант)<br>г) доктрони илм (ҳимоякарда) | 5<br>10<br>15<br>20 |
| 48 | Донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиннаи таҳсилот | Аз 0 то 50 |
| 49 | Гузаштан аз такмили ихтисос | То 10 |
| 50 | Маърӯза дар конференсия ва симпозиумҳо (пешниҳоди нусха аз маводи чопии конференсия ва симпозиумҳо):<br>а) ҷумҳуриявӣ<br>б) минтақавӣ<br>в) байналмиллалӣ | <br><br>5<br>10<br>15 |
| 51 | Ихтирооту навоварӣ ба ҳар як патент | 10 |
| 52 | Иштироки шогирдон дар озмунҳо: **I)Байналмиллалӣ**<br>а) ҷойи 1<br>б) ҷойи 2<br>в) ҷойи 3<br>**II) Минтақавӣ**<br>а) ҷойи 1<br>б) ҷойи 2<br>в) ҷойи 3<br>**III) Ҷумҳуриявӣ**<br>а) ҷойи 1<br>б) ҷойи 2<br>в) ҷойи 3 | <br>25<br>20<br>15<br><br>20<br>15<br>10<br><br>15<br>10<br>5 |
| 53 | Шиносоӣ бо маҳорати касбии омӯзгор ва баҳодиҳии донишҷӯ ба сатҳи касбии он | То 20 |
| 54. | Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим ҳангоми дарс | |
| 55. | Ташкил ва роҳбарии маҳфилҳои ихтироъкорӣ, тахассусӣ ва фаннӣ | |
| 56. | Мавҷудияти шакли электронии маводи таълимӣ ва ғайра | |
| 57. | Таҳияи лоиҳаҳо, иштирок дар барнома ва грантҳои байналмилалии соҳаи маориф | |

**Замимаи 6**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти ноиби ректор оид ба таълим**

| № | **Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ** | **Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият** |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи тартиботи муқарраргардида ташкил намудани ҷараёни корҳои таълимӣ | |
| 2. | Назорати иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ, методӣ ва тарбиявӣ | |
| 3. | Ташкили босамари конференсияҳои дохилӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ | |
| 4. | Натиҷаи кори Шӯрои илмӣ-методӣ, тарбия | |
| 5. | Ташкил ва таъмин намудани иштироки донишӯён дар озмунҳои дохилӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ | |
| 6. | Таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои корӣ (нақшаҳои корӣ-таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, методӣ) | |
| 7. | Ташкил ва таъмин намудани синфхонаҳо бо технологияи таълимии замонавӣ | |
| 8. | Назорат ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф | |
| 9. | Назорати доимии вазъи санитарию гигиении муассисаи таълимӣ | |
| 10. | Корҳои хоҷагидорӣ ва мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаи таълимӣ | |
| 11. | Истифодаи босамари компютерҳо дар муассисаи таълимӣ | |
| 12. | Таъмин намудан ва гузаронидани устодони муассисаи таълимӣ аз курси такмили ихтисос | |
| 13. | Назорат ҷиҳати азхуд намудани барномаҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён | |
| 14. | Дуруст ба роҳ мондани корҳои хоҷагӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ | |

| | | |
|---|---|---|
| 15. | Назорат ва иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 16. | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба таълим, тарбия ва шароити зисти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи президентӣ дар муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд | |
| 17. | Назорат ва иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методии муассисаи таълимӣ, фармонҳои ректор оид ба барқарор, хориҷ, гузаронидан ва мувофиқати онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | |
| 18. | Назорат ва иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ ва мувофиқати онҳо бо Стандарти давлатии таҳсилот | |
| 19. | Чорабиниҳо барои беҳтар намудани таълиму тарбия ва муҳокимаи он дар Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ | |
| 20. | Назорати сифати таълими фанҳои тахассусӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ ва вазъи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмӣ-методӣ | |
| 21. | Самтҳои тадқиқоти илмӣ ва алоқаи онҳо бо хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, назорати корҳои илмӣ ва робитаи онҳо бо раванди таълим, кашфиёт, дастовардҳо ва ихтирооти олимон | |
| 22. | Нақшаи кории конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳо, иштироки олимони донишгоҳ дар конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | |
| 23. | Таъмин намудани раванди таълиму тарбия бо барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ | |
| 24. | Ба роҳ мондани кор бо донишҷӯёни аз оилаи камбизоатбуда | |
| 25. | Ташкили дурусти ҳисоботи оморӣ ва пешниҳоди онҳо ба идора ва шӯъбаҳои дахлдор | |
| 26. | Чораҳои андешидаи раёсат оид ба беҳтар намудани сифати таълим | |
| 27. | Назорат ва татбиқи амалии низомномаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорат қабул шудааст | |
| 28. | Назорат ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2003, №508 дар бораи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014 | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 7**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти ноибони ректор оид ба илм**

| № | **Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ** | **Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар намуди фаъолият** |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи тартиботи муқарраргардида ташкил намудани чораёни корҳои илмию тадқиқотӣ ва методӣ | |
| 2. | Назорати ичрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотии фармоишӣ | |
| 3. | Ташкили босамари конференсияҳои дохилӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | |
| 4. | Назорати кори шӯроҳои диссертатсионии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ | |
| 5. | Ташкил ва таъмин намудани иштироки донишҷӯён дар конфронсҳои илмӣ, озмунҳои дохилӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | |
| 6. | Таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои корӣ (нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ | |
| 7. | Назорати корҳои илмии омӯзгорони ҷавон | |
| 8. | Қарорҳои Шӯрои илмӣ-методӣ ва қарорҳои ҷаласаҳои илмии факултаю кафедраҳо | |
| 9. | Мустаҳкам намудани пояи моддию техникӣ ва кадрии илмии муассисаи таълимӣ | |
| 10. | Истифодаи босамари компютерҳо дар муассисаи таълимӣ | |
| 11. | Дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм | |
| 12. | Назорат ва иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар соҳаи илм) | |
| 13. | Назорат ва иҷрои қарорҳои Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ | |
| 14. | Самтҳои тадқиқоти илмӣ ва робитаи онҳо бо хоҷагии халқи ҷумҳурӣ | |
| 15. | Нақшаи кори конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳо, иштироки олимони донишгоҳ дар конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ | |

| | | |
|---|---|---|
| 16. | Вазъи адабиёти илмӣ, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ | |
| 17. | Назорати сифати машғулиятҳои аспирантон ва унвонҷӯён | |
| 18. | Вазъи корҳои илмии устодон ва баррасии он дар Шӯрои олимон | |
| 19. | Назорати Шӯрои олимони ҷавон ва Ҷамъияти илмии донишҷӯён. | |
| 20. | Таъмин намудани раванди таълиму тарбия бо барномаҳои таълимӣ ва адабиёти илмӣ | |
| 21. | Назорати аттестатсияи аспирантон ва унвонҷӯён дар кафедраҳо | |
| 22. | Ташкили дурусти ҳисоботи солонаи илмӣ ва пешниҳоди онҳо ба идора ва шӯъбаҳои дахлдор | |
| 23. | Чораҳои андешидаи раёсат оид ба беҳтар намудани сифати корҳои илмӣ | |
| 24. | Назорат ва иҷрои нақшаи дурнамои мавзӯъҳои илмию тадқиқотии фармоишӣ барои солҳои 2006-2010 | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 8**

**Варақаи баҳодиҳии ба фаъолиятӣ ноиби ректор оид ба тарбия**

| № | Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ | Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи тартиботи муқарраргардида ташкил намудани ҷараёни корҳои тарбиявӣ | |
| 2. | Назорати иҷрои нақша ва барномаҳои тарбиявӣ | |
| 4. | Назорати иҷрои нақшаи кори ҷонишинони деканҳо оид ба корҳои тарбия | |
| 5. | Таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои корӣ (нақшаҳои кории тарбиявӣ) | |
| 6. | Назорати раванди тарбия дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | |
| 7. | Назорати қарорҳои Шӯрои илмӣ-методӣ ва ғайра | |
| 8. | Назорат ва иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар соҳаи тарбия) | |
| 9. | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба таълим, тарбия ва шароити зисти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи президентӣ дар муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд | |
| 10. | Назорат ва иҷрои қарорҳои Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ (дар соҳаи тарбия) | |
| 11. | Чорабиниҳо барои беҳтар намудани таълиму тарбия ва муҳокимаи он дар Шӯрои олимон | |
| 12. | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ва варзишӣ | |
| 13. | Таъин намудани кураторони гурӯҳҳои таълимӣ ва назорати доимӣ аз болои фаъолияти онҳо | |

| | | |
|---|---|---|
| 14. | Татбиқи Консепсияи миллии тарбия дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | |
| 15. | Ташкил намудан ва гузаронидани маҷлиси ҳисоботӣ ва интихоботии сардорони гурӯҳ ва кураторони онҳо | |
| 16. | Ташкил намудани тамошои театр, осорхона, ҷойҳои таърихӣ, саёҳат ба табиат бо роҳбарии кураторон ва сардорони факултетҳо | |
| 17. | Сӯҳбат ва андешидани чораҳо оид ба тартибу интизом, давомот ба дарсҳо ва маҳфилҳо, иҷрои қоидаҳои донишҷӯӣ, маданияти сухан ва муошират | |
| 18. | Барқарор намудани робитаи мутақобила байни волидайни донишҷӯён ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | |
| 19. | Дидани чораҳои зарурӣ нисбат ба донишҷӯёни интизомашон суст, бадхон ва дарсгурез, ҳамкорӣ бо раёсат ва садорати факултетҳо дар ин хусус | |
| 20. | Баланд бардоштани сифати кори маҳфилҳои донишҷӯӣ ва маҳфилҳои фаннӣ | |
| 21. | Баровардани газетаҳои деворӣ дар гурӯҳҳо, факултетҳо бахшида ба идҳо ва ҷашнвораҳо | |
| 22. | Ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо бо шоирон, нависандагон, намояндагони идораю вазоратҳои қудратӣ ва собиқадорони ҷангу меҳнат | |
| 23. | Муҳокима ва ҷамъбаст намудани ҳисоботи кураторон ва ҷонишинони деканҳои факултетҳо оид ба ҳолати таълиму тарбия | |
| 24. | Пешниҳоди ҳисоботи ҷонишинони деканҳо ва ноиби ректор доир ба корҳои ташкилӣ ва тарбиявӣ ҳар нимсола ва солона | |
| 25. | Роҳбарӣ ва назорат ба ҷараёни кори Шӯрои кураторон | |
| 26. | Таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо ва барномаҳо оид ба проблемаҳои тарбия | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 9**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ**

| № | Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ | Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мондани муносибатҳои муассиса бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ | | |
| 2. | Таҳия ва ба имзо расонидани Созишнома ва тафоҳумномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ | | |
| 3. | Назорат ва иҷрои асноди меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф | | |
| 4. | Танзими раводид ва бақайдгирии шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ | | |
| 5. | Ташкили ҷараёни таълим, корҳои илмию тадқиқотӣ, методӣ ва тарбиявӣ бо шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ | | |
| 6. | Назорати иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ, илмию тадқиқотӣ, методӣ ва корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯёну аспирантон ва муҳаққиқони хориҷӣ | | |
| 7. | Таъмини иштироки муаллимон, аспирантону донишҷӯёни хориҷӣ дар озмун, симпозиум ва конфронсҳои минтақавию байналмилалӣ | | |
| 8. | Ташкили иштироки донишҷӯёни хориҷӣ дар конфронсҳои дохиличумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ | | |
| 9. | Назорат ва иҷрои амру фармон-ҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мушоварaи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба муносибатҳои байналмилалӣ | | |
| 10. | Вазъи таълиму тарбия ва шароити зисти донишҷӯёни хориҷӣ | | |
| 11. | Иҷрои қарорҳои Шӯрои олимо-ни муассисаи таълимӣ (дар бахши байналмилалӣ) | | |
| 12. | Чорабиниҳо ҷиҳати беҳтар кардани таълиму тарбия, шароити зисти донишҷӯёни хориҷӣ ва муҳокимаи он дар Шӯрои олимон | | |
| 13. | Назорати иштироки донишҷӯёну аспирантони хориҷӣ дар дарс | | |
| 15. | Кор бо донишҷӯёни хориҷӣ берун аз соатҳои таълимӣ | | |
| 16. | Ҳисоботи оморӣ ва пешниҳоди онҳо ба идораву шӯъбаҳои дахлдор | | |
| 17. | Чораҳо ҷиҳати тақвият ва густариши ҳамкориҳо бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ | | |
| 18. | Чораҳо ҷиҳати такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба муассисаҳои таълимию илмии кишварҳои хориҷӣ фиристодани муаллимон, унвонҷӯён, аспирантону докторантони муассиса | | |
| 19. | Чораҳои андешидаи раёсат оид ба беҳтар намудани сифати таълими донишҷӯёни хориҷӣ | | |
| 20. | Чораҳои андешидаи раёсат оид ба беҳтар намудани сифати корҳои илмии донишҷӯёни хориҷӣ | | |
| 21. | Назорати аттестатсияи донишҷӯёни хориҷӣ дар муасисаи таҳсилоти олии касбӣ | | |
| 22. | Таълиму тадриси забони давлатӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ | | |
| 23. | Вазъи таъмини донишҷӯёни хориҷӣ бо адабиёти илмӣ, монаграфияҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ | | |
| 24. | Иштироки донишҷӯёни хориҷӣ дар олимпиадаҳои фаннӣ, конференсияҳо ва семинарҳои назариявӣ | | |
| 25. | Таъмин намудани раванди таълиму тарбияи донишҷӯёни хориҷӣ бо барномаҳои таълимӣ | | |
| 26. | Ҳисоботи семоҳа, нимсола ва солонаи фаъолияти донишандӯзии донишҷӯёни кишварҳои хориҷӣ | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 27. | Ҷамъи холҳо: | | |

**Замимаи 10**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти ноиби ректор оид ба иқтисод (хоҷагӣ)**

| № | Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ | Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи тартиботи муқаррагардида ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ, таъмин намудани пояи моддии чараёни таълиму тарбия | |
| 2. | Назорат ва иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фаъолияти иқтисодӣ ва хоҷагидории муассисаи таълимӣ вобаста аст | |
| 3. | Назорат ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодӣ ва хоҷагидории муассисаи таълимӣ | |
| 4. | Назорати воридшавии маблағи таълим аз гурӯҳҳои шартномавӣ | |
| 5. | Назорати истифодаи мақсадноки маблағхои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии муассисаи таълимӣ | |
| 6. | Ҳисоби арзиши хизматрасониҳои иловагии таълими пулакӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 7. | Таъмин ва назорати техникаи бехатарӣ аз сӯхтор дар хобгоҳҳои донишҷӯён | |
| 8. | Ташкил намудани шароити зисти  донишҷӯёне, ки тибқи квотаи президентӣ дар муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд. | |
| 9. | Ташкил ва таъмин намудани синфхонаҳо ба технологияи таълимии замонавӣ | |
| 10. | Назорати доимии вазъи санитарию гигиении муассисаи таълимӣ | |
| 11. | Ташкили корҳои хоҷагидорӣ ва мустаҳкам кардани пояи моддию техникии муассисаи таълимӣ | |
| 12. | Назорати иҷрои харҷномаи муассисаи таълимӣ | |
| 13. | Ташкили дурусти ҳисоботи оморӣ ва пешниҳоди он ба идораҳои дахлдор | |
| 14. | Назорат аз рӯи сифати корҳои сохтмонӣ, таҷдид, барқарорсозӣ, таъмири асосии биноҳои таълимӣ ва хобгоҳхо | |
| 15. | Таҳияи нархномаи хизматрасонии иловагии пулакӣ дар асоси | |

| | | |
|---|---|---|
| | Тавсияномаи арзиши намунавии хизмати иловагии таълими пулакӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 16. | Таҳияи лоиҳаи буҷети муассисаи таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 17. | Фаъолияти донишгоҳ вобаста ба баланд бардоштани маоши кормандон ва дигар воситаҳои ҳавасмандкунӣ | |
| 18. | Ҳаҷми ёрӣ ва шумораи кормандони ёрии якваҷта гирифта | |
| 19. | Таъмин ва назорати техникаи бехатари аз сӯхтор дар биноҳои таълимӣ | |
| 20. | Назорати иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон, ҷаласаҳои назди ректор дар масъалаи иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ | |
| 21. | Назорат ва ташкил намудани корҳои хоҷагидорӣ | |
| 22. | Ба нақшагирии масъалаҳои иқтисодиёти муассисаи таълимӣ | |
| 23. | Ба танзим даровардани кори кормандони техникӣ ва хобгоҳҳо | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 11**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти декани факултет**

| **№** | **Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ** | **Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият** |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи Конститутсия ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия | |
| 2. | Назорати иҷрои барномаҳо ва нақшаи таълимӣ | |
| 3. | Назорат аз болои иҷрои раванди таълим | |
| 4. | Назорати давомот ва азхудкунии донишҷӯён | |
| 5. | Ташкили сессияҳои санҷишию имтиҳонӣ | |
| 6. | Дуруст ба роҳ мондани имтиҳони давлатӣ ва рисолаҳои дипломӣ | |
| 7. | Ташкили ҷараёни таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ | |
| 8. | Ташкил ва назорат аз болои татбиқи шаклҳои нави таълим | |
| 9. | Назорати фаъолияти кураторони гурӯҳҳо | |
| 10 | Интихоб ва тақсимоти ҳайати профессорону устодон дар байни кафедраҳо | |
| 11. | Тасдиқи нақшаҳои инфиродии устодон | |
| 12. | Назорати иҷрои сарбории устодон | |
| 13. | Ташкили босифати шаклҳои гуногуни таълим (лексияҳо, семинарҳо, корҳои амалӣ ва ғайра) | |
| 14. | Банақшагирии дурнамои корҳои илмӣ | |
| 15. | Назорати нашри адабиёти таълимӣ ва илмӣ методӣ | |
| 16. | Интихоби аспирантон, коромӯзон ва довталабон | |
| 17. | Гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ, озмунҳо ва ғайра | |
| 18. | Ташкили кор оид ба қабули довталабон | |
| 19. | Ташкили робита бо хатмкунандагони солҳои пешин | |
| 20. | Назорати кори кормандони техникӣ | |
| 21. | Назорат ва иҷрои қарорҳои Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ | |
| 22. | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба таълиму тарбия ва шароити зисти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи президентӣ таҳсил мекунанд | |

| | | |
|---|---|---|
| 23. | Таҳияи босифати ҳуҷҷатҳои корӣ | |
| 24. | Чораҳои мушаххас андешидан бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия | |
| 25. | Ташкили бевоситаи корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ-методӣ, тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмӣ-педагогӣ | |
| 27. | Назорат ва татбиқи амалии Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар Низомномае, ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, назорат ва иҷрои феҳристи ҳуҷҷатгузории Низомномаи факултет ва кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 12**

**Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти мудири кафедра**

| **№** | **Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ** | **Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият** |
|---|---|---|
| 1. | Мутобиқи Конститутсия ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия аз рӯи фанҳои таълимии кафедра | |
| 2. | Назорати доимии сифати дарсҳои тахассусӣ | |
| 3. | Гузаронидани машваратҳои таълимию методӣ бо аъзои кафедра | |
| 4. | Расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон | |
| 5. | Банақшагирӣ, роҳбарӣ ва назорати иҷрои мавзӯъҳои тадқиқоти илмӣ | |
| 6. | Муҳокимаи корҳои илмии ба анҷомрасида | |
| 7. | Амалигардонии натиҷаҳои корҳои илмӣ | |
| 8. | Назорати тақсимот ва иҷрои сарбориҳои устодон | |
| 9. | Банақшагирии корҳои илмию методии кафедра | |
| 10 | Ҷавобгарӣ ба сифати тайёр намудани мутахассисон | |
| 11. | Назорати иҷрои вазифаҳои устодон | |
| 12. | Роҳбарӣ ба корҳои истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, курсӣ ва дипломӣ | |
| 13. | Баррасиии нақшаву барномаҳои инфиродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва тарбиявии устодон | |
| 14. | Тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ | |
| 15. | Баррасии рисолаҳои номзадӣ ва доктории аз берун воридшаванда | |
| 16. | Барқарор намудани алоқа бо истеҳсолот | |
| 17. | Ташкили робитаи мунтазам бо хатмкунандагон | |
| 18. | Ташкилу баррасии дарсҳои кушод ва ба дарсиҳамдигардароии устодон | |
| 19. | Муҳокимаи матни лексияҳои устодон | |
| 20. | Таҳия ва истифода бурдани технологияи нави таълим ҳангоми машғулиятҳо | |
| 21. | Таҳия ва пешниҳоди маводи таълимӣ ба нашр | |

| | | |
|---|---|---|
| 22. | Роҳбарӣ ба корҳои илмӣ тадқиқотии устодон | |
| 23. | Таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмӣ-методӣ | |
| 24. | Пешниҳоди тақриз ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маводи таълимӣ | |
| 25. | Ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявии устодон | |
| 26. | Ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳони ҷорӣ | |
| 27. | Дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигорӣ дар асоси феҳристи Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

**Замимаи 13**

**Варақаи баҳодиҳӣ**
**ба фаъолияти ассистентон, омӯзгорон, саромӯзгорон ва дотсентону профессорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| № | Номгӯи фаъолият барои баҳодиҳӣ | Баҳо (хол) аз 0 то 10 ба ҳар як намуди фаъолият |
|---|---|---|
| 1. | Мавҷуд будани нақша ва барномаҳои таълимӣ | |
| 2. | Иштирок дар кори конференсияву семинарҳои дохилидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ | |
| 3. | Таъмин будани донишҷӯён бо дастуру китобҳои дарсии фанни омӯхташаванда | |
| 4. | Азхуднамоии барномаи таълимӣ аз тарафи донишҷӯён 60-100% | |
| 5. | Истифода аз аёният дар дарс | |
| 6. | Дар асоси талабот пур кардани журналҳо | |
| 7. | Омодагӣ ва тарзи дарсгузаронии устод | |
| 8. | Роҳбарӣ (мушовирӣ) ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва рисолаҳои илмии унвонҷӯён, аспирантон ва докторантон | |
| 9. | Корҳои таълимӣ-методӣ дар давоми панҷ сол | |
| 10. | Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар давоми панҷ сол | |
| 11. | Иштироки донишҷӯён ба дарси устод | |
| 12. | Бадарсиҳамдароии устод | |
| 13. | Иштирок дар дарсҳои кушод | |
| 14. | Таҳлили дарсҳо ва тавсияҳо ба устодони ҷавон | |
| 15. | Кор бо донишҷӯёни сустхон | |
| 16. | Назорати корҳои инфиродии донишҷӯён | |
| 17. | Мавҷуд будани матни лексияҳо | |
| 18. | Тибқи талабот гузаронидани дарсҳои амалӣ ва семинарӣ | |
| 19. | Иҷрои нақшаҳои инфиродӣ дар давоми панҷ сол | |
| 20. | Бозомӯзӣ ва курси такмили ихтисос (тибқи талабот) | |
| 21. | Гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ (дарсҳои кураторӣ) | |
| 22. | Иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ | |
| 23. | Сифати ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигории устод | |

| | | |
|---|---|---|
| 24. | Собиқаи бефосилаи кори омӯзгорӣ | |
| 25. | Мавҷуд будани Нақшаи кории тарбиявӣ (дар сурати куратори гурӯҳ будан) | |
| 26. | Иҷрои сарбории устод дар давоми сол | |
| 27. | Истифодабарии техникаю технологияи муосир | |
| | Барномаи пеш аз аттестатсионии омӯзгор | |
| | Ҷамъи холҳо: | |

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Тартиб ва шартҳои баҳогузории рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Тартиби мазкур бо мақсади муайян кардани сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон (мудирони кафедраҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон (устодон), ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи вазифаи штатӣ ва ҳамкор фаъолият менамоянд, таҳия гардидааст.

Мақсади ниҳоии низоми баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон (мудирони кафедраҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон (устодон) ин баландбардории самаранокии кор ва рақобатпазирии коллективи илмӣ-омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва беҳтаркунии сифати тайёркунии мутахассисон ба ҳисоб меравад.

2) Асоси меъёрии ҳуқуқӣ барои баҳогузории сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон талаботи тахассусии онҳо, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мебошад, ки сифат ва сатҳи фаъолияти онҳоро муайян мекунад.

**2.Баҳогузории сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон**

3) Баҳогузории рейтингӣ барои баландбардории самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои он оид ба амалигардонии барномаҳои касбии таълимӣ ва корҳои илмӣ ба роҳ монда мешавад.

Баҳогузории рейтингии сифати кори ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон чунин амалӣ карда мешавад:

-ҳамасола аз ҷониби кафедра ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои иҷрои нақшаи инфиродии омӯзгор;

-ҳангоми интихоби омӯзгор, пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ.

Вазифаҳои асосии баҳодиҳии рейтингии фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон инҳо мебошанд:

-ҷорӣ кардани меъёрҳои ягона барои баҳодиҳӣ ва назорати сифати таълим ва самаранокии кори омӯзгор;

-муайян намудани ҳолати ҷорӣ ва сатҳи кори омӯзгорӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ;

ҳавасмандгардонии шаклҳои фаъолияте, ки ба баландшавии рейтинги кафедраҳо, факултетҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд;

-баландбардории ҳавасмандии ҳайати профессорону омӯзгорон баҳри беҳдошти сифати фаъолияти таълимӣ, тахассусӣ ва касбӣ;

-инкишофи ташаббуси эҷодии ҳайати профессорону омӯзгорон, маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, методӣ ва омӯзгории онҳо;

-баҳои тафриқавӣ ба фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон бо мақсади дастгирии аъзои фаъоли коллектив;

-беҳдошти сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

4) Ҳуҷҷати асосӣ, ки натиҷаҳои баҳогузории кори омӯзгорро инъикос менамояд, хулосаи кафедра мебошад, ки аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи ҳисоботи хаттии омӯзгор дар ҷаласаи кафедра тартиб дода шуда, аз ҷониби мудири кафедра имзо карда шудааст. Дар хулоса баҳои кори таълимӣ, таълимӣ-тарбиявии берун аз дарс, таълимӣ-методӣ (тайёрӣ ва интишори китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, нишондодҳои методӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои методӣ ва ғ.), баландбардории ихтисоснокии илмӣ-педагогӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ташкилӣ-идоракунӣ ва ҷамъиятӣ низ нишон дода мешавад.

5) Ҳангоми баҳогузории рейтингии сифати кор ҳуқуқи омӯзгор оид ба озодии интихоб ва истифодаи методикаи таълим ва тарбия, воситаҳои таълимӣ, маводи дидактикӣ, китобҳои дарсӣ ва методҳои баҳогузории сатҳи дониш ва маҳорати касбии донишҷӯён ба ҳисоб гирифта мешавад.

6) Дар натиҷаи муҳокимаи кору фаъолияти омӯзгор кафедра оид ба натиҷаи иҷрои нақшаи инфиродӣ дар соли таҳсили сипаригашта, салоҳиятнокии касбӣ, муносибат нисбат ба кори онҳо қарорҳо қабул менамояд.

7) Қарор ва тавсияҳои кафедра дар мӯҳлати то як моҳ дар Шӯрои олимони факултет баррасӣ мешавад.

8) Агар омӯзгор бо қарори кафедра розӣ набошад, комиссияи нав аз ҷониби Шӯрои олимони факултет ташкил карда мешавад.

### 3.Тартиби кори комиссия оид ба баҳогузории сифати кори омӯзгорон, интихоби ҳайати он ва тартиби қабули қарорҳо

9) Барои баҳогузории рейтингии сифати кори омӯзгор дар ҳар як факултет комиссия оид ба баҳогузории сифати кори рейтингии омӯзгорон дар ҳайати декан, муовинони вай, намояндагони кафедраҳои факултет ва ташкилоти иттифоқи касаба ташкил карда мешавад. Раиси комиссия, ҷонишини вай ва котиб аз ҷониби аъзои комиссия дар ҷаласаи ташкилӣ бо овоздиҳии аксарият интихоб мегарданд.

10) Ҳайати расмии комиссия бо фармони декани факултет тасдиқ карда мешавад. Намояндагони кафедраҳои факултет ба ҳайати комиссия аз рӯи пешниҳод ва тавсияи кафедраҳо ворид карда мешаванд. Намояндаи ташкилоти иттифоқи касаба ба ҳайати комиссия дар асоси қарори ташкилоти иттифоқи касаба ворид карда мешавад.

11) Қабл аз баргузории кори комиссия омӯзгоре, ки кору фаъолияти ӯ баррасӣ мегардад, даъват карда мешавад, комиссия ба дарсҳои ӯ медарояд ва дар ҳамин замина ҳуҷҷатҳои зарурие, ки барои баҳогузории сифати кори омӯзгор ҳатмӣ мебошанд, ҷамъоварӣ мегардад.

12) Комиссия ҳуқуқ дорад, ки ғайр аз амалиёти пешбинигардида, дар байни донишҷӯёне, ки дар семестри гузашта аз ин омӯзгор таълим мегирифтанд, пурсиш гузаронад ва донишҳои онҳоро санҷад.

13) Омӯзгоре, ки фаъолияти ӯ аз ҷониби комиссия аз нуқтаи назари тавсифи сифатнокӣ баҳогузорӣ карда мешавад, ба таври хаттӣ дар ин бора дар мӯҳлати на дертар аз 1 моҳ то оғози муҳокимаи ин масъала аз ҷониби комиссия, баъди қабули қарори мушаххас хабардор карда мешавад. Хабарнома аз ҷониби раиси комиссия имзо гардида, ба омӯзгор супорида мешавад. Инчунин, нусхаи хабарнома ба кафедрае, ки омӯзгор дар он фаъолият менамояд, ирсол карда мешавад.

Агар омӯзгор вазифаи мудири кафедраро ишғол намояд, он гоҳ хабарнома дар як нусха ба ӯ супорида мешавад.

14) Дар як вақт бо супоридани хабарнома ва ё на дертар аз 3 рӯз баъди огоҳ намудани омӯзгор оид ба баҳогузории сифати кори ӯ аз ҷониби комиссия намояндаҳо таъин карда мешаванд, ки дар мӯҳлати на кам аз 2 ҳафта то оғози муҳокима ва қабули қарор, дар машғулиятҳои омӯзгор иштирок менамояд ва дар байни донишҷӯён пурсишҳо мегузаронанд.

15) Барои баҳогузории рейтингии сифати кори омӯзгори калон комиссия, инчунин, маводи методӣ, коркардҳо, воситаҳои таълимии ӯро (барои дотсент, профессор-воситаҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва дигар шаклҳои таҳқиқоти илмӣ) истифода мебарад, ки ҳангоми пешниҳоди қарор ба инобат гирифтамешаванд.

16) Омӯзгор ҳуқуқ дорад ба комиссия барои баҳогузории рейтингии фаъолияти худ ҳамагуна ҳуҷҷатҳои иловагиро, ки тахассуснокӣ ва салоҳиятнокии ӯро тасдиқ менамоянд, пешниҳод созад.

17) Ба омӯзгоре, ки фаъолияти ӯ аз ҷониби комиссия баҳогузорӣ мешавад, мудири кафедра пешниҳод тайёр менамояд, ки дар он баҳогузории ҳаматарафаи салоҳиятнокии касбии омузгор, муносибати ӯ

ба кор ва иҷрои ӯҳдадориҳои хидматӣ, натиҷаҳои фаъолият дар соли таҳсили фаророрасида баррасӣ мегардад.

Бо маводи зикргардида омӯзгор бояд на дертар аз ду ҳафта то оғози ҷаласаи комиссия оид ба ҳалли масъалаи сифати фаъолияти ӯ бояд ошно гардад.

18) Ҷаласаи комиссия он вақт ҳукми қонунӣ мегирад, ки дар он на кам аз 2/3 ҳиссаи аъзои он иштирок намоянд. Бе намояндаи иттифоқи касаба баргузории ҷаласаи комиссия ғайриимкон аст.

19) Бо хоҳиши омӯзгор комиссия ҳуқуқ дорад, дар ҳолати ҳозир набудани ӯ қарор қабул кунад. Дар сурати бесабаб иштирок накардан дар ҷаласаи якум ва 2-юм комиссия ҳуқуқ дорад, ки хулосаҳои худро дар шакли қарор тасдиқ намояд.

20) Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро дида баромада, фикру мулоҳизаҳои омӯзгорро мешунавад. Муҳокима бояд объективона ва хайрхоҳона гузарад.

21) Комиссия бо бартарияти овоздиҳии зиёди аъзои комиссия, ки дар ҷаласа иштирок кардаанд, қарор қабул менамояд. Ҳар як аъзои комиссия, ки бо қарори шумораи зиёди аъзо розӣ нест, ҳуқуқ дорад, ки фикру мулоҳизаҳои худро иброз намояд ва он ба қарори ҷаласаи комиссия замима карда мешавад.

22) Дар қарори ҷаласаи комиссия ҳамаи аъзои комиссия, ки дар ҷаласа иштирок намудаанд, имзо мекунанд.

23) Нусхаи қарори комиссия ба омӯзгор ва инчунин ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои маълумот дар мӯҳлати то 3 рӯз баъди қабули қарор пешниҳод карда мешавад.

## 4.Баҳогузории натиҷаҳои кори комиссия ва қабули қарор

24) Аз рӯи натиҷаҳои кори комиссия ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад, ки омӯзгорро аз кор озод намояд, ба кори дигар гузаронад ва ё барои идомаи фаъолияташ дар ҳамон вазифа иҷозат диҳад.

25) Розигии омӯзгор барои интиқол ба вазифаи дигар, кори дигар ва ё ба дигар қисмати сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи натиҷаҳои баҳогузории сифати фаъолияти ӯ бояд дар шакли хаттӣ аз ҷониби маъмурият гирифта шавад.

26) Баъди қабули қарор аз ҷониби ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ он ба Шӯъбаи кадрҳо ирсол гардида, ба парвандаи шахсии омӯзгор гузошта мешавад.

27) Аз болои қарори маъмурият дар бораи аз кор озод намудан омӯзгор метавонад ба суд бо эътирознома муроҷиат намояд.

## 5.Натиҷаҳои баҳогузории рейтинги ҳайати профессорону омӯзгорон

28) Баҳогузории рейтингии ҳайати профессорону омӯзгорон имконият медиҳад, ки ба фаъолияти ҳар як омӯзгор дар соли сипаришуда, баҳои воқеӣ гузошта шавад, ҳамзамон ба омӯзгор шароит фароҳам меояд, ки ҷиҳатҳои манфии кори худро муайян намояд ва вобаста ба ин

фаъолияташро барои соли оянда дуруст ба нақша гирад. Чунин тарзи баҳогузорӣ ба кӯшиши омӯзгорон барои баландбардории дараҷаи тахассусӣ-илмӣ, касбият ва маҳорати омӯзгорӣ таъсири мусбат расонида, дар навбати худ ба баландшавии сифати тайёр намудани мутахассисон ва афзоиши рейтинги муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунад. Баҳои рейтингиро, инчунин ҳангоми гузаронидани интихоби озмуни довталабон барои ишғоли вазифаҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон ва таъини иловапулиҳои ҳавасмандгардонӣ ба музди меҳнат метавон истифода намуд.

Замимаи 1

Нишондодҳои ҳисоби баҳои рейтингии ҳайати илмию педагогӣ

| № р/т | Нишододҳо барои ҳисоби баҳои рейтингӣ | Хол | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Академики Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15 | |
| 2 | Профессор, доктори илм | 10 | |
| 3 | Профессор, номзади илм | 8 | |
| 4 | Дотсент, доктори илм | 7 | |
| 5 | Дотсент, номзади илм | 6 | |
| 6 | Муаллими калон, номзади илм | 5 | |
| 7 | Муаллими калон | 3 | |
| 8 | Муаллим, ассистент | 2 | |
| 9 | Узви академияи байналмиллалӣ | 10 | |
| '0 | Узви академияи соҳавӣ | 8 | |
| 11 | Аъзои академияи ҷомеъашиносӣ | 6 | |
| 12 | Ходими шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоникистон | 10 | |
| 13 | Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8 | |
| 14 | Короманди шоистаи соҳавӣ | 6 | |
| 15 | Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5 | |
| 16 | Лауреати мукофотҳои байналмиллалӣ | 15 | |
| 17 | Лауреати мукофотҳои давлатӣ | 10 | |
| 18 | Профессори фахрии донишгоҳи хориҷӣ | 10 | |
| 19 | Поофессори фахрии донишгоҳи ҷумҳуриявӣ | 8 | |
| 20 | Ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ | 15 | |
| 21 | Ноиби ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ | 10 | |
| 22 | Роҳбари шӯъбаи муассисаи таълимӣ | 8 | |
| 23 | Декани факултет | 6 | |
| 24 | Роҳбари самти илмӣ дар факултет | 5 | |
| 25 | Ҷонишини декани факултет | 3 | |
| 26 | Мудири кафедра | 5 | |
| 27 | Роҳбари самти илмӣ дар кафедра | 3 | |
| 28 | Раиси шӯрои диссертатсионӣ | 15 | |
| 29 | Ҷониши раиси шӯрои диссертатсионӣ | 10 | |
| 30 | Котиби шӯрои диссертатсионӣ | 9 | |
| 31 | Узви шӯрои диссертатсионӣ | 8 | |
| 32 | Узви шӯрои шӯроҳои педагогӣ ва олимони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 7 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 33 | Котиби шӯроҳои педагогӣ ва олимони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 7,5 | |
| 34 | Узви шӯрои марказӣ | 6,5 | |
| 35 | Узви шӯроҳои педагогӣ ва олимони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 5 | |
| 36 | Узви шӯрои методии факултет | 15 | |

Замимаи 2

## Критерияҳои баҳодиҳии рейтингии фаъолияти устодони кафедра ва факултети муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

| р/т | Номгӯи корҳо | Ченак | Баҳо (балл) |
|---|---|---|---|
| 1 | **Корҳои таълимӣ** | | |
| 1.1 | Сарбории умумии устодон | соатҳо | |
| 1.2 | Роҳбарии лоиҳаҳо ва корҳои курсии донишҷуён | | |
| *1.2.1* | *ҳимоя шуд бо баҳои «аъло»* | 1 *донишҷӯӣ* | 0,3 |
| *1.2.2* | *ҳимоя шуд бо баҳои «хуб»* | 1 *донишҷӯӣ* | 0,2 |
| *1.2.3* | *ҳимоя шуд бо баҳои «миёна»* | *1 донишҷӯӣ* | 0.1 |
| 1.3 | Роҳбарии лоиҳаҳо ва корҳои дипломии донишҷуён | | |
| *1.3.1* | *ҳимоя шуд бо баҳои «аъло»* | *1 донишҷӯӣ* | 3 |
| *1.3.2* | *ҳимоя шуд бо баҳои «хуб»* | *1 донишҷӯӣ* | 2 |
| *1.3.3* | *ҳимоя шуд бо баҳои «миёна»* | *1 донишҷӯӣ* | 1 |
| *2* | **Корҳои таълимию методӣ** | | |
| 2.1 | Китоби дарсии дар ШММ тасдиқшуда ё бо грифи ВМ ҶТ чоп шуда | 1 Ҷ-Ҷ. | 5 |
| 2.2. | Конспекти лексияҳои бо иҷозати ШММ чопшуда | 1 Н-Ҷ. | 2 |
| 2.3 | Дастурҳои методӣ барои иҷрои ЛК, КК ва ЛД, барои иҷроиши корҳои лабораторӣ ва амалӣ, барои ташкили таҷрибаомузии истеҳсолӣ | 1 Ҷ.-Ҷ. | 1,5 |
| 2.4 | Дастури методӣ ва корҳои контролӣ барои днсишҷӯёни шӯъбаи ғоибона | 1 Ҷ-Ҷ. | 1,5 |
| 2.5 | Навиштани китоби электронӣ | 1CD | 5 |
| 2.6 | Сохтани стенди лабораторӣ ё истеҳсолӣ бо тасдиқи акти ИТМ муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 1 воҳид | 10 |
| 3 | **Корҳои таълимию ташкилӣ** | | |
| 3.1 | Ташкили шартномаи ҳоҷагӣ бо маблағгузории ғайрибуҷавӣ (барои роҳбарон ва иҷрокунандагонӣ лоиҳа | 1 лоиҳа | 10 |
| 3.2 | Ташкили синфхонаҳо бо фанҳои таълимдодашавандаи устодон | 1 синф | 10 |
| 3.3 | Ташкил ва гузаронидани конфронсҳои методӣ дар базаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 1 конф. | 5 |
| 3.4 | Дарсшикании устодон | 1 дарсшиканӣ | -20 |
| 4 | **Корҳои тарбиявӣ ва варзишию оммавӣ** | | |
| 4.1 | Ташкили лоиҳаҳои мухтасар барои ҷалб намудан ба машғулиятҳои берун аз дарс, фаъолияти варзишию оммавӣ ва фарҳангию тарбиявӣ | 1 лоиҳа | 3 |
| 4.2 | Ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳо | 1 олимпиада | 2 |
| 4.3 | Ташкили рузҳои кафедра ва дигар чорабиниҳои муассисаи тааълимӣ ва инчунин дар ҳобгоҳҳо (барои ташкилкунанда) | 1 чорабинӣ | 1 |
| 4.4 | Роҳбарии сексияҳои фарҳангию тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 1 сексия | 3 |
| 4.5 | Корҳои кураторӣ дар гурӯҳҳо | 1 гурӯҳ | 10 |
| 4.6 | Иштироки устодон дар чорабиниҳо, ҳашарҳо ва шанбегиҳо | | |
| 4.6 - | *Ҷумҳуриявӣ* | 1 чорабинӣ | 5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4.6.2 | ***шаҳрӣ*** | 1 чорабинӣ | 3 |
| 4.6.3 | *дохилитаълимгоҳӣ* | 1 чорабинӣ | 2 |
| 47 | Иштироки устодон дар спартакиадаҳо (мусобикаҳо)-и варзишӣ | | |
| 4.7.1 | *ҷу.щуриявӣ* | 1 мусобика | 5 |
| 4.7.2 | ***шаҳрӣ*** | 1 мусобиқа | 3 |
| 4.7.3 | *дохилитаълимгоҳӣ* | 1 мусобиқа | 2 |
| 5 | **Корҳои илмӣ** | | |
| 5.1 | **Монографияҳои нашршуда** | | |
| *5.1.1* | *монографияҳои дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чоп шуда* | 1 Ҷ.Ҷ. | 2 |
| *5.1.2* | *монографияи дар нашрияҳои хориҷи кишвар чоп шуда* | *1 Ҷ-Ҷ.* | 4 |
| *5.1.3* | *монографияҳои дар нашрияҳои берунмарзӣ чоп шуда* | *1 Ҷ-Ҷ.* | 5 |
| 5.2 | Мақолаҳои илмии нашршуда | | |
| *5.2.1* | *дар нашрияҳои байналмиллалӣ* | *1 макола* | 4 |
| *5.2.2* | *дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ* | *1 макола* | 2 |
| *5.2.3* | *Нашри фишурдаҳои баромадҳо дар конфронсҳо* | | |
| *5.3* | *байналмиллалӣ* | *1 баромад* | 3 |
| *5.3.1* | *минтақавӣ* | *1 баромад* | 2 |
| *5.3.2* | *ҷумҳуриявӣ* | *1 баромад* | 1 |
| *5.3.3* | *Экспонантҳо дар намоишгоҳҳо* | | |
| *5.4* | *байналмиллалӣ* | *1 экс.* | 15 |
| *5.4.1* | *минтақавӣ* | *1 экс.* | 10 |
| *5.4.2* | *ҷумҳуриявӣ* | *1 экс.* | 5 |
| *5.5* | Ташкили конфронсҳои илмӣ ва илмию методӣ (барои ташкилкунандаҳои конфронс | | |
| *5.5.1* | байналмиллалӣ | *1 конфронс* | 10 |
| *5.5.2* | минтақавӣ | *1 конфронс* | 5 |
| *5.5.3* | ҷумҳуриявӣ | *1 конфронс* | 5 |
| *5.6* | Таҳия маводҳои конфронсҳои илмӣ ва илмию методӣ (барои муҳаррири масъулӣ маҷмуаи илмӣ) | | |
| *5.6.1* | байналмиллалӣ | *1 конфронс* | 5 |
| *5.6.2* | минтақавӣ | *1 конфронс* | 4 |
| *5.6.3* | ҷумҳӯриявӣ | *1 конфронс* | 3 |
| *5.7* | Роҳбарии аспирантон ва мушовири илмии докторантҳо | | |
| *5.8* | Роҳбари аспирант | *1 аспирант* | 20 |
| *5.8.1* | Роҳбарии унвонҷӯ | *1 унвонҷӯй* | 15 |
| *5.8.2* | Роҳбарии коромӯз-тадқиқотчӣ | *1 кор-тадқ* | 10 |
| *5.8.3* | машваратчии илмии докторант ва ходими калони илмӣ | *1 док* | 30 |
| *5.8.4* | Шумораи аспирантоне, ки соҳиби мукофот ё бурсҳо ҳастанд | | |
| *5.9* | байналмиллалӣ | *1 аспирант* | 4 |
| *5.9.1* | минтақавӣ | *1 аспирант* | 2 |
| *5.9.2* | ҷумҳуриявӣ | *1 аспирант* | 1 |
| *5.9.3* | Соҳибони мукофот ва ифтихорномаҳо аз рӯи кори илмӣ | | |
| *5.10* | байналмиллалӣ | *1 аспирант* | 7 |
| *5.10.1* | минтақавӣ | *1 аспирант* | 6 |
| *5.10.2* | ҷумҳуриявӣ | *1 аспирант* | 5 |
| | | | |
| *6* | **Фаъолияти ихтироъкорӣ** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *6.1* | Гирифтани натиҷаҳои мусбии оид ба арзҳо | *1 арз* | 4 |
| *6.1.1* | аз он ҷумла бо донишҷӯён | *1 арз* | 5 |
| *6.2* | Гирифтани патент | *1 патент* | 5 |
| *6.2.1* | аз он ҷумла бо донишҷӯён | *1 патент* | 7 |
| *6.3* | Нашри маълумоти патентӣ ё динар маълумоти илмию техникӣ дар варақаи иттилоотӣ | *1 варақа* | 1 |
| *7* | **Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-истеҳсолӣ** | | |
| *7.1* | Ҳаҷми корҳои илмию тадқиқоти буҷавӣ | | |
| *7.1.1* | барои роҳбар аз ҳаҷми умумии корҳои илмию тадқиқотӣ | *хаз.сомони* | 1 |
| *7.1.2* | барои иҷрокунандагон | *хаз.сомони* | 0,5 |
| *7.2* | Ҳаҷми корҳои илмию тадқиқоти шартномаҳои хоҷагӣ | | |
| *7.2.1* | барои роҳбар аз ҳаҷмии корҳои илмию тадқиқотӣ | *хоз.сомони* | 2 |
| *7.2.2* | барои иҷрокунандагон | *хаз.сомони* | 1 |
| *7.3* | Ҷалб намудани донишҷӯён ба иҷроиши корҳои илмию тадқиқотии маблағгузор | *1 нафар* | 0,5 |
| *7.4* | Доштани иҷозатномаҳои махсус (литсензияҳо) барои халли проблемаҳои илмию истеҳсолӣ | *1 литсензия* | 5 |
| *8* | **Тайёр намудани таҳрир ва тақризҳо** | | |
| *8.1* | Ба монографияҳо, китобҳои дарси ва воситаҳои таълимӣ | | |
| *8.1.1* | дар нашриётҳои тақризии Федератсияи Россия чопшуда | *1 китоб* | 3 |
| *8.1.2* | Дар нашриётҳои ҷумҳуриявии чопшуда | *1 китоб* | 1,5 |
| *8.2* | Ба диссертатсия докторӣ | *1 тақриз* | 2 |
| *8.3* | Ба диссертатсияи номзадӣ | *1 тақриз* | 1 |
| *8.4* | Ба мақолаи илмӣ | *1 тақриз* | 0,5 |
| *9.* | **Иштирок ва роҳбарии корҳои илмию тадқиқоти донишҷӯён (КИТД)** | | |
| *9.1* | Роҳбарии КИТД бо пешниҳоди баромадҳои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | |
| *9.1.1* | то се баромад | *баромад* | 0,1 |
| *9.1.2* | аз чор то даҳ баромад | *баромад* | 0,25 |
| *9.1.3* | зиёда аз даҳ баромад | *баромад* | 1 |
| *9.2* | Пешниҳоди КИТД ба намоишгоҳҳо | | |
| *9.2.1* | дохили муассисаи таълимӣ | *1 кор* | 3 |
| *9.2.2* | ҷумҳуриявӣ | *1 кор* | 4 |
| *9.2.3* | байналмиллалӣ | *1 кор* | 6 |
| *9.2.4* | агар КИТД дар намоишгоҳҳо мукофонида шаванд, он гоҳ балли онҳо ба коэффитсивти дар поён нишондода харб мешаванд: | | |
| *9.2.4.1* | барои дипломи дараҷаи 1 | | 3 |
| *9.2.4.3* | барои дипломи дараҷаи 2 | | 2 |
| *9.2.4.3* | барои дипломи дараҷаи 3 | | 1 |
| *9.3* | Пешниҳоди кори тадқиқотии дипломӣ аз тарафи донишҷӯ | *1 кор* | 2 |
| *10* | **Ҳимояи диссертатсияҳо** | | |
| *10.1* | Ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ: | | |
| *10.1.1* | барои унвонҷӯй | | 20 |
| *10.1.2* | барои роҳбар | | 20 |
| *10.2* | Ҳимояи диссертатсияи докторӣ | | |
| *10.2.1* | барои унвонҷӯй | | 50 |
| *10.2.2* | барои мушовир | | 50 |
| *11* | **Фаъолияти байналмиллалӣ** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *11.1* | Ҳамкории муштараки лоиҳаҳои илмию техникӣ | | |
| *11.1.1* | бе маблағгузорӣ | *1 лоиҳа* | 5 |
| *11.1.2* | бо маблағгузорӣ | *1 лоиҳа* | 10 |
| *12* | **Дигар намуди корҳо** | | |
| *12.1* | Корҳои таълимӣ, илмӣ ва ташкилӣ, ки дар дохили кафедра иҷро шудааст (балли мудири кафедра) | | 0-15 |
| *12.2* | Корҳои таълимӣ, илмӣ ва ташкилӣ, ки дар дохили факултет иҷро шудааст (балли декани факултет) | | 0-30 |
| | **Балли умумӣ:** | | |

Эзоҳ: Дар банди 1.1.- х, ҳамчун тақсимкунандаи сарбории умумии устодон, нисбат ба сарбории меъёрӣ мувофиқи вазифаи ишғолкардашуда, муайян карда шавад

Замимаи 3

**Маълумоти ибтидоӣ барои муайян намудани баҳои рейтинги коргарон**

**Ҷадвали баҳоҳо**

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| **Ба талабот ҷавобгӯ Нест** | **Қисман ба талабот ҷавобгӯ аст** | **Ба талабот ҷавобгӯ аст** | **Аъло аст** |
| аломатҳои ҷудогонаи ахлоқу кирдори хуб қайд шудаанд | аломатҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ вуҷуд дорад | индикаторҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ, ба таври кофи вуҷуд дорад. | ҳамаи рафтору кирдори талаботӣ вуҷуд доранд. |
| ахлоқу кирдори хуб нисбатан кам қайд мешавад | рафтори талаботӣ дар бисёр ҳолатҳо қайд мешавад | рафтору кирдори талаботӣ ҳамеша қайд мешавад | рафтори лозима оличаноб зоҳир мегардад |
| муваффақиятҳо дар ҳолатҳои оддӣ ва на он қадар назаррас қайд шудаанд. | муваффақиятҳои оддӣ дар аксар ҳолатҳо ба назар мерасад. | муваффақиятҳои дараҷа ва вазнинии миёна ошкор мешаванд. | муваффақиятҳои олӣ назаррас бо навовариҳо зоҳир мегардад. |
| барои иҷрои вазифаи худ ба роҳнамоии роҳбар мӯҳтоҷ аст | барои иҷрои мустақилонаи вазифа бо дастгирии роҳбар қодир аст | пурра мустақилона вазифаҳоро ҳал менамояд | намунаи ибрат ба дигарон аст |

Баҳодиҳӣ аз тарафи роҳбари шӯъба гузаронида мешавад. Имконияти худбаҳодиҳии кормандон мавҷуд аст, ки баъд аз он баҳои ниҳоӣ (қатъӣ) аз тарафи роҳбар дода мешавад.

Салоҳиятҳои умумии коргарони ихтисосманд

| Салоҳиятҳо | Аломатҳои рафтору кирдор (муайянкунадаи салоҳият) | Баҳои роҳбар | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4 | 3 | 2 | 1 |
| **Тамоюл ба натиҷа** | | | | | |
| Қобилияти саривақт ба натиҷа ноилгардӣ. Субботкорӣ ва фаъолӣ дар ноилгардии натиҷаи лозима | Возеҳ фаҳмидани масъалаи гузошташуда ва натиҷаи ба нақшагирита. Ба мақсад мувофиқ амал намудан. Дар рафти (ҷараёни) иҷрои вазифа амали худро мустақилона назорат ва ислоҳ мекунад. Суботкорӣ (устуворӣ, ҷазмбандӣ). Мушкилиҳои дар пешомадаро паси сар мекунад. Барои ба натиҷа ноил гаштан ташаббускор аст. Самараи кори худро аз рӯи натиҷаи ноилгашта баҳо медиҳад, на ба тақвияти сарфшуда. | | | | |
| **Лаёқати дар шароитҳои гуногун кору фаъолият намудан** | | | | | |
| Дар шароитҳои тағйирёбанди самаранокиро нигоҳ доштан. Равнақ додани таҷрибаи худ дар вақти муоширaт бо ҳамкорон ва истифодаи он дар кор. | Сабабҳои тағйиротҳоро эҳсос мекунад. Вазъияти нав ва тағйиротҳоро ҳамчун боиси пешравии касбӣ менамояд. Диққати худро ба паҳлӯҳои мусбии тағйиротҳо равона месозад. Дар вазъияти тагйиротёбиҳо амалҳои худро тез мутобиқ месозад. Дар шароитҳои тағйирпазир корҳоро бо роҳҳои беҳтарин иҷро менамояд. Аз хатогиҳо ибрат мегирад. Ба доду гирифти таҷриба мусоидат мекунад. Хатогиҳоро эътироф мекунад. | | | | |
| **Ҳамкорӣ дар гурӯҳ** | | | | | |
| Доштани лаёқати | Нисбат ба натиҷаи кор масъулияти худро ҳис | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| баландбардории самааранокии кор аз ҳисоби ҳамкории зич. Барои ба мақсад расидан, доштани муносибати хуб бо ҳамкорон. | менамояд. Ҳамкориро бо коргарон барои муносибатҳои хуб ва дастгирии якдигар нигоҳ медорад. Ҳурмату эҳтиромро нисбати ҳамкорон нигоҳ медорад. Хоҳиши ҳамкоронро иҷро мекунад ва кӯмаки худро дареғ намедорад. Бо маълумотҳои лозима бо гурӯҳи ҳамкорони худ доду гирифт мекунад. Нақшаҳои худро пешакӣ бо ҳамкорон мувофиқат менамояд. Қоидаҳои кори дастҷамиро қабул ва риоя менамояд. Шартномаҳоро иҷро менамояд. Дар мунoқишаҳо (ихтилофҳо) мавқеи конструктивиро ишғол мекунад. | | | | |

Системаи баҳоҳо

| Баҳои миёна аз рӯи ҳама салоҳиятҳо | % бонус |
|---|---|
| ≤ 1 | 0 % |
| >1≤ 1,5 | 25 % |
| >1,5 ≤ 2,0 | 50 % |
| >2,0 ≤ 2,5 | 75 % |
| >2,5 ≤ 3,0 | 90 % |
| >3,0 ≤ 4,0 | 100 % |

Маълумоти ибтидоӣ барои муайян намудани баҳои рейтинги мутахассисон ва хизматчиён

Ҷадвали баҳоҳо

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| Ба талабот ҷавобгӯ Нест | Қисман баталабот ҷавобгӯ нест | Ба талабот ҷавобгӯ аст | Аъло аст |
| аломатҳои ҷудогонаи ахлоқу кирдори хуб қайд шудаанд | аломатҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ вуҷуд дорад | индикаторҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ ба таври кофи вуҷуд дорад | ҳаммаи рафтору кирдори талаботӣ вуҷуд доранд |
| ахлоқу кирдори хуб нисбатан кам қайд мешаванд | рафтори талаботӣ дар бисёр ҳолатҳо қайд мешавад | рафтору кирдори талаботи ҳамеша қайд мешавад | рафтори лозима олиҷаноб зоҳир мегардад |
| муваффақиятҳо дар ҳолатҳои оддӣ ва на он қадар назаррас қайд шудаанд | муваффақиятҳои оддӣ дар аксар ҳолатҳо ба назар мерасад. | муваффақиятҳои дараҷа ва вазнинии миёна ошкор мешаванд | муваффақиятҳои олӣ назаррас бо навовариҳо зоҳир мегардад. |
| барои иҷрои вазифаи худ ба роҳнамоии роҳбар мӯҳтоҷ аст | барои иҷрои мустақилонаи вазифа бо дастгирии роҳбар қодир аст | пурра мустақилона вазифаҳоро ҳал менамояд | намунаи ибрат ба дигарон аст |

Баҳодиҳӣ аз тарафи роҳбари шӯъба гузаронида мешавад. Имконияти худбаҳодиҳии ҳайати кормандон мавҷуд аст, ки баъд аз он баҳои ниҳоӣ (қатъӣ) аз тарафи роҳбар дода мешавад.

Салоҳиятҳои умумии хизматчиён ва мутахассисон

| Салоҳиятҳо | Аломатҳои рафтору кирдор (муайянкунандаи салоҳият) | Баҳои роҳбар | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4 | 3 | 2 | 1 |
| | **Тамаюл ба натиҷа** | | | | |
| Қобилияти саривақт ба натиҷаҳои гузашташуда ноил шуда. Субботкорӣ ва фаъолӣ дар ноилгардии натиҷаи лозима | Возеҳ фаҳмидани натиҷаҳои банақшагирифта ва роҳҳои ноилгардӣ.Ба мақсад мувофиқ амал намудан. Дар рафти (ҷараёни) иҷрои вазифа ҳамеша ба натиҷаи хуб ҳаракат мекунад, амали худро мустақилона назорат ва ислоҳ мекунад.Суботкорӣ (устуворӣ, ҷазбмандӣ). Мушкилиҳои дар пешомадаро паси сар мекунад. Барои ба натиҷа ноил гаштан ташаббускор аст. Самараи кори худро аз рӯи натиҷаи ноилгашта баҳо медиҳад, на ба тақвияти сарфшуда. Масъулиятро бар дӯши худ мегирад. | | | | |
| | **Ӯҳдабароӣ ва ба шароити гуногун мутобиқ шудан** | | | | |
| Дар шароитҳои тағйирёбанда самаранокиро нигоҳ доштан, Равнақ додани таҷрибаи худ дар вақти муошират бо дигарон ва истифодаи он дар кор. | Сабабҳо ва мантиқи тағйиротҳоро эҳсос мекунад. Вазъияти нав ва тағйиротҳоро ҳамчун боиси боло намудани дараҷаи донишу малака ва пешравии касбӣ қабул менамояд. Диққати худро ба паҳлӯҳои мусбии тағйиротҳо равона месозад. Дар вазъияти тағйирёбиҳо амалҳои худро тез мутобиқ месозад. Дар шароитҳои номусоид самаранокиро паст намекунад ва хислати хосро нишон медиҳад, корҳоро бо роҳҳои беҳтарин иҷро менамояд. Бо ҳамагуна одамон ва гурӯҳҳо ҳамкорӣ карда метавонад. Ақидаҳои навро тез қабул мекунад. Онҳоро дар фаъолияти худ истифода мекунад. Аз хатогиҳо ибрат мегирад. Ба мубодилаи таҷриба мусоидат мекунад. Аксуламали берунаро қабул мекунад, хатогиҳоро эътироф мекунад. | | | | |
| | **Ҳамкорӣ дар гурӯҳ** | | | | |
| Доштани лаёқати баландбардории самаранокии кор аз ҳисоби ҳамкории зич. Барои ба мақсад расидан, доштани муносибати хуб бо | Масъулияти кори дастҷамъиро бар дӯши худ мегирад. Ҳамкориро бо коргарон барои муносибатҳои хуб ва дастгирии якдигар нигоҳ медорад. Ҳурмату эҳтиромро нисбати ҳамкорон нтгоҳ медорад. Хоҳиши ҳамкоронро иҷро мекунад ва кӯмаки худро дареғ намедорад. | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ҳамкорон. | Бо маълумотҳои лозима бо гурӯҳи ҳамкорони худ ва дигаршӯъба доду гирифт мекунад.Нақшаҳои худро пешаки бо ҳамкорон мувофиқат менамояд. Қоидаҳои кори дастҷамамиро қабул ва риоя менамояд. Шартномаҳоро иҷро менамояд. Дар мунокишаҳо (ихтилофҳо) ҷои констрктивиро ишғол мекунад. Барои ба мақсад ва натиҷаи умумӣ расидан тайёр аст бо фикри дигарон рози шавад. | | | | |

Ташаббускорӣ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Қобилияти пешгӯи намудан ва пешбарии амали фаъол барои ба мақсад ва натиҷаи кор расидан. Ҳаракт ва ташаббускори барои беҳбудии шароити меҳнат ва ҷараёни кор. | Аз вазъитҳои ногувор сарбаландона мебароянд. Фикру ақидаҳои нав ё қарорҳои бо роҳбарият мувофиқшударо татбиқ мекунад ва дар ҳолати лозимаи худ қарори амал намуданро қабул мекунад. Барои амал кардан ба дигарон мӯҳточ нест, яъне мустақил аст. Роҳҳои баландбардории самаранокӣ ва паст намудани хараҷотҳоро меҷӯяд. | | | | |

Ҳалли масъалаҳо

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Лаёқати суботкорона ва ихтирокорона амал кардани корманд дар ҳалли масъалаҳо | Дар ҳолати дучор шудан бо мушкилӣ онро бе аҳамият нагузоштан, ва амали фаъол пешбини намудан. Масъулияти халли масъаларо шахсан бар дӯши худ мегирад, на ба шахси дигар. Мушкили ҳалталабро таҳлил мекунад (сабаб ва таърихи онро) ва масъала захираҳо ( манбаҳо, маълумотҳо, одамон)-и лозимаро ҷалб менамояд. Дар ҳолати авҷ гирифтан ва мураккабтар гардидани масъала ба роҳбарони болотар муроҷиат мекунад. Дар ҳалли масъала ҳар паҳлӯро истифода мекунад, суботкорона ва ихтирокора амал мекунад. | | | | |

Системаи баҳоҳо

| Баҳои миёна аз рӯи ҳама салоҳиятҳо | % бонус |
|---|---|
| ≤ 1 | 0 % |
| >1≤ 1,5 | 25 % |
| >1,5 ≤ 2,0 | 50 % |
| >2,0 ≤ 2,5 | 75 % |
| >2,5 ≤ 3,0 | 90 % |
| >3,0 ≤ 4,0 | 100 % |

Маълумоти ибтидоӣ барои муайян намудани баҳои рейтинги роҳбарон

Ҷадвали баҳоҳо

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| Ба талабот ҷавобгӯ Нест | Қисман баталабот ҷавобгӯ нест | Ба талабот ҷавобгӯ аст | Аъло аст |
| аломатҳои ҷудогонаи ахлоқу кирдори хуб қайд шудаанд | аломатҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ вуҷуд дорад | индикаторҳои рафтории ба талабот ҷавобгӯ ба таври кофи вуҷуд дорад | ҳаммаи рафтору кирдори талаботӣ вуҷуд доранд |
| ахлоқу кирдори хуб нисбатан кам қайд мешаванд | рафтори талаботӣ дар бисёр ҳолатҳо қайд мешавад | рафтору кирдори талаботи ҳамеша қайд мешавад | рафтори лозима оличаноб зоҳир мегардад |
| муваффақиятҳо дар ҳолатҳои оддӣ ва на он қадар назаррас қайд шудаанд | муваффақиятҳои оддӣ дар аксар ҳолатҳо ба назар мерасад. | муваффақиятҳои дараҷа ва вазнинии миёна ошкор мешаванд | муваффақиятҳои олӣ назаррас бо навовариҳо зоҳир мегардад. |
| барои иҷрои вазифаи худ ба роҳнамоии роҳбар мӯҳтоҷ аст | барои иҷрои мустақилонаи вазифа бо дастгирии роҳбар қодир аст | пурра мустақилона вазифаҳоро ҳал менамояд | намунаи ибрат ба дигарон аст |

Баҳодиҳӣ аз тарафи роҳбари шӯъба гузаронида мешавад. Имконияти худбаҳодиҳии ҳайати кормандон мавҷуд аст, ки баъд аз он баҳои ниҳоӣ (қатъӣ) аз тарафи роҳбар дода мешавад.

Салоҳиятҳои умумӣ барои роҳбарон

| Салоҳиятҳо | Аломатҳои рафтору кирдор (муайянкунандаи салоҳият) | Баҳои роҳбар | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4 | 3 | 2 | 1 |
| **Тамаюл ба натиҷа** | | | | | |
| Қобилияти саривақт ба натиҷаҳои гузашташуда ноил шуда. Субботкорӣ ва фаъолӣ дар ноилгардии натиҷаи лозима | Возеҳ фаҳмидани натиҷаҳои банақшагирифта ва роҳҳои ноилгардӣ.Ба мақсад мувофиқ амал намудан. Дар рафти (ҷараёни) иҷрои вазифа ҳамеша ба натиҷаи хуб ҳаракат мекунад, амали худро мустақилона назорат ва ислоҳ мекунад.Суботкорӣ (устуворӣ, ҷазбмандӣ). Мушкилиҳои дар пешомадаро паси сар мекунад. Барои ба натиҷа ноил гаштан ташаббускор аст. Самараи кори худро аз рӯи натиҷаи ноилгашта баҳо медиҳад, на ба тақвияти сарфшуда. Масъулиятро бар дӯши худ мегирад. | | | | |
| **Ӯҳдабароӣ ва ба шароитҳои гуногун мутобиқ шудан** | | | | | |
| Дар шароитҳои тағйирёбанда самаранокиро | Сабабҳо ва мантиқи тағйиротҳоро эҳсос мекунад. Вазъияти нав ва тағйиротҳоро ҳамчун боиси боло | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| нигоҳ доштан, Равнақ додани таҷрибаи худ дар вақти муоширт бо дигарон ва истифодаи он дар кор. | намудани дараҷаи донишу малака ва пешравии касбӣ қабул менамояд. Диққати худро ба паҳлӯҳои мусбии тағйиротҳо равона месозад. Дар вазъияти тағйирёбиҳо амалҳои худро тез мутобиқ месозад. Дар шароитҳои номусоид самаранокиро паст намекунад ва хислати хосро нишон медиҳад, корҳоро бо роҳҳои беҳтарин иҷро менамояд. Бо ҳамагуна одамон ва гурӯҳҳо ҳамкорӣ карда метавонад.Ақидаҳои навро тез қабул мекунад. Онҳоро дар фаъолияти худ истифода мекунад. Аз хатогиҳо ибрат мегирад. Ба мубодилаи таҷриба мусоидат мекунад. Аксуламали берунаро қабул мекунад, хатогиҳоро эътироф мекунад. | | | | |

Ҳамкорӣ дар гурӯҳ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Доштани лаёқати баландбардории самаранокии кор аз ҳисоби ҳамкории зич. Барои ба мақсад расидан, доштани муносибати хуб бо ҳамкорон. | Масъулияти кори дастҷамъиро бар дӯши худ мегирад. Ҳамкориро бо коргарон барои муносибатҳои хуб ва дастгирии якдигар нигоҳ медорад. Ҳурмату эҳтиромро нисбати ҳамкорон нтгоҳ медорад. Хоҳиши ҳамкоронро иҷро мекунад ва кӯмаки худро дареғ намедорад. Бо маълумотҳои лозима бо гурӯҳи ҳамкорони худ ва дигаршӯъба доду гирифт мекунад.Нақшаҳои худро пешаки бо ҳамкорон мувофиқат менамояд. Қоидаҳои кори дастҷамамиро қабул ва риоя менамояд. Шартномаҳоро иҷро менамояд. Дар munoқишаҳо (ихтилофҳо) ҷои констрктивиро ишғол мекунад. Барои ба мақсад ва натиҷаи умумӣ расидан тайёр аст бо фикри дигарон розӣ шавад. | | | | |

Ташаббускорӣ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Қобилияти пешгӯи намудан ва пешбарии амали фаъол барои ба мақсад ва натиҷаи кор расидан. Ҳаракт ва ташаббускори барои беҳбудии шароити меҳнат ва ҷараёни кор. | Аз вазъитҳои ногувор сарбаландона мебарояд. Фикру ақидаҳои нав ё қарорҳои бо роҳбарият мувофиқшударо татбиқ мекунад ва дар ҳолати лозимаи худ қарори амал намуданро қабул мекунад. Барои амал кардан ба дигарон мӯҳточ нест, яъне мустақил аст. Роҳҳои баландбардории самаранокӣ ва паст намудани хараҷотҳоро | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мечӯяд. | | | | |

Ҳалли масъалаҳо

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Лаёқати суботкорона ва ихтирокорона амал кардани корманд дар ҳалли масъалаҳо | Дар ҳолати дучор шудан бо мушкилӣ онро бе аҳамият нагузоштан, ва амали фаъол пешбини намудан. Масъулияти халли масъаларо шахсан бар дӯши худ мегирад, на ба шахси дигар. Мушкили ҳалталабро таҳлил мекунад (сабаб ва таърихи онро) ва масъала захираҳо ( манбаҳо, маълумотҳо, одамон)-и лозимаро ҷалб менамояд. Дар ҳолати авҷ гирифтан ва мураккабтар гардидани масъала ба роҳбарони болотар муроҷиат мекунад. Дар ҳалли масъала ҳар паҳлӯро истифода мекунад, суботкорона ва ихтирокора амал мекунад. | | | | |

Идораи масъалаҳо

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Банақшагирӣ, ташкил ва назорати иҷрои кор | Масъалаҳои пеш омадаро аз рӯи дараҷаи муҳимӣ ва фаврӣ гурӯҳбандӣ менамояд. Нақшаҳои аниқ тартиб медиҳад. Меъёр ва мӯҳлати иҷрошавиро аниқ мекунад. Истифодаи манбаъҳои заруриро ба нақша мегирад. Дар пеши кормандон вобаста ба таҷриба, лаёқат ва малакаи онҳо масъаларо мегузорад.Вазифаи иҷрокунандаро возеҳ мефаҳмонад. Фаҳмиши пурраи вазифаи ва натиҷаро аз тарафи иҷрокунанда уваффақ мешавад. Вобаста ба мӯҳлат ва талаботҳо нахорати иҷрои вазифаҳоро ҷорӣ мекунад. Дар рафти ичрои кор бо иҷрокунада ҳамкорӣ мекунад ва кӯмаки худро дареғ намедорад. | | | | |

Идораи одамон

| | | |
|---|---|---|
| Идораи самаранокӣ ва рушди кормандон | Хусусиятҳои хоси (ҷудогонаи) кормандон ва ҳавасманкуниро ба инобат мегирад. Ба ҳар нафар корманд вобаста ба хислатҳои хосаш муносибати алоҳида менамояд. Кормандонро ба фаъолияти самаранок ҳавасманд мекунад. Алоқамандии мақсадҳои умумиро бо манфиатҳои шахсии кормандон хуб нишон медиҳад. Ҳавасманкунии моддӣ ва ғайри моддиро дар якҷоягӣ истифода мебарад. Дар байни ҳайат фазои некбинона ва ҳамкории | |

| | | |
|---|---|---|
| | ботартиброро муваффақ мешавад. Паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии ҳар кормандро эҳсос мекунад. Самти пешравиро дуруст инъикос менамояд. Масъалаҳои рушду равнақро мегузорад. Алоқаи дутарафаро дар ҷараёни кор пешкаш мекунад. | |

Пешсафӣ (сарварӣ) дар гурӯҳ

| | | |
|---|---|---|
| Қобилияти вазифаи пешсафиро дар гурӯҳ, шӯъба ба ӯҳда гирифтан, аз паси худ дигаронро бурдан | Кӯмаки худро ба дигарон пешкаш менамояд, бо донишу таҷрибаи худ тайёр аст ҳамшарик бошад. Дар кор кӯшиш мекунад ба натиҷаҳои олӣ ноил гардад. Дар пеши худ ва ҳайат мақсадҳои амбитсионӣ мегузорад. Дар мафкураи кормандон нуқтаи назари некбинона ба ояндаро ташкил мекунад. Барои ба мақсад расидан кормандонро рӯҳбаланд месозад. Дар ҳолатҳои вазнин ва ноомадии кор низ вазъи некбинӣ ва рӯҳбаландкунии кормандонро фаромӯш намесозад. Вазифаи пешсафиро новобаста аз ваколат нигоҳ медорад. Дар атрофии худ ҳамфикронро ҷамъ мекунад. | |

Мунисибати системавӣ

| | | |
|---|---|---|
| Лаёқати пурра ва таркибӣ таҳлил намудани масъала, хулосаи дуруст баровардан. | Маълумоти заруриро дуруст гурӯҳбандӣ менамояд. Маълумоти характери гуногундоштаро ба низом медарорад. Аз дохили гурӯҳи маълумотҳо, маълумоти лозима ва зарурро ҷудо мекунад. Хулосаҳои мантиқан дуруст мекунад, к ибо маълумот тасдиқ шудааст.Масъаларо бо назардошти омилҳои таъсиррасон дар якҷоягӣ дида мебарояд. Самти ҳалли масъаларо дуруст муайян месозад. Дурнамои рушди минбаъдаро пешгӯӣ мекунад. | |

Системаи баҳоҳо

| Баҳои миёна аз рӯи ҳама салоҳиятҳо | % бонус |
|---|---|
| ≤ 1 | 0 % |
| >1≤ 1,5 | 25 % |
| >1,5 ≤ 2,0 | 50 % |
| >2,0 ≤ 2,5 | 75 % |
| >2,5 ≤ 3,0 | 90 % |
| >3,0 ≤ 4,0 | 100 % |

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз _____ соли 2011, №___
тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМА
**доир ба фаъолиятмандии академии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## I. Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2011 №118 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2) Низомномаи мазкур таъминоти ташкилӣ ва методӣ, инчунин тартиби эътирофи давраҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касби (аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ)-ро дар қолаби фаъолиятмандии академӣ муайян менамояд,

3) Фаъолиятмандии академии берунӣ (байналмилалӣ) - ин таълими донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатҳои хориҷӣ буда, чун қоида, бидуни зиёд кардани мӯҳлати меъёрии таълим аз рӯи самти мазкури омода намудани мутахассис бо эътирофи минбаъдаи давраи таълим мебошад.

4) Фаъолиятмандии академии дохилӣ (миллӣ)-ин таълими донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ буда, чун қоида, бидуни зиёд кардани мӯҳлати меъёрии таълим аз рӯи самти мазкури омодана намудани мутахассис бо эътирофи минбаъдаи давраи таълим мебошад.

5) Фаъолиятмандии инфиродии академӣ - ин дар давраи муайян ҷиҳати ба таълим фаро гирифтан ба дигар муассисаи олии таълимӣ сафарбар кардани донишҷӯ буда, дар шакли рафтуомади шахсӣ дар давраи таътил, гранти инфиродӣ ва ё рухсатии академӣ ба амал бароварда мешавад.

6) Мақсад, вазифа ва қоидаҳои умумии таъмин ва татбиқи фаъолиятмандии академӣ ба принсипҳои асосии таҳсилоти байналмилалӣ мутобиқат менамояд.

7) Тарзи афзалиятноки таъмини фаъолиятмандии академии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин сафарбар кардани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамкор ҷиҳати таълим дар чорчӯбаи барномаҳои муштараки дипломҳои дуҷониба (стипендияҳо), таълими мутобиқи барномаҳои аз ду ҷониб тасдиқгардида дар чорчӯбаи ҳамкориҳои байни муассисаҳои таълимӣ (бе додани дипломи дуюм), аз ҷумла, дар қолаби барномаҳои фаъолиятмандии академӣ, фарогирии сабақомӯзӣ (аз ҷумла, забономӯзӣ), таълими мувофиқашуда дар чорчӯбаи гранти инфиродӣ, гузаштани таҷрибаомӯзӣ ва иштирок дар мактабҳои тобистона мебошад.

8) Эътирофи натиҷаҳои таълим дар асоси низоми европоии азнавбаҳисобгирӣ ва ҷамъшавии кредитҳои таълимӣ (ECTS) ба роҳ монда мешавад. Табдили меҳнатталабии таълими донишҷӯён ба кредитҳо дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба низоми кредитӣ тасдиқгардида ба амал бароварда мешавад.

## 2. Таъмини ташкилии фаъолиятмандии академии донишҷӯён

9) Мӯҳлати асосӣ дар татбиқи фаъолиятмандии академӣ, чун қоида, семестр ба ҳисоб меравад. Тамдиди мӯҳлати семестр дар асоси фармони ректор дар заминаи аризаи шахсии донишҷӯ ва ё пешниҳоди асосноккардашудаи декани факултет амалӣ карда мешавад.

10) Барои иштирок кардан дар барномаи фаъолиятмандии академӣ донишҷӯе роҳ дода мешаванд, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

-давомоти хуб дошта, дар раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ худро аз ҷиҳати мусбат муаррифӣ карда, дорои тавсияи декани факултет бошад;

- истеъдоди ба таври мустақилона мавриди омӯзиши пайваста ва самарабахш қарор додани фанҳо ва то гузариш ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пеш аз мӯҳлат иҷро намудани барномаи таълимии курси дахлдорро дошта бошад;

-дониши кофии забони хориҷӣ дошта, ба таври қаноатбахш ба дигар шартҳои барномаҳои мушаххаси сабақомӯзӣ ва ё таълим дар кишвари хориҷӣ ҷавобгӯ бошад;

-саломатии хуб дошта, дар ҳисоби диспансерӣ набошад;

- дар ҳолатҳои мухолифат намудан ба қоидаҳои дарҷшуда, омода бошад, ки хароҷоти ширкат варзидан дар барномаи фаъолиятмандии академиро ҷуброн намояд.

11) Интихоби донишҷӯён ҷиҳати ширкат варзидан дар барномаи фаъолиятмандии академӣ тибқи тартибу принсипи имконияти баробар, бархурдорӣ аз хизматҳои махсус ва фаъолияти ҷамъиятӣ дар чорчӯбаи фазои конкурси шаффоф доир карда мешавад.

Дар раванди интихоб довталабон давомоти академӣ, сатҳи забондонии кишвари пазиранда (ва ё забони англисӣ), мувофиқат кардан ба талаботи барнома ва ё созишнома оид ба табодули донишҷӯён ба ҳисоб гирифта мешавад.

12) Барои донишҷӯёне, ки ҷиҳати иштирок дар барномаи фаъолиятмандии академӣ интихоб мегарданд, нақшаи инфиродии омӯзиши фанҳои муассисаи таҳсилоти олии интихобшуда ва фанҳое, ки донишҷӯён мехоҳанд донишгоҳ онҳоро эътироф намояд, тартиб дода мешавад. Ин ҳуҷҷат, ба ғайр аз ин, бояд ӯҳдадориҳои донишҷӯро оид ба мӯҳлатҳои бартараф кардани қарзҳои бавуҷудомадаи академӣ фаро гирад.

13) Донишҷӯе, ки гирифтани таҳсилоти инфиродиро ба нақша даровардааст, дар сурати соҳиб шудан ба даъватномаи расмӣ, шарту ҳолатҳои ба дигар муассисаи таҳсилоти олӣ гузаштанашро бо мудири кафедраи тахассусӣ ва раёсати факултет мувофиқа намуда, якҷо бо ариза чунин ҳуҷҷатҳоро замима менамояд: даъватнома, тарҷумаи тасдиққардашуда бо забони давлатӣ (агар таҳсил дар хориҷа ба нақша гирифта шуда бошад), дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандае, ки вазъи молиявӣ ва мақсади сафарро муайян менамояд.

14) Аз ҷониби ректор қарор дар бораи фиристодани донишҷӯ барои татбиқи барномаи фаъолиятмандии академӣ қабул гардида, бо фармон тасдиқ карда мешавад.

15) Баъди ба анҷом расонидани мӯҳлати будубош дар муассисаи таҳсилоти олии пазиранда, донишҷӯ ба деканат ҳуҷатҳҳои тасдиққунандаи натиҷаи таҳсилро бо номгӯи фанҳои омӯхташуда, дигар навъҳои машғулиятҳо, кредитҳо ва баҳҳоҳои гирифтааш ҷиҳати таҳия кардани «Санад дар бораи эътирофи академикӣ» пешниҳод менамояд.

16) Ҳангоми ба амал баровардани эътирофи модулҳо ва ё курсҳо натиҷаҳои таълим муқоиса шуда, баҳаммонандии мазмуни онҳо муайян карда намешавад.

17) Эътирофи давраҳои таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (бо назардошти таҷрибаомӯзӣ ва дигар навъҳои таълим) новобаста аз он ки мазмуни барномаҳои таълимӣ фарқкунанда бошад ҳам, метавонад ивазкунандаи давраи таълим дар муассисаи таълимӣ бошад.

Омӯзиши фанҳои дар нақшаи таълимӣ пешбинишудаи самти омода намудани мутахассисон, ки дар давоми он донишҷӯ дар муассисаи таълимӣ таҳсил менамояд, метавонад бо тартиби зерин ҷараён гирад:

-дар муассисаи таҳсилоти олии пазиранда- дар ин ҳолат дар асоси маълумотномаи академӣ оид ба азнавсупории санҷиш ва ё имтиҳони фанни дахлдор қарор қабул карда мешавад;

-мустақилона (тибқи ҷадвали инфиродӣ) дар давраи таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ. Баъди бозгашт ба муассисаи таълимӣ донишҷӯ аз фанни дахлдор дар мӯҳлати дар нақшаи инфиродӣ муқарраршуда имтиҳон (санҷиш) месупорад.

-дар семестри дигар-дар ин ҳолат донишҷӯ фанни дахлдорро тавассути иштирок дар дарсҳо бо дигар гурӯҳ (курс) меомӯзад.

18) Давраҳои таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври пурра, нопурра ва ё қисман эътироф карда мешавад.

Эътирофи пурраи таҳсили академӣ-ин аз ҷониби донишҷӯ дар давоми мӯҳлати таҳсил дар дигар муассисаи таълимӣ бомуваффақият ба иҷро расонидани кори муқарририи академӣ мебошад, ки дар муассисаи таълимӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҳолате давраҳои таҳсил нопурра ва ё қисман эътироф карда мешаванд, ки агар муассисаи таълимӣ курси дар дигар муассисаи таҳсилоти олӣ омӯхтаи донишҷӯро қисман қобили қабул ҳисобад ва оид ба баъзе мавзӯъҳо иловатан супоридани санҷишро зарур шуморад. Баъди супоридани чунин санҷишҳо фанҳои таълимии дахлдор пурра ҳисобида шуда, тибқи тартиби муқарраргардида дар варақаи замимаи диплом дарҷ карда мешаванд.

19) Эътироф дар ҳолате ҷузъи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, ки агар ташкили мувофиқашудаи фаъолиятмандии академӣ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи шартномаи дар байни ду ҷониб basташуда, мавҷуд бошад.

20) Аз нав супоридани санҷиш аз фанҳоеро, ки дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, метавон дар

доираи сатҳи гуногуни таҳсилот ба амал баровард, аз ҷумла фанҳои сатҳи бакалавриатро мумкин аст ҳамчун сатҳи магистрант ва баръакс эътироф намуд.

### 3.Тартиби эътирофи таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумла, дар муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ)

21) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ он шакли давраи таҳсилеро эътироф менамояд, ки дар давоми он донишҷӯ дар дигар муассисаи таҳсилоти олӣ таҳсил намудааст, дар сурате, ки агар ин давраи таҳсил ба давраи таълимии муассисаи таълимӣ баробарарзиш бошад ва ҳамзамон, чунин давраи таҳсилро донишҷӯ бомуваффақият анҷом дода, бо ҳуҷҷати аз ҷониби муассисаи таълимии пазиранда пешниҳодшуда оид ба натиҷаҳои таълим тасдиқ гардида бошад. Давраҳои таҳсил, мазмуну мундариҷаи фанҳо ва дигар шарту ҳолатҳо дар шартномаи дахлдоре, ки дар байни муассисаи таҳсилоти олӣ бо муассисаи таҳсилоти олии пазиранда баста мешавад, дарҷ карда мешаванд.

22) Барои эътироф кардани давраи дахлдори таҳсил ҳуҷҷатҳои зерин асос шуда метавонанд:

-аризаи донишҷӯ;

-нақшаи инфиродии таълимии донишҷӯ (гурӯҳҳои донишҷӯён) дар давраи таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олӣ, ки дар заминаи нақшаи таълимии самти омоданамоӣ (ихтисос) ва барномаи таълимии муассисаи таҳсилоти олии пазиранда тартиб дода мешавад. Нақшаи инфиродӣ бояд ҳамаи фанҳои ҳатмиеро, ки дар Стандарти давлатии таълимии самти омоданамоӣ (ихтисос) пешбинӣ гардидаанд, фаро гирад. Муассисаи таҳсилоти олии пазиранда метавонад фанҳои факултативӣ ва курсҳои интихобиро иваз намояд. Дар нақшаи инфиродии донишҷӯ дар муассисаи таҳсилоти олии нав, баъд аз бомуваффақият ба анҷом расонидани таҳсил дар дигар муассисаи таҳсилоти олӣ, аз омӯзиши чи навъ фанҳо ва курсҳо озод кардани ӯ нишон дода мешавад. Иҷрои нақшаи инфиродӣ дар мӯҳлатҳои дар он муқарраршуда барои донишҷӯ ҳатмӣ мебошад.

-шартнома дар байни ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба табодули академии донишҷӯён;

-ҳуҷҷати тасдиққунандаи натиҷаҳои таҳсиле, ки дар он аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии пазиранда номи фанҳо, кредитҳои ба дастоварда ва баҳоҳои донишҷӯ дарҷ карда мешавад.

23) Баъди бозгашт аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯ ба муассисаи таълимии худ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи натиҷаҳои таҳсилоташро (бо тарҷума ба забони давлатӣ – агар таҳсил дар донишгоҳи кишвари хориҷӣ сурат гирифта бошад) пешниҳод менамояд.

24) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҷузъҳои фарогирифтаи таълимии донишҷӯ баҳои воқеӣ гузошта, оид ба эътирофи давраи таҳсили ӯ дар асоси Тартиб ва ё Низомномае, ки Вазорати маориф тасдиқ намудааст, қарор қабул менамояд. Холҳо ва санҷишҳои аз ҷониби

муассисаи таҳсилоти олии пазиранда ба донишҷӯ гузошташударо ба холҳо ва санҷишҳои дар муассисаи таълимӣ қабулгардида бармегардонад. Натиҷаҳои таълим дар фарҷоми таҳсил тибқи тартиби муқарраршуда дар замимаи ба диплом ҳамроҳшуда, ворид карда мешаванд.

### 4. **Ташаккули фаъолиятмандии академӣ**

25) Ташаккули фаъолиятмандии академӣ аз ҳисоби воситаҳои зерин таъмин карда мешавад:

-воситаҳои молиявии буҷетӣ барои донишҷӯёне, ки дар асоси буҷавӣ таҳсил менамоянд;

-воситаҳои молиявии ғайрибуҷавии муассисаи таҳсилоти олӣ;

-воситаҳои молиявии кишвари пазиранда, аз ҷумла грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва фондҳои шахсӣ;

-воситаҳои молиявии шахсии донишҷӯён- иштирокчиёни барномаи фаъолиятмандии академӣ;

-дигар сарчашмаҳои молиявие, ки ба муқаррароти қонунгузории амалкунанда мухолифат надоранд.

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ _____ соли 2011, №
тасдиқ карда шудааст

## **Низомномаи**
## **намунавӣ оид ба сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»**

## I. Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи намунавӣ оид ба сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» тибқи муқаррароти моддаи 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №264 тасдик шудааст, таҳия гардидааст.

Низомномаи намунавӣ оид ба сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» мақсад, тартиби пешниҳод, сарфарозгардонӣ, ҳуқуқ, кафолатҳои иҷтимоии сарфарозшудаҳои унвонҳои мазкур ва дигар муқаррароти ба чунин унвонҳои ифтихорӣ соҳибшудаҳоро муайян менамояд.

2) Сарфарозгардонӣ бо унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври дастаҷамъона эътироф намудани хизматҳои шоиста, арзишманд, манфиатбахш ва махсуси шахсият дар рушду таккомули илм, маориф ва фарҳанг мебошад.

## II. Тартиби сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»

3) Бо мақсади сарфарозгардонӣ ба унвонҳои «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» дар назди Шӯрои олимони муасисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи аттестасионӣ таъсис дода мешавад.

4) Ҳарсол ду моҳ қабл аз анҷоми соли таҳсил ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба интихоб намудани довталабон барои сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» тавассути озмун фармон содир менамояд. Фармон дар нашрияҳои даврӣ (рӯзнома, сомонаи интернетии муассисаи таҳсилоти олӣ ва дигар воситаҳои ахбори умум) ҷой дода мешавад.

Шӯъбаи умумии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро бо фармон шинос менамояд.

Директорони донишкадаҳо (филиалҳо), деканҳои факултетҳо ҳуҷҷатҳои номзадҳоро ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» пешниҳод менамоянд;

Комиссияи аттестатсионии Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо баррасӣ карда, оид ба довталаби унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» хулосабарорӣ карда, натиҷаи онро дар Шӯрои олимон баррасӣ менамояд.

5) Аъзои Шӯрои олимон низ ҳуқуқи гирифтани унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»-ро доранд.

6) Довталабони зерин барои сарфароз шудан ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд:

-омӯзгорон ва ходимони илмие, ки дорои дараҷа ва унвонҳои илмию омӯзгории профессор ва доктори илм мебошанд;

- омӯзгорон ва ходимони илмие, ки аз дараҷа ва унвонҳои илмию омӯзгории профессор ва номзади илм бархурдоранд;

- хатмкардагони машҳуру маъруф ва хизматнишондодаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷие, ки оид ба ҳамагуна соҳаи марбута - илм, таълиму тадрис, фарҳанг, хоҷагӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ ва ғайраҳо дар назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хизмати арзанда намудаанд;

-олимони маъруфу машҳур, омӯзгорони хизматнишондода, роҳбарони соҳибобрӯи муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои ҳамагуна шакли моликият;

- арбобони бузурги ҷамъиятию сиёсӣ, кормандони варзидаи соҳаи фарҳанг, дипломатҳо ва шахсиятҳои олимартабаи кишварҳои хориҷӣ ва дигар шахсоне, ки дар рушду тараққӣ ва шукуфоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

7) Ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сарфароз карда мешаванд:

- омӯзгорон ва ходимони илмие, ки 25 сол собиқаи корӣ дошта, на камтар аз 15 сол дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ чун қоида, дар вазифаҳои ректор, проректор, декани факултет (директори донишкада) ва ё мудири  кафедра фаъолият карда, дар рушду такоммули муассисаи таълимӣ саҳми мушаххас гузоштаанд, ба мукофотҳои давлатӣ сарфароз шуда, ё фаъолияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, илмӣ, эҷодии онҳо дар соҳаҳои илм, техника, таҳсилоти олии касбӣ, тарбия ва омода кардани кадрҳои илмӣ аз ҷониби аҳли илму фарҳанги ҷумҳурӣ (байналмилалӣ) эътирофи умум пайдо намудаанд.

8) Чунин талабот барои довталабон ҷиҳати сазовор шудан ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррарр карда мешавад:

а) Барои довталабони дараҷаҳои  I ва  II

-таъсис ва ташаккулдиҳии сохторҳои марбута (кафедраҳо, лабораторияҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо);

- ихтирои самтҳои наву манфиатовари омоданамоии мутахассисон;

- таҳия ва инкишоф додани самти нави илмӣ (мактаби таҳқиқотии илмӣ) дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- омода кардани номзадҳо ва ё докторҳои илм;

- иҷро кардани корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва грантҳо дар асоси шартномаҳои берунӣ;

-мавҷудияти патентҳо, шаҳодатномаҳои муаллифӣ барои ихтироот ва дигар маҳсули моликияти зеҳнӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолият мавриди баҳрабардории амалӣ қарор гирифтаанд;

-таҳияи назарияи нодиру беназир ва ё инкишофдиҳии назарияҳои мавҷудаи умумиэътирофшуда дар соҳаҳои илм, иқтисод ва технология дар соҳаи саноат;

- мавҷудияти нишон (медал) ва ё диплом оид ба самти фаъолият дар намоишгоҳҳо ва кори конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (байналмилалӣ), симпозиумҳо ва дигар тадбирҳои илмию созмондиҳие, ки мақоми умумиэътирофшуда доранд;

-таълиф ва нашри монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ таҳти сояунвони (грифи) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо.

б) Барои довталабони дараҷаи III

Хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо фаъолияти илмӣ, ҷамъиятӣ, маърифатӣ ва ё давлатии худ муассисаи таълимии худ ва ҷумҳуриро машҳур намудаанд.

в) Барои довталабони дараҷаи IV

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷие, ки ҷиҳати рушду тараққии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саҳми назаррас гузошта, дар назди он хизматҳои арзанда кардаанд.

9) Ҳарсол барои сарфароз намудан ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» -и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озмун эълон карда шуда, довталабон аз ҳисоби омӯзгорон, кормандони илмӣ ва хатмкардаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо интихоб карда мешаванд.

10) Сарфарозгардонии довталабони дараҷаҳои III ва IV-ро инчунин дар давоми сол дар асоси Низомномаи мазкур ба амал баровардан мумкин аст.

11) Барои довталабони унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаҳои мансубияти ҷинсӣ, синнусолӣ, нажодӣ, мансубияти миллӣ, ақидаҳои сиёсӣ ва эътиқоди динию мазҳабӣ, шаклу навъи фаъолияти касбӣ ва касбу кор маҳдудиятҳо пешбинӣ карда намешавад.

12) Сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси гувоҳномаи (тавсияи) сохтори таркибии муассисаи таълимӣ тариқи овоздиҳии пӯшидаи аъзои Шӯро ба амал бароварда мешавад.

Довталабоне, ки овозҳои бештари аъзои Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбии дар ҷаласаи Шӯро ширкатварзида (на камтар аз 50% +1)-ро соҳиб мешаванд, соҳиби унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» - муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мегарданд.

13) Қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бораи сарфарозгардонӣ ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» - и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар рӯзнома ва сомонаи интернетии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нашр карда мешавад.

## III. Аломатҳои фарққунандаи унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

14) Ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сарфарозшуда дар маросими тантанавӣ нишони махсус бо навиштаҷоти «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, абои (мантияи) профессорӣ ва кулоҳи чоркунҷа (конфедратка) тақдим гардида, ба онҳо инчунин дипломҳои «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ супорида мешаванд.

Аксҳои калонҳаҷми шахсони ба унвонҳои ифтихории «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ» сарфарозшуда дар девори осорхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ овехта мешаванд.

## IV. Ҳуқуқ ва кафолатҳое, ки барои «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ мегарданд

15) «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ умрбод дар ҳайати сохтори таркибии муассисаи таълимӣ ҷой дода шуда, ҳуқуқ дорад, ки дар тамоми навъҳои фаъолияти он , аз ҷумла дар ҷаласаҳои умумӣ (новобаста аз он ки дар вазифаи воҳиди корӣ қарор дорад ё не), бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда ширкат варзад.

Ҳамзамон, «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад, ки:

-дар кори Шӯрои олимон ва Шӯрои сарпарастии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ҳуқуқи овози машваратӣ ширкат варзад;

-барои «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имкон дорад, ки мукофоти ҳармоҳаи якумра дар асоси қарори Шӯрои олимон муқаррар када шавад.

16) Ҳангоми аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба маросиму чорабиниҳои расмии дохилимуассисавӣ даъват намудани «Доктори ифтихорӣ» ва «Профессори ифтихорӣ»- и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки берун аз ҳудуди ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ истиқомат менамояд ва ё маскуни дигар давлат мебошад, тарафи даъваткунанда пардохти тамоми хароҷоти сафарро ба ӯҳдаи худ мегирад.

## V. Мавриди амал қарор гирифтани Низомнома

17) Низомномаи мазкур аз рӯзи тасдиқ шуданаш мавриди амал қарор мегирад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Низомномаи**
**Шӯрои ҳамоҳангсоз (координатсионӣ)-и низоми кредитии таҳсилот дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низомномаи мазкур асоси ташкилию ҳуқуқӣ, вазифа ва фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозиро оид ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## 1.Қоидаҳои умумӣ

1) Шӯрои ҳамоҳангсоз (координатсионӣ)-и низоми кредитии таҳсилот дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Шӯрои ҳамоҳангсоз) бо мақсади таъмин намудани ҳамоҳангии фаъолияти Вазорати маориф, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба амалӣ намудани низоми кредитии таҳсилот, ислоҳот ва рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2) Ба ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсоз намояндагони Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилоту идораҳо ҳамчунин, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ шомил мешаванд.

3) Шӯрои ҳамоҳангсоз фаъолияти худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

## 2.Вазифаҳои асосӣ ва ӯҳдадориҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз

4) Вазифаҳои асосии Шӯрои ҳамоҳангсоз иборатанд аз тайёр, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба:

а) таъмини иҷрои Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва низоми кредитии таҳсилот;

б) татбиқи сиёсати давлатӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар асноди меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф оид ба низоми кредитии таҳсилот;

в) ҳамоҳангсозии фаъолияти Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ бо мақсади татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) муайян намудани самтҳои асосӣ оид ба низоми кредитии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5) Вазифаҳои асосии Шӯрои ҳамоҳангсоз иборатанд аз:

а) таҳлили ҳолати кор оид ба амалигардонии низоми таҳсилоти кредитӣ;

б) таҳияи пешниҳод оид ба:

- тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар аснод оид ба низоми кредитии таҳсилот такмил додани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

-фароҳам овардани шароити ҳамоҳангсозии ҳамкории байнисоҳавӣ ва гузаронидани санҷиши (мониторинги) низоми кредитии таҳсилот;

-ба амал баровардани таҳлили амалигардии рафти Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-мусоидат ва ҳамкории самаранок дар байни муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи низоми кредитии таҳсилот;

## 3.Ҳуқуқҳои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ

6) Бо мақсади татбиқи вазифаҳои гузошташуда ва амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ оид ба низоми кредитии таҳсилот Шӯрои ҳамоҳангсоз ҳуқуқ дорад:

а) бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва дигар сохторҳо ҳамкорӣ намояд;

б) барои амалигардонии вазифаҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилоту идораҳои дахлдор маълумоти зурурӣ талаб намояд;

в) дар ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба раванди иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва низоми таҳсилоти кредитӣ намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилоту идораҳои дахлдорро даъват намуда, ба онҳо ибрози назар намоянд;

г) дар доираи салоҳияти худ метавонад пешниҳоду тавсияҳоро таҳия карда, масъалагузорӣ намояд;

е) ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмилдиҳӣ ва иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва низоми кредитии таҳсилот пешниҳод манзур созад;

ж) дигар салоҳиятҳоро, ки ба таъминоти татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва низоми кредитии таҳсилот мусоидат менамоянд, ба амал барорад.

**4.Ташкили фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсоз**

7) Ба Шӯрои ҳамоҳангсоз Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, ба фаъолияти он роҳнамоӣ менамояд, дар ҷаласаҳо раисӣ карда, нақшаи фаъолияти онро тарҳрезӣ менамояд, рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсозиро назорат менамояд ва тибқи қонунҳои амалкунанда оид ба фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсоз масъулияти инфиродӣ дорад. Дар вақти набудани Раиси Шӯрои ҳамоҳангсоз вазифаи раисиро муовини ӯ ба ӯҳда дорад.

8) Котиби Шӯрои ҳамоҳангсозӣ барои гузаронидани ҷаласа мавод ва дигар ҳуҷҷатҳоро омода намуда, протоколи ҷаласаро таҳия менамояд.

9) Ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ҳар се моҳ як маротиба гузаронида мешавад.

10) Қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз дар намуди протокол таҳия гардида, аз ҷониби ҳамаи аъзои Шӯро ба имзо расонида мешаванд.

11) Қарорҳо бо овоздиҳии кушода ҳамон вақт қобили қабул ҳисобида мешаванд, ки агар ба онҳо аз шумораи умумии овозҳои аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ овозҳои бештар дода шуда бошад. Дар сурати баробарии овозҳо қароре, ки ба он раис овоз додааст, қабулшуда ҳисобида мешавад.

12) Мақоми кории Шӯрои ҳамоҳангсоз Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки маводи зарурирo барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз омода намуда, дар мӯҳлати на камтар аз 3 рӯз то саршавии ҷаласа ба аъзои Шӯро дастрас менамояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМА
**оид ба кори (лоиҳаи) курсӣ (аз рӯи барномаи бакалавриат)**

## 1. Қоидаҳои асосӣ

1) Кори (ё лоиҳаи) курсӣ ҷузъи ҷудонопазири нақшаи таълимии мутахассисони кулли равияҳо ва ихтисосҳо мебошад. Он барои ҳама ихтисосҳои бакалавриат дар курсҳои 2, 3 ва 4 иҷро карда мешавад.

Кори курсӣ аз рӯи барномаи бакалаврҳо фаъолияти фардии донишҷӯ буда, дар зери роҳбарии илмии омӯзгорони кафедраҳои тахассусии факултет, аз ҷумлаи профессорон, дотсентҳо, саромӯзгорон, ассистентҳо ва кормандони илмии кафедраҳо иҷро мегардад.

Бо мақсади таъмин намудани сифати зарурӣ ва гуногуншаклии иҷрои корҳои курсӣ як омӯзгор наметавонад ба кори курсии беш аз 15 нафар донишҷӯ роҳбарӣ кунад. Бо ҳамин мақсад ба омӯзгор рухсат дода мешавад, ки интихоби озмунии донишҷӯёнро гузаронад. Шартҳои озмун бояд дар ҳамбастагӣ бо мавзӯъҳои корҳои курсӣ дар тахтаи деворechii кафедра овехта шуда, дастраси донишҷӯён гарданд. Ҳар донишҷӯ дар давоми таҳсил на беш аз чор кори курсӣ ба иҷро мерасонад.

Ҳимояи кори курсӣ шарти зарурии ба кредитҳои барои он муқарраргашта соҳиб гаштани донишҷӯ мебошад.

## 2. Талабот ба кори (лоиҳаи) курсӣ

2) Кори курсӣ бояд тадқиқоти илмии мустақили муаллиф дар мавзӯи доғи рӯз бошад ва бо риояи талаботи техникӣ ва бидуни вайрон кардани меъёрҳои академии навишти корҳои хаттӣ таҳия гардад.

3) Кори курсӣ марҳалаи қаблии таҳияи кори дипломӣ мебошад. Он бояд ҷузъҳои мустақилонаи эҷодиёти илмиро доро буда, барои баланд бардоштани омодагии назариявию касбӣ ва амиқ азхуд намудани маводи омӯхташуда кӯмак расонад.

4) Дар баробари таҳияи кори курсӣ масъалаҳои зерин ҳал мегарданд: банизомдарорӣ ва васеъгардонии дониши назариявӣ аз фанҳои тахассусӣ; истифодаи дониши азбаркарда барои ҳалли масъалаҳои мушаххас; инкишоф ва таҳкими малакаҳои фаъолияти мустақилона, азхуд намудани тартиби кор бо масъалае, ки дар кори курсӣ бояд ҳал гардад; назорати рафти кори мустақилонаи донишҷӯ.

5) Кори курсӣ бояд мувофиқати омодагардии донишҷӯро ба салоҳият ва малакаҳои дар стандартҳои таълимии ихтисосҳо ва равияҳои мувофиқ пешбинигашта нишон диҳад ва бар замми ин, иқтидори эҷодию илмии донишҷӯро бозкушояд.

6) Ҳаҷми тахминии кори курсӣ (бе назардошти замимаҳо) барои ихтисосҳои техникӣ бо ҳуруфчинии компютерии якфосила ё якунимфосилаи андозаи ҳарфҳояш 14 бояд дар доираи 30-50 саҳифаи шакли А4 бошад.

7) Кори курсӣ бояд қисматҳои зеринро дарбар гирад:

- варақаи унвон;
- варақаи супориш барои кори курсӣ;
- нақша (мазмун, мундариҷа);
- сарсухан (муқаддима). Дар он муҳим будани мавзӯъ асоснок мешавад, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот баён мегарданд, ҳолати ҳалли масъала ҳайд карда мешавад ва сарчашмаҳои асосии адабиётию меъёрӣ нишон дода мешаванд;
- матни асосӣ. Он бояд на кам аз 2 бобро дарбар гирад. Ҳар бобро 2 ё бештар бандҳо ташкил медиҳанд. Дар бандҳо мазмуни мавзӯъ бо назардошти тартиби пайдарпайии масъалаҳои гузошташуда баён мегардад;
- хулоса. Дар он кори иҷрошуда ҷамъбаст мегардад;

- рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда;
- замимаҳо (агар бошанд).

Қисмати графикии кори курсӣ дар варақаи ҳисобию тавзеҳӣ (дар дохили матни асосӣ ё ҳамчун замима) ва ё берун аз он (дар варақаҳои намуд ва андозаҳояшон аз тарафи роҳбари илмӣ муқарраршуда) иҷро карда мешавад.

## 3. Тартиби интихоби мавзӯъ ва ивази он

8) Кафедраи тахассусӣ рӯзи якуми семестри таълимӣ дар тахтаи деворӣ номгӯи мавзӯъҳои корҳои курсиро бо овардани ному насаби роҳбарони илмӣ меовезад. Мавзӯи кори курсӣ бояд аҳамияти назариявию амалӣ дошта, самтҳо ва ҷанбаҳои нави илмиро, ки ҳанӯз нокифоя омӯхта шудаанд, дарбар гирад, ё масъалаи баҳсталаби илмӣ бошад.

Донишҷӯ масъул аст, ки дар давоми 14 рӯзи аввали семестр мавзӯи кори курсиро интихоб намуда, онро бо роҳбари илмӣ мувофиқа гардонад. Пас аз ин донишҷӯ ба номи декани факултет аризаи намунааш аз тарафи раёсати муассисаи таълимӣ муқарраршударо пешниҳод менамояд, то мавзӯи интихобкардаи ӯ тасдиқ шавад. Деканат аризаро аз қайд гузаронида, бо манбаи маълумот муқоиса мекунад ва дар ҳамоҳангӣ бо кафедраҳои мувофиқ пешниҳоди ягонаро «Оид ба тасдиқи мавзӯъҳои корҳои курсӣ» барои кулли ихтисосҳои факултет тартиб медиҳад.

9) Агар донишҷӯ мавзӯъ ва роҳбари илмияшро бо ягон сабаб сари вақт интихоб карда натавонад, ӯ бояд дар аризаи худ ба деканат сабаби таъхирро асоснок намояд.

10) Донишҷӯе, ки мавзӯи кори курсияшро то мӯҳлатҳои муқарраргашта бе сабабҳои асоснок интихоб накардааст, ё он тасдиқ нашудааст, огоҳии расмӣ мегирад. Агар чунин ҳодиса минбаъд низ такрор шавад, ба донишҷӯ рухсати супоридани сессия дода намешавад.

11) Ивази роҳбари кори курсӣ танҳо дар ҳолатҳои фавқуллода ва ҳатман бо розигии деканати факултет иҷозат дода мешавад. Бо ин мақсад донишҷӯ бояд бо ариза ба деканат муроҷиат намояд.

12) Даровардани ислоҳ ба мавзӯи кори курсӣ дар давоми на дертар аз ҳафтаи шашуми  семестри таълимӣ имконпазир аст ва дар ин ҳолат низ донишҷу бояд боа риза ба деканат муроҷиат намояд.

## 4. Тартиби иҷро, супоридан ва ҳимояи кори (лоиҳаи) курсӣ

13) Донишҷӯ пас аз тасдиқ гаштани мавзӯъ ва роҳбари илмии кори курсӣ нақшаи корро тартиб медиҳад ва онро ба тартиби фардӣ бо роҳбари илмии худ мувофиқа менамояд. Роҳбари илмӣ ӯҳдадор аст, ки донишҷӯро бо варақаи нақшаи таҳияи кори курсӣ таъмин намояд. Мутобиқи нақшаи мазкур донишҷӯ ва роҳбари илмӣ бояд ҳафтае на кам аз як маротиба вохӯриҳо гузаронанд. Масъулияти риояи ин нақша ба

дӯши донишҷӯ мебошад. Мувофиқи қарордоди дутарафа алоқаи электронии байни роҳбари илмию донишҷӯ ё истифодаи васоити дигари алоқа низ иҷозат дода мешавад. Агар алоқаи байни донишҷӯ ва роҳбари кори курсӣ дар муддати дароз (се ҳафта ва бештар) имконнопазир бошад, донишҷӯ бояд ба роҳбарияти кафедра муроҷиат намояд. Мудири кафедра вазифадор аст, ки алоқаи донишҷӯ ва роҳбари илмии ӯро барқарор намояд ё зарурати ивази роҳбари кори курсиро бо пешниҳоди номзадҳои дигар тавсия намояд.

14) Дар давоми семестри таҳсил мувофиқи ҷадвали раванди таълим кафедраи мутасаддӣ се маротиба назорати марҳалавии иҷрои корҳои курсиро мегузаронад (дар ҳафтаҳои ҳафтум, чордаҳум ва ҳабдаҳум). Аз рӯи натиҷаҳои ҳар як назорати марҳалавӣ мудири кафедра ба номи декани факултет оид ба рафти иҷрои корҳои курсӣ маълумоти хаттӣ пешниҳод менамояд.

15) Кори курсӣ бояд дар мувофиқа бо ҷадвали тасдиқшудаи ҷараёни таълим ба иҷро расад. Донишҷӯ кори курсии тайёршударо ба роҳбари илмии худ месупорад. Роҳбари кори курсӣ онро тафтиш мекунад (дар мӯҳлати на беш аз як ҳафта баъди супоридани кор) ва дар сурати мавҷуд будани зарурат дар ҳошияи он мулоҳизаҳои тавсиявию танқидии худро қайд намуда, кори курсиро барои ислоҳу мукаммал намудан бармегардонад. Ҳодисаи баргардонидани кори курсӣ метавонад чандинкарата бошад. Роҳбари кори курсӣ вазифадор аст, ки риояи меъёрҳои академии навишти корҳои хаттию графикиро ба инобат гирад.

16) Асосҳо барои баргардонидани кори курсӣ бо мақсади мукаммалгардонӣ чунинанд:

- номувофиқӣ бо мавзӯи қаблан тасдиқшуда;
- ба даст наомадани мақсади кор, ҳал нашудани масъалаи гузошташуда;
- ба талабот номувофиқ будани ҳаҷми кор;
- номувофиқии мазмуни кор бо мавзӯъ ва нақшаи он;
- риоя накардани қоидаҳои иқтибосоварӣ (ба таври механикӣ нусхабардорӣ намудани маводи адабиёт, наовардани истинодҳо, асардуздӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 30 %-и кори курсӣ);

17) Дар сурати пурра ва дуруст ба иҷро расидани кори курсӣ роҳбари кори курсӣ ӯҳдадор аст, ки оид ба он хулосаномаи хаттии худро дар ҳафтаи ҳабдаҳуми семестр ба деканат супорад. Хулосанома) дар Маркази бақайдгирии донишгоҳ сабт гашта, дар парвандаи шахсии донишҷӯ маҳфуз дошта мешавад. Донишҷӯе, ки хулосаномаи роҳбари илмиро соҳиб мешавад, кори курсии худро аз назорати меъёрӣ мегузаронад. Нозири меъёр дар кори курсӣ риоя гаштани қоидаҳои навишти корҳои хаттиро тафтиш намуда, дар ҳолати мусбат пазируфтан онро барои ҳимоя пешниҳод менамояд.

18) Дар хулосанома бояд нишон дода шаванд:

- муҳим будани мавзӯи тадқиқот ва худи тадқиқот, сатҳи ҳалли ин масъала дар адабиёти махсус ва истеҳсолоти муосир;
- аҳамияти илмӣ ва амалии кор;
- навовариҳои илмӣ ё ҷузъҳои он;

- тозагии фикру ақидаҳо ва сатҳи мустақилона иҷро шудани кор (аз ҷумла, риояи меъёрҳои академии навишти корҳои хаттӣ);

- ҳаққонӣ будани хулосаҳои бароварда, мувофиқати хулосаҳо ба воқеият;

-мувофиқ будани донишҷӯ ба малакаю салоҳиятҳое, ки донишҷӯёни равия ва курси мазкур бояд онҳоро соҳиб бошанд;

- мувофиқати кор ба талабот нисбат ба тартибдиҳию ороиш, ки дар дастурҳои муқарраршуда оварда шудаанд.

Хулосанавис дар поёни хулосанома таассуроти умумияшро нисбат ба кор қайд намуда, баҳои худро пешниҳод менамояд.

19)Хулоса бо имзо (бо овардани ному насаб ва вазифаи хулосанавис) ва таърихи таҳияи он тасдиқ карда мешавад.

20) Ҳимояи кори курсӣ пеш аз сессияи имтиҳонӣ мувофиқи ҷадвали аз тарафи деканат тасдиқшуда дар комиссияи кафедравӣ гузаронида мешавад. Ба ҳайати комиссия роҳбари илмии кори курсӣ низ шомил мегардад. Ҳангоми ҳимоя донишҷӯ ҷанбаҳои асосии мавзӯи омӯхтаашро ба таври кӯтоҳ баён намуда, хулосаҳояшро асоснок мегардонад ва доир ба моҳияти қайдҳои танқидии роҳбари илмӣ шарҳи худро пешниҳод менамояд. Дар фароварди маърӯза донишҷӯ ба саволҳои додашуда ҷавоб медиҳад. Ҷавобҳо бояд кӯтоҳ, вале мукаммал бошанд.

21) Баҳо дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ ва варақаи баҳогузорӣ қайд мегардад. Донишҷӯе, ки кори курсиро насупорид, онро ҳимоя накард, ё дар натиҷаи ҳимоя сазовори баҳои «0» мегардад, аз кредитҳои барои кори курсӣ муқарраргашта бенасиб мемонад.

## 5. Маҳакҳои баҳогузории кори (лоиҳаи) курсӣ

22) Баҳои кори курсӣ ҷанбаҳои зеринро ба назар мегирад:

- сатҳи ҳал гаштани мавзӯъ;
- истифодаи адабиёти махсус, маводи меъёрӣ;
- муносибати эҷодӣ ба таҳияи кори курсӣ;
- дурустӣ ва асоснокии илмии хулосаҳо;
- тарзи баён;
- башаклдарории (навишти) ботартиби кори курсӣ;
- натиҷаҳои ҳимояи кори курсӣ.

23) Баҳои кори курсӣ аз рӯи маҳакҳои зерин гузошта мешавад:

Баҳои «9» ё «10» гузошта мешаванд, агар кори курсӣ ба талаботи банди 4-и Низомномаи мазкур пурра мувофиқат намояд.

Баҳо то «6» - «8» паст карда мешавад, агар дар кори курсӣ қоидаҳои навишт вайрон шуда бошанд ё дар рафти ҳимоя камбудиҳо ба назар расанд.

Баҳо метавонад то «1» - «5» паст карда шавад, агар мӯҳлатҳои супоридани кор риоя нагарданд, кор рефератӣ, яъне бетаҳлил бошад ва агар дар он ҷузъҳои риоя нагаштани қоидаҳои таҳияи корҳои хаттӣ (асардуздӣ) вохӯранд.

Баҳои «0» гузошта мешавад, агар дар кори курсӣ вайроншавии ҷиддии қоидаҳои навишти корҳои хаттӣ ҷой дошта бошад ё мавзӯи кори курсӣ бо мазмунаш мувофиқат накунад.
Бо қарори мушовараи

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Низомнома**
**дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1) Иҷрою ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм марҳилаи хотимавии таҳсил ва намуди ҳатмии аттестатсияи ҷамъбастии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб ёфта, таҳким бахшидану муназзам сохтан ва тавсааи донишҳои амалӣ дар соҳаи касби пешгирифта, рушди малакаҳои кори мустақилона ва истифодаи методҳои таҳқиқ, муайян намудани дараҷаи омодагии хатумкунандагон ба фаъолияти мустақилона дар соҳаи касби интихобкардаашонро фаро мегирад.

2) Рисолаи тахассусии хатм дар шаклҳои зерин мувофиқ ба дараҷаи дахлдори таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода мешаванд:

-барои тахассуси (дараҷаи) бакалавр дар шакли рисолаи бакалавр;

-барои тахассуси «мутахассиси дипломдор» дар шакли рисолаи (лоиҳаи) дипломӣ;

-барои тахассуси (дараҷаи) магистр дар шакли рисолаи магистр.

3) Талаботи умумӣ нисбат ба ҳаҷму мундариҷаи корҳои тахассусии хатм тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад ва он вобаста аз дараҷаи таҳсилот ва мӯҳлати таҳсил фарқ мекунад.

4) Масъулияти ҳамаи маълумот, ки дар рисолаи тахассусии хатм оварда мешавад, бевосита муаллифи он бар дӯш дорад.

5) Рисолаи тахассусии хатм ва тақризҳои ба онҳо додашуда ба мӯҳлати 5 сол дар кафедраҳои пешбар нигоҳ дошта мешаванд.

**2. Талабот нисбат ба ташкили иҷрои рисолаҳои тахассусии хатм**

6) Мавзӯъҳои рисолаҳои тахассусии хатм аз тарафи кафедраи пешбар аз рӯи ихтисосҳои асосӣ тартиб дода шуда, бо қарори Шӯрои олимони факултет ва фармони ректор тасдиқ карда мешаванд.

Донишҷӯй ҳуқуқ дорад, ки мавзӯи худро бо назардошти муҳимияти масъала ва асоснок намудани мувофиқи матлаб будани таҳқиқи он пешниҳод намояд.

7) Мавзӯи рисолаи дипломӣ ва магистрӣ на камтар аз як сол то ҳимояи он тасдиқ карда мешавад. Мавзӯъи рисолаи бакалавриат на дертар аз ним сол то аз аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ гузаштани хатмкунанда тасдиқ карда мешавад.

8) Барои тайёр намудани рисолаи тахассусии хатм ба донишҷӯ роҳбари илмӣ ва дар сурати зарурат мушовир таъин карда мешавад.

9) Роҳбарони илмии рисолаҳои тахассусии хатм аз ҷумла профессорон, дотсентон, саромӯзгорон, кормандони илмӣ ва ассистентон таъин карда мешавад. Роҳбарони илмии рисолаи тахассуссии хатми бакалаврҳо ва мутахассисони дипломдор имкон доранд, ки устодони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин кормандони таҷрибадоре, ки мутахассиси бахши таҳсилот маҳсуб ёфта, на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ ва ё дараҷаи илмии номзад ва ё доктори илм доранд, таъин карда шаванд. Ба ҳар яке аз онҳо роҳбарии на бештар аз 5 рисолаи тахассусии хатм (дар шакли тахсилоти ғоибона на бештар аз 10 рисола) иҷозат дода мешавад.

10) Кафедраи пешбар назорати иҷрои рисолаи тахассусии хатмро ба роҳ монда, дар сурати зарурат роҳбари илмиро иваз менамояд.

11) Роҳбари рисолаи тахассусии хатм муваззаф аст:

-ба донишҷӯ барои таълифи рисола супориш диҳад (супориш мумкин аст, мувофиқи қарори кафедраи пешбардар шаклҳои шифоҳӣ ва ё хаттӣ дода шавад. Шакли хаттии супориши инфиродиро кафедраи пешбар ва ё факултет таҳия менамояд);

- дар ташкил ва иҷрои кор ёрӣ диҳад;

- машваратҳои мунтазам гузаронад;

-кори анҷомдодашударо санҷад ва тақриз нависад.

12) Баъди интихоби мавзӯи рисоали тахассусии хатм донишҷӯ ба унвони мудири кафедраи пешбар барои ба ӯ вобаста намудани мавзӯи таҳқиқот ва таъин намудани роҳбари илмӣ ариза дар шакле, ки муассисаи таъолимӣ тасдиқ намудааст, менависад.

Ариза дар маҷлиси кафедраи пешбар мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарор дар бораи вобаста намудани мавзӯи рисолаи тахассусии хатм ва таъин намудани роҳбари илмӣ ба Шӯрои олимони факултет пешниҳод карда мешавад. Дар асоси қарори Шӯрои олимон лоиҳаи фармони ректор дар бораи тасдиқи мавзӯъҳо ва таъини роҳбарони илмӣ таҳия ва тасдиқ мегардад.

13) Ҳама гуна тағйирот дар мавзӯъ ва роҳбарӣ намудан ба рисолаии тахассусии хатм бо фармони ректор дар асоси қарори кафедраи пешбар ва пешниҳоди декани факултет сурат мегирад.

14) Ба рисолаҳои тахассусии хатм тақриз навишта мешавад.

15) Хатмкунандае, ки дар мӯҳлати муқарраргардида рисолаи тахассусии хатмро пешниҳод накардааст ё бо қарори кафедраи пешбар барои ҳимоя иҷозат нагирифтааст, бе сабаби узурнок ба ҳимоя ҳозир нашудааст ва ё дар ҳимоя баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, аз аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ нагузашта маҳсуб мешавад ва тибқи Низономаи дар ин маврид қабулгардида аз он бояд дар мӯҳлати муқарраргардида ҳимоя намояд.

**3. Талабот оид ба таҳияи рисолаҳои тахассусии хатм**

16) Рисолаи тахассусии хатм дар шакли чопӣ дар як тарафи варақи сафеди формати А4 мутобиқи қоидаҳои таҳиясозии техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки стандартҳои давлатӣ онҳоро муайян кардааст, тартиб дода мешавад. Талаботи ҳатмӣ нисбат ба андозаи ҳошияҳо ва ҳуруф, фосилаи байни сатрҳо ва амсоли инҳо дар асоси муқаррароте, ки дар ин маврид қабул шудаанд, муайян карда мешавад.

17) Рисолаи тахассусии хатм, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад, бояд дар шакли китоб муқовабандӣ шавад.

18) Матни рисола бо варақаи унвон оғоз меёбад. Дар саҳифаи дигар мундариҷаи рисола бо номгӯи бобҳо, фаслҳо, бахшҳо, замимаҳо бо нишон додани саҳифаҳо оварда мешавад. Мундариҷаи рисола бояд ҳамаи сарлавҳаҳое, ки дар рисола мавҷуданд, фаро гирад. Сарлавҳаҳо бояд дақиқан ба мундариҷаи кор мувовиқат кунанд ва мухтасару аниқ, пайдарҳаму дақиқ мантиқи дохилии рисоларо инъикос намоянд.

19) Ҳамаи варақҳои рисола, аз муқаддима шурӯъ намуда, рақамгузорӣ карда мешавад. Рақамгузории саҳифаҳо бояд мувофиқи тартиби ададҳо сурат гирад. Феҳристи адабиёт бояд истифода шуда, замимаҳо аз рӯи тартиби ададҳо оварда шавад.

20) Ҳар як бахш дар матн аз ҳамдигар ҷудо навишта мешавад. Рақми бахш (боб)-и дахлдор ва ё зербахш (фасл) дар оғози сарлавҳа гузошта мешавад.

21) Дар рисола мумкин аст ҷадвалҳо ва расмҳои гуногун ҳам мавҷуд бошад. Миқдори чунин воситаҳои тасвир дар матн аз мундариҷаи он вобаста аст ва бояд ба андозае бошад, ки барои баёни возеҳу мухтасари мазмуни матн кифоят кунад. Ҷадвалу расмҳо баъд аз ишора ба онҳо дар матн оварда мешавад ва ҳар кадоме аз онҳо бояд рақам ва навиштаҳо дошта бошад. Рақамгузории ҷадвалу расмҳо аз рӯи тартиби ададҳо дар тамоми матни рисола сурат мегирад.

21) Маълумоти бо рақамҳо ифодаёфтае, ки дар матни рисола истифода шудааст, ба шакли ҷадвал тартиб додани он тавсия карда мешавад.

22) Манбаи иқтибосҳо дар поварақ оварда мешавад ва ё баъди иқтибос бо рақамҳо манбаи он ишора карда мешавад. Ишороти манбаи иқтибос на танҳо дар сурати бевосита дар даруни нохунук айнан овардани матни ҳуҷҷат ва ё гуфтаи касе, балки дар мавриди овардани далелҳо, маълумоти рақамӣ ва маълумоти дигаре, ки дар шакли нутқи мазмунан нақлшуда аз ҷониби муаллифи рисола оварда мешавад, зарур мебошад.

23) Рӯйхати адабиёт ва сабти библиографӣ тибқи тартиботи қабулгардида тартиб дода мешавад:

24) Замимаҳо ҳамчун идомаи кор тартиб дода шаванд ҳам, аммо ба ҳаҷми асосии он дохил намешаванд.

**4. Тартиби барои ҳимоя пешниҳо намудани рисолаи тахассуси хатм**

25) Барои ҳимоя дар ҷаласаи комиссияи давлатии аттестатсионӣ рисолаҳои тахассусии хатме пешниҳод мешаванд, ки иҷозатномаи кафедраи пешбарро дошта бошанд.

26) Кафедраи пешбар дар асоси хулосаи роҳбари илмӣ, инчунин дар сурати гузаронидани ҳимояи қаблӣ ва ба эътибор гирифтани натиҷаҳои он қарори барои ба ҳимоя иҷозат додани рисоларо қабул мекунад. Зарурат ва мӯҳлати гузаронидани ҳимояи қаблии онро кафедраи пешбар муайян мекунад.

27) Қарори ба ҳимоя иҷозат додани рисоларо бо қайди санаи қабули қарор дар шакли сабти маълумоти марбута дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯй бо имзои роҳбари илмӣ ва мудири кафедра, инчунин дар шакли сабт дар варақаи унвони рисола бо имзои мудири кафедраи пешбар қабул карда мешавад.

28) Агар роҳбари илмӣ ва ё муқарриз ҳимояи рисоларо ғайри имкон мешуморад, онгоҳ баррасии ин масъала бо иштироки донишҷӯй ва роҳбари илмии ӯ ба маҷлиси кафедра пешниҳод карда мешавад, ки дар он қарори қатъӣ оид ба иҷозати ҳимоя қабул карда мешавад. Суратҷаласаи маҷлиси кафедра барои тасдиқ ба декани факултет пешниҳод карда мешавад.

29) Рисола дар шакли лозима тартиб дода шуда, дар мӯҳлати муқаррааргардида ба кафедраи пешбар пешниҳод карда мешавад, то ба раис ва аъзои комиссияи аттестатсионии ҷамъбастӣ имкон дода шавад, ки то санаи ҳимоя бо мундариҷаи рисола шинос шаванд.

30) Агар рисола ба тақриз зарурат дошта бошад, онгоҳ дар маҷлиси кафедраи пешбар ҳайати муқарризон тасдиқ карда мешавад. Тақризро ба рисола муаллимоне, ки дар таҳияи он ширкат надоштанд ва ё мутахассисони беруна менависанд. Дар сурате ки рисола дар доираи фанҳои мухталиф таълиф шудааст, онгоҳ таъин намудани ду нафар муқарриз дар ҳаҷми соатҳои барои тақризи рисола пешбинишуда тавсия мешавад.

31) Вазифаи муқарриз аз шиносоии ҳамаҷониба бо мӯҳтавои рисола ва навиштани тақризи интиқодии асоснок иборат аст, ки дар он бояд матолиби зерин дарҷ гардад:

- мувофиқати рисола ба мавзӯи интихобшуда;
- муҳимияти он;
- -дараҷаи асоснокии хулосаҳои илмӣ, тавсияҳо, дурустию навоварӣ ва аҳамияти илмию амалии онҳо;
- -саводи умумӣ, сифати навиштани матнҳо ва тартиб додани ҷадвалҳо, мутобиқати онҳо ба стандартҳои амалкунанда;
- мувaффақиятҳо ва камбудиҳои рисола.

Дар қисмати хулосаи тақриз андешаҳои муқарриз доир ба мутобиқати рисола ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, тавсияи он барои ҳимоя, баҳои умумии он ва ба хатмкунанда додани тахассуси мувофиқ баён карда мешавад. Дар тақриз насабу ном ва номи падари муқарриз, унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ, ҷои кор, вазифа ва имзои ӯ пурра дарҷ мегардад .

32) Тақриз ба кафедраи пешбар на дертар аз як ҳафта то санаи ҳимоя пешниҳод карда мешавад. Донишҷӯй ҳақ дорад бо тақриз то санаи ҳимояи рисола шинос шаванд.

## 5. Ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм

33) Ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм дар ҷаласаи кушоди комиссияи аттестатсияи давлатӣ бо иштироки на камтар аз 2\3% ҳайати комиссияи мазкур сурат мегирад, ки дар он маърӯзаи мухтасари муаллиф, тақризи роҳбари илмӣ ва муқарриз шунида мешавад.

34) Донишҷӯ тақрибан дар муддати 10-15 дақиқа маърӯза мекунад, ки дар он ба таври фишурда муҳимияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, мундариҷаи асосии он, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳоро баён менамояд ва аҳамияти амалии таҳқиқотро нишон медиҳад.

35) Баъди хатми маърӯза саволу ҷавоб сурат гирифта, музокираи муқарриз шунида мешавад. Сипас, сухан ба донишҷӯй барои ҷавоб ба эродҳои муқарриз дода мешавад. Пас аз он тақризи роҳбари илмӣ шунида мешавад. Ташкили баҳс ҳам имкон дорад.

36) Тақризи роҳбари илмӣ бояд баҳои аз ҷиҳати назариявӣ омода будани муаллифи рисола, ташаббускорӣ ва мустақилияти ӯ дар мавриди ҳалли масъалаҳои таҳқиқот, қобилияти кор кардан бо адабиёти илмӣ ва маводи дигари илмӣ, қобилияти возеҳ ва аниқ баён намудани фикр, инчунин арзёбии дараҷаи мутобиқати таълифи рисола ба меъёрҳою қоидаҳои муқарраргардидаро фаро гирад.

37) Барои ҳимояи рисолаи тахассусии хатми бакалавр то 20 дақиқа, мутахассис то 30 дақиқа ва магистер то 45 дақиқа вақт муқаррар мегардад.

38) Натиҷаи ҳимояи рисола дар ҷаласаи пӯшидаи комиссия баъди хотимаи ҳимоя мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо раъйдиҳии оддӣ, бо бештари овозҳои аъзои комиссияе, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, арзёбӣ мешавад.

39) Баҳои қатъӣ ба рисола дар асоси тақризи роҳбари илмӣ, тақризҳои муқарризон ва баромади муаллифи рисола гузошта мешавад. Ҳангоми баҳогузорӣ ба рисола мумкин аст, мақолаҳои нашршуда, гувоҳномаи муаллифӣ, тақризҳои кормандони соҳибтаҷрибаи соҳаи таҳсилот ва муассисаҳои илмии ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд ба эътибор гирифта мешавад.

40) Меъёрҳои арзёбии рисола дар кафедраи пешбар таҳия гардида, бо қарори Шӯрои олимони факултет тасдиқ мешавад.

Меъёрҳои умумии арзёбии рисола аз инҳо иборат аст:

- асоснокии муҳимияти мавзӯи таҳқиқот, мувофиқати мундариҷа ба мавзӯъ, таҳлили пурраи мавзӯъ;

-дақиқ будани сохтор ва мантиқи баёни матлаб, асоснокии методологии таҳқиқот;

- ҳаҷм ва таҳлили адабиёти илмии алоқаманд ба мавзӯи таҳқиқот;

- донистани услуби илмӣ ва босаводана баён намудани фикрҳо;

- мувофиқати шакли рисола ба талаботе, ки нисбат ба таълифи рисола муқаррар гардидаанд;

-дараҷаи мулоҳизаи масъалаҳои назариявӣ ва ҷамъбасти маводи ҷамъшуда, асоснокӣ ва аниқии тасвияи хулосаҳою ҷамъбасткунӣ;

-мундариҷаи тақризҳои роҳбари илмӣ ва муқарриз;

- сифати маърӯзаи шифоҳӣ дар ҷаласаи ҳимоя;

-амиқӣ ва дақиқии ҷавобҳо ба саволҳо, эродҳо ва тавсияҳои дар вақти ҳимоя баёнгардида.

41) Натиҷаи ҳимояи рисола бо баҳоҳои «аъло», «хуб», «қаноатбахш», «ғайри қаноатбахш» арзёбӣ мегардад ва дар худи ҳамон рӯз, баъди аз рӯи тартиби муқарраршуда таҳия намудани суратҷаласаи маҷлиси комиссияи аттестатсияи давлатӣ эълон мегардад.

42) Баҳои рисола дар дафтарчаи имтиҳонӣ ва суратҷаласаи комиссия сабт мегардад.

43) Дар асоси натиҷаи ҳимояи рисола оид ба донишҷӯй додани тахассус аз рӯи ихтисос (равия) ва супоридани дипломи таҳсилоти олии касбӣ қарор қабул карда мешавад.

44) Шикояти апеллятсионӣ доир ба натиҷаи ҳимояи рисола мавриди баррасӣ қарор дода намешавад.

45) Ба донишҷӯе, ки дар ҳимояи рисола баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, маълумотномаи академии намунаи муқараргардида дода мешавад.

## 6. Рисолаи тахассусии хатми бакалавр

46) Рисолаи тахассусии хатми бакалавр (кори илмии бакалавр) бояд як таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқӣ анҷоми таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ бошад, ки бо ҳалли назариявии масъалаҳо ва таҳқиқоти таҷрибавӣ ва ё бо ҳалли масъалаҳои дорои хусусиятҳои амалӣ алоқаманд мебошад, ки масоли музкур чун қоида, як бахши корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи пешбар маҳсуб меёбад.

47) Рисолаи тахассусии хатми бакалавр имкон дорад, ки дар асоси ҷамъбасти лоиҳаҳо ва корҳои курсии пештар анҷомдодаи хатмкунанда

таҳия шавад ва дорои хусусияти таҳлилию (рефеативӣ) ҷамъбастӣ бошад ва дар шакли матн бо замимаҳои марбута таълиф гардад. Ба ҳайси рисолаи тахассусии хатми бакалавр, инчунин метавон мақолаҳои пештар нашршуда ва маъруӯзаҳои илмии хатмкунандаро қабул кард.

48) Рисолаи тахассусии хатми бакалавр бояд ҷавобгӯи принсипҳои мантиқнокӣ, дақиқӣ, дурустии баёни маводи мавҷуда, сохтори ягона, хулосаҳои мустақилона ва тавсияҳо бошад.

49) Рисолаи тахассусии хатми бакалавр дар заминаи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалие, ки донишҷӯй дар давоми 4 соли таҳсил касб кардааст, таълиф меёбад.

50) Рисолаи тахассусии хатми бакалавр дар соли чоруми таҳсил таълиф мешавад. Сарфи вақт барои таълифи он дар нақшаи таълимӣ дар ҳаҷми на камтар аз 4 ҳафта муайян мегардад.

51) Мавзӯъҳои рисола дар кафедраи пешбар тартиб ва бо фармони ректор тасдиқ карда мешавад. Мавзӯъҳои рисолаҳои бакалавр бояд аз рӯи мазмун ба барномаҳои магистрие, ки дар муассисаи таълимӣ аз рӯи ҳамон равия таълим дода мешавад, наздик бошад.

52) Мундариҷаи рисола бояд ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбие, ки барои омодасозии касбии донишҷӯён пешбинӣ шудаанд, ҷавобгӯй бошад ва матолиби зеринро фаро гирад:

-асоснокии интихоби предмети таҳқиқот ва гузориши вазифаҳои таҳқиқотие, ки дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ иҷро шудаанд;

-бахшҳои назариявӣ ва ё таҷрибавӣ бо нишон додани метод ва воситаҳои таҳқиқот;

-таҳлили натиҷаҳои бадастомада;

-хулоса ва тавсияҳо;

-рӯйхати адабиёти истифодашуда.

52) Ҳаҷми тавсияшудаи рисолаи тахассусии хатми бакалавр аз 30 то 40 саҳифаро бидуни теъдоди замимаҳо ташкил медиҳад.

### 7.Рисолаи тахассуси мутахассиси соҳибдиплом

53) Рисолаи тахассусии хатми мутахассиси соҳидиплом (кори дипломӣ, лоҳаи дипломӣ) барои муайян намудани қобилияти таҳқиқотии хатмкунанда, амиқии донишҳои дар бахши илмии интихобкардааш, ки ба соҳаи касбаш алоқаманд аст, инчунин муайян намудани малакаи корҳои методию таҷрибавии ӯ пешбинӣ гардидааст. Мундариҷаи рисолаҳои дипломӣ бояд ба мундариҷаи фанҳои умумикасбӣ ва ё тайёрии касбии тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат намояд. Рисолаҳо (лоиҳаҳо)-и дипломӣ имкон доранд, ки доир ба фанҳои зерин таълиф гарданд:

-доир ба фанҳои назариявие, ки аз ҷумлаи фанҳои силсилаи омодасозии касбӣ маҳсуб меёбанд;

-доир ба фанҳои педагогию равоншиносӣ;

-доир ба назария ва методикаи таълими фан.

54) Таҳқиқоти анҷоёфта, мумкин аст, пурра ба мавзӯъҳои назариявӣ тааллуқ дошта бошад ва ё ба ҳалли масъалаҳои амалие, ки ба намуди фаъолияти касбии хатмкунанда иртибот дорад, бахшида шавад.

Мундаричаи рисолаҳо (лоиҳаҳо)-и дипломӣ бояд проблемаҳои мубрами рушди таҳсилоту илмро дар марҳилаи ҳозира инъикос намояд.

55) Мавзӯи рисола (лоиҳа)-и дипломӣ рағбати илмӣ-тадқиқотии хатмкунандаро инъикос менамояд ва набояд барои тағйир додани мундарича ва талаботи имтиҳони ҷамъбастии давлатӣ асос шавад.

56) Хатмкунандагоне, ки аз рӯи барномаи таҳсилот бо ихтисоси иловагӣ таҳсил менамоянд, рисола (лоиҳа)-и дипломиро доир ба фанҳои ихтисоси асосӣ таълиф менамоянд. Ба таври истисно, таҳқиқи мавзӯъҳое, ки дар доираи ихтисоси асосӣ ва ихтисои иловагӣ қарор доранд, имконпазир аст.

57) Мӯҳлати таълифи рисола (лоиҳа)-и дипломии мувофиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ доир ба ихтисосҳои марбута муайян карда мешавад.

58) Рисола (лоиҳа)-и дипломӣ бояд дар худ бахшҳои сохтории зеринро фаро гирад: муқаддима, ҳадди ақал ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, замимаҳо (дар сурати зарурат).

Сохтори рисолаи тахассусии хатми мутахассиси соҳибдиплом имкон дорад, ки вобаста аз равия ва хусусияти мундаричаи он фарқ кунад.

Дар муқаддима дар бораи асоснокии мавзӯи таҳқиқот, муҳимият ва аҳамияти амалии он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани мафҳумҳои асосӣ ва методҳои таҳқиқот маълумот оварда мешавад.

Бобҳои рисола таҳлили таърихи омӯзиши масъала ва ҳолати ҳозираи он, таҳлили адабиёти илмии алоқаманд ба проблемаи мавриди таҳқиқ, нишон додани андешаҳои мухталифи тахқиқотчиён ва асоснокии мавқеи муаллифи таҳқиқот, таҳлил ва таснифоти маводи ҷолибро дар заминаи методикаи таҳқиқи муаллиф фаро мегиранд.

Дар рисолаҳо (лоиҳаҳо)-и дипломие, ки хусусияти таҷрибавию методӣ ва ё тамоюли амалӣ доранд, овардани бобе, ки дар он ҷараён ва натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашуда инъикос ёфта, хулосаҳо ва тавсияҳо баён гардидаанд, ҳатмӣ мебошад.

Дар бахши хулосаи рисола (лоиҳа)-и дипломӣ дурнамои таҳқиқи манбаъдаи мавзӯъ зикр карда мешавад.

59) Ҳаҷми тавсияшудаи рисолаи тахассусии хатми мутахассис 60-75 саҳифаро, бидуни замимаҳо ташкил медиҳад.

## 8. Рисолаи тахассусии хатми магистр

60) Рисолаи тахассусии хатми магистр диссертатсияи магистерӣ маҳсуб меёбад ва дар шакли як таҳқиқоти мустақилонаи илмие зоҳир мегардад, ки доир ба ягон мавзӯи барои ҳамон равияи илм муҳим анҷом ёфтааст.

61) Натиҷаҳои асосии илмие, ки муаллифи рисолаи магистрӣ ба даст овардааст, бояд ҳатман тавассути интишор намудан дар нашрияҳои илмӣ, дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ, симпозиумҳо, семинарҳо мавриди санҷиш қарор дода шавад.

62) Барои омода намудани рисолаи магистрӣ, мураттабсозии техникии он ва ҳимояи расмии он дар маҷлиси комиссияи аттестасияи

давлатӣ дар нақшаи таълимӣ, дар мавсими хотимавии таҳсил на камтар аз 12 ҳафтаи вақти таълимӣ пешбинӣ гардидааст.

Рисолаи магистрӣ шомили бахшҳои зерин мебошад:

- вараќи унвон;
- маълумотнома
- мундариҷа;
- муқаддима;
- қисмати асосӣ;
- хулоса;
- рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда;
- замимаҳо.

Матни маълумотнома ҳаҷман на бештар аз як саҳифа буда, мақсаду методҳои таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада ва навоварии онҳо, аҳамияти амалӣ ва маълумот дар бораи санҷиши рисолаи магистро инъикос менамояд.

Дар муқаддимаи рисола интихоби мавзӯъ, навоварии он, аҳамияти илмию амалии рисола асоснок карда мешаванд. Дар бораи методҳои истифодашуда маълумот дода, таҳлили интиқодии адабиёти илмӣ марбут ба мавзӯи мавриди таҳқиқ оварда мешавад, инчунин мақсаду вазифаҳои таҳқиқот аниқ карда мешаванд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот ва ё қисмати асосии рисоларо мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян менамоянд ва ин қисмати рисола ба бобҳо ва фаслҳо ҷудо мешавад. Миқдори бобҳо аз хусусиёти рисолаи магистр вобаста аст, аммо рисола бояд на камтар аз ду боб иборат бошад. Дар байни бобҳои рисола бояд як робитаи дохилии маъноӣ мавҷуд бошад ва мӯҳтавои ҳар як боб бояд возеҳ ва мантиқан пай дар ҳам баён гардад. Ҳар як боб бо хулосаи мухтасар хотима меёбад. Сарлавҳаҳои бобҳо бояд хеле мухтасару возеҳ бошанд ва мундариҷаи асосиро аниқ инъикос намояд ва набояд номи рисоларо такрор кунанд.

Хулосаи рисола бояд ба он мақсаду вазифаҳои таҳқиқоте, ки дар муқаддима зикр ёфтаанд, робитаи мустақим дошта бошад. Дар ин қисмати рисола хулосаҳо ва ҷамъбасти андешаҳое, ки аз тамоми матни рисола бармеоянд, оварда мешаванд, инчунин тавсияҳо, пешниҳод ва роҳҳои таҳқиқоти минбаъдаи мавзӯъ нишон дода мешавад.

63) Ҳаҷми рисолаи магистро хусусиёти фан, мақсаду методҳои таҳқиқот муайян менамоянд, аммо ҳаҷми он, бидуни замимаҳо набояд аз 100 саҳифа зиёд бошад.

64) Ҳимояи рисолаи магистр расман дар ҷаласаи кушодаи комиссияи аттестатсияи давлатӣ сурат мегирад. Ба комиссия рисолаи магистр, тақризи роҳбари илмӣ, тақризҳои дигар, маълумотномаи декан ҷиҳати аз ҷониби донишҷӯй иҷро гардидани нақшаи таълимӣ ва баҳоҳои гирифтаи ӯ ҳангоми таҳсил дар магистратура пешниҳод карда мешавад.

65) Рисолаи магистр баъд аз ҳимоя дар муассисаи таҳсилоти олӣ маҳфуз мемонад ва муаллиф ҳақ дорад, ки аз он нусхабардорӣ кунад.

66) Агар рисолаи магистр сазовори баҳои «ғайри қаноатбахш» дониста шавад, унвонҷӯи дараҷаи магистр дар мавсими дигари фаъолияти комиссия тибқи Низомномаи дар ин маврид қабулгардида

дар муддати панҷ сол, аммо на бештар аз як дафъа ба ҳимояи такрорӣ роҳ дода мешавад. Дар ин сурат комиссия муайян мекунад, ки унвонҷӯи дараҷаи магистр барои ҳимояи такрорӣ рисолаи аз рӯи мавзӯи пештара такмилдодаи худро пешниҳод намояд ва ё бояд дар мавзӯи наве, ки кафедраи пешбар муайян кардааст, рисолаи хатмро таълиф намояд.

Дар сурати дар ҳимояи такрорӣ гирифтани баҳои «ғайри қаноатбахш» унвонҷӯи дараҷаи магистр аз ҳуқуқи дарёфти дипломи магистр маҳрум мешавад. Ба ӯ аз рӯи тартиби муқарраршуда ҳуҷҷатҳое супорида мешаванд, ки барои чунин ҳолатҳо пешбинӣ гардидаанд.

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _______ с. 2011
тасдиқ карда шудааст

**Низомномаи**
**дар бораи ба таври экстернат гирифтани таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Қоидаҳои умумӣ

1) Низомномаи мазкур мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

2) Гирифтани таҳсилоти олии касбӣ дар шакли экстернат дар доираи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ба роҳ монда мешавад.

3) Ҳуқуқи ба тариқи экстернат хатм намудани муассисаи таҳсилоти олии касбиро танҳо мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар асоси талаботи Низомномаи номбурда муайян менамояд.

4) Экстерн –шахси мустақилона азхудкардаи барномаҳои таълимие мебошад, ки ба ӯ имконияти супоридани аттестатсияҳои фосилавӣ, аз курс ба курсгузаронӣ ва хатм тибқи қарори комиссияи босалоҳияти ҷумҳуриявӣ дода шудааст.

5) Донишҷӯе, ки курсҳои якум ва дуюмро танҳо бо баҳои хубу аъло (75% баҳои аъло) ҷамъбаст намудааст, қобилияти фавқуллодаи аз худ намудани барномаҳои таҳсилоти олии касбиро дорад, ҳуқуқи ба таври экстернат супоридани санҷишу имтиҳонҳои як семестр ва ё як курси таълимиро дорад.

6) Ба донишҷӯёни курсҳои 4-ум (зинаи бакалавр) ва 5-ум (зинаи мутахассис) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ба таври экстернат таҳсил намудан ва супоридани аттестатсияи давлатии ниҳоӣ манъ аст.

7) Ҳуқуқи таъсиси экстернатро муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баъди мувофиқа бо мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба даст меорад. Барои дарёфт намудани иҷозатнома дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷудияти шароити зерин ҳатмист:

-қарори Шӯрои олимон дар бораи амалӣ намудани шакли мазкури омодасозӣ аз рӯи равия ва ё ихтисоси мувофиқ;

-аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи равия ва ё ихтисоси муассисаи таҳсилоти олии муроҷиаткунанда.

8)Номгӯи равияҳои омодакунӣ ва ихтисосҳои таҳсилоти олии

касбие, ки дарёфти онҳо ба шакли экстернат имконпазир аст, бо пешниҳоди мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

9)Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад мувофиқи хоҳиши экстернҳо хизмати иловагии таълими пулакӣ ташкил намояд.

10) Бе тартиби муқаррарнамудаи мақоми ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таъсис ва ташкил намудани таҳсилоти экстернӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва моликият манъ аст.

11) Аз ҳуқуқи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ тавассути низоми экстернӣ шахсоне бархурдор мешаванд, ки таҳсилоташон на камтар аз таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ё на камтар аз таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад.

## 2. Тартиби гирифтани таҳсил дар шакли экстернат

12) Тартиби дар шакли экстернат гирифтани таҳсил чунин сурат мегирад:

-ариза барои гузаштан аз аттестатсияи фосилавӣ ва аз курс ба курс гузаронӣ ба сифати экстерн ба роҳбари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-нусха аз қарори ҷаласаи кафедра;

- нусха аз қарори Шӯрои олимони факултет;

- хулосаи равоншинос ҷиҳати лаёқатмандии донишҷӯ;

-нусхаи дафтарчаи санҷишию имтиҳонӣ;

- маълумотномаи тиббӣ.

13) Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба номи Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба таври экстернат супоридани аттестатсияи аз курс ба курс гузаронӣ гузориш пешниҳод менамояд. Ба гузориш ҳуҷҷатҳое, ки дар банди 13-и Низомномаи мазкур омадааст, замима мегардад.

14) Мӯҳлати пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани таҳсили экстернат мақоми ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) муайян менамояд.

## 3. Низоми қабули санҷишу имтиҳон аз донишҷӯёни ба таври экстернат таҳсилкунанда

15) Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки курсҳои якум ва дуюмро танҳо бо баҳои хубу аъло ҷамъбаст намудаанд (бояд 75%-и баҳо аъло бошад), ҳуқуқи ба таври экстернат супоридани як семестр ва ё як соли таҳсилро доранд.

16) Комиссияи ҷумҳуриявӣ бо фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муовини аввали Вазири маориф таъсис дода мешавад.

17) Ҳайати комиссияи санҷишию имтиҳонӣ бо фармоиши Вазири маориф тасдиқ карда мешавад.

18) Ба ҳайати комиссия се нафар омӯзгори дараҷа ва унвони илмӣ

доштаи равияҳо шомил мешаванд.

19) Санҷиш ва имтиҳон ба таври тестӣ, хаттӣ ва шифоҳӣ гузаронида мешавад.

20) Натиҷаи ҳар як санҷишу имтиҳон ва хулосаи ҳайати комиссия дар суратҷаласа дарҷ гардида, бо имзои аъзои комиссия тасдиқ карда мешавад.

21) Дар сурати аз як санҷиш ва ё имтиҳон баҳои ғайриқаноатбахш гирифтани довталаб ӯ ба санҷиш ва ё имтиҳони дуюм роҳ дода намешавад.

22) Натиҷаи кори комиссияи назди муовини аввали Вазир ҷиҳати муҳокимаи масъалаи довталаби таҳсили экстернат дар мушовараи Вазорати маориф мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**Тартиби қабули санҷишу имтиҳонҳо аз донишҷӯёне, ки тибқи экстернат таҳсил менамоянд**

23) Барои донишҷӯёни ба тариқи экстернат таҳсилкунанда ду намуди қабули санҷишу имтиҳон: ҷорӣ ва ҷамъбастӣ муқаррар карда мешавад:

24) Тарзҳои асосии санҷиши дониши донишҷӯён дар намуди ҷорӣ инҳо мебошанд:

-мувофиқи нақшаи кории таълимӣ қабул намудани санҷишу имтиҳон аз фанҳое, ки дар барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ доир ба равияи омодасозӣ ва ё ихтисоси интихобнамуда пешбинӣ шудаанд:

Бо розигии донишҷӯ супоридани имтиҳонҳо доир ба бахшҳои алоҳидаи фанҳое, ки дар стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ нашудааст, имконпазир аст ва ин дар нақшаи аттестатсионӣ зикр карда мешавад;

-корҳои курсию санҷишии тақризгирифта, лоиҳаҳои курсӣ, рефератҳо, ҳисобот аз анҷоми таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ:

-қабули (ҳимоя)-и корҳои озмоишӣ, санҷишӣ, курсӣ ва лоиҳаҳои курсӣ.

25) Шаклҳои асосии санҷиши дониши донишҷӯён дар мавриди қабули санҷишу имтиҳони ҷамъбастӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии барои ихтисоси мазкур имтиҳони давлатӣ, имтиҳони байнифаннӣ доир ба ихтисос ва ё имтиҳонҳои ҷамъбастӣ доир ба фанҳои алоҳида ва ҳимояи кори (лоиҳа)-и дипломӣ барои дарёфти тахассус маҳсуб мешаванд.

## 4. Қабули санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ

26) Ба санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ (дар мавриди бори нахуст гирифтани таҳсилоти олии касбӣ) донишҷӯе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат аз худ кардааст, бо дастури ректор (муовини ректор) декани факултети муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки дар он ҷо санҷишу имтиҳон гузаронида

мешавад, роҳ дода мешавад.

Мӯҳлат (сана)-и гузаронидани санҷишу имтиҳони ҷорӣ бо мувофиқаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯ муқаррар мегардад.

27) Дар муддати як сол барои донишҷӯёне, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат фаро мегиранд, на бештар аз 20 имтиҳону санҷиш тибқи талаботи нақшаи таълимӣ муқаррар мегардад.

28) Донишҷӯе, ки таҳсилоти дуюми олии касбиро дар шакли экстернат мегирад, ба санҷишу имтиҳон бо дастури ректор (муовини ректор) дар асоси шартномаи дахлдор роҳ дода мешавад.

29) Барои қабули имтиҳонҳо аз фанни таълимӣ (як қисми фан) аз донишҷӯёне, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли эктернат фаро мегиранд, ба дастури декани факултет аз ҷумлаи профессорон ва дотсентони асосӣ (штатӣ) комиссия дар ҳайати се нафар ташкил карда мешавад.

30) Санҷишу имтихон аз фанни таълимӣ ва ё бахшҳои он ба таври хаттӣ ва ё шифоҳӣ гузаронда мешавад.

Ҷараёни супоридани санҷишу имтиҳон дар санад (протокол) аз тарафи аъзои комиссия сабт карда мешавад, ки ба он бояд ҷавоби хаттии донишҷӯ ва маводи хаттие, ки ҷавоби шифоҳии донишҷӯ дар асоси онҳо сурат гирифтааст, замима гарданд.

31) Намудҳои дигари санҷишу имтиҳони ҷорӣ (ба истисноии корҳои тақризталаб)- ҳимояи ҳисобот доир ба таҷрибаомӯзиҳо, ҳисобот аз натиҷаи анҷоми корҳои озмоишӣ (лабораторӣ), супоришҳо доир ба машғулиятҳои амалӣ ва амсоли онҳо ба таври шифоҳӣ сурат мегиранд.

Маводи аз тарафи донишҷӯ таҳияшуда ва мавриди ҳимоя қарорёфтаи корҳои хаттӣ, лоиҳаҳо ва ғайра ҳатман бояд ба аъзои комиссия пешниҳод карда шавад.

32) Аз рӯи натиҷаҳои санҷишу имтиҳон баҳои донишҷӯ маҳорат (натиҷаи санҷишу имтиҳони ҷорӣ)-и донишҷӯ доир ба фанни таълимӣ дар варақаи санҷишу имтиҳонӣ сабт мегардад, ки дар он раис ва аъзои комиссия имзо мегузоранд ва баъд аз сабти раводиди мудири кафедра дар варақаи мазкур он аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

Баҳоҳои мусбат аз тарафи аъзои комиссия дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ сабт мегардад.

Як нусхаи варақаи санҷишу имтиҳонӣ ба донишҷӯ дода мешавад.

33) Мӯҳлати амали варақаи санҷишу имтиҳонӣ на бояд бештар аз 5 соле, ки аз тарафи стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои фарогирии барномаи мазкури таълимии таҳсилоти олии касбӣ муқаррар шудааст, тӯл кашад.

34) Дар ҳолате ки донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ санҷишу имтиҳонро дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ супоридааст, он гоҳ дар асоси варақаи санҷишу имтиҳоние, ки ба вай муассиса (ё муассисаҳо)-и таҳсилоти олии касбӣ додаанд, дар муассисаи таълимӣ баҳоҳои мусбат аз рӯи тартиби

барои фанҳои мавриди бозсанҷӣ қароргиранда дар дафтарчаи имтиҳонотии донишҷӯ сабт мегарданд.

35) Ректор (муовини ректор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаи бозсанҷии дониши донишҷӯро аз фанҳое, ки вай дар муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ доштаи қаблан таҳсилкардааш супоридааст, дар сурати пурра мувофиқат карданашон ба талаботи барномаҳои таълимии барои фанҳои мазкур муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, метавонад ба таври мусбат ҳал намояд.

Бозсанҷии дониши донишҷӯи аз фанҳои ҳамноме, ки донишҷӯ онҳоро омӯхтааст ва аз онҳо санҷишу имтиҳон супоридааст, дар асоси асноди зайл сурат мегирад.

-замимаи дипломи намунаи давлатӣ оид ба таҳсилоти олии касбӣ (маълумотномаи академикӣ, варақаи санҷишу имтиҳонӣ, дар сурате, ки донишҷӯ аз санҷишу имтиҳони ҷорӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар гузаштааст);

-аризаи донишҷӯ бо сабти қарори мудирони кафедраҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бораи имконияти бозсанҷӣ.

Баҳоҳои донишҷӯ аз фанҳои мавриди бозсанҷӣ қароргирифта, тибқи тартиби муқарраргардида, дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯй сабт мегарданд.

## 5. Аттестатсияи ҷамъбастӣ

36) Аттестатсияи ҷамъбастӣ дар мӯҳлате гузаронида мешавад, ки барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян гардидааст.

37) Санҷишу имтиҳони ҷамъбастӣ аз тарафи комиссияи давлатии аттестатсионӣ гузаронида мешавад ва ҳуҷҷатҳои он тибқи тартиби муқарраргардида мураттаб мешаванд.

38) Ба санҷишу имтиҳони ҷамъбастӣ донишҷӯе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат аз худ кардааст, ба шарте роҳ дода мешавад, ки агар вай тамоми маҷмӯи чорабиниҳои аттестатсияи ҷориро анҷом додааст, яъне дар сурати дар парвандаи шахсии вай мавҷуд будани варақаҳои санҷишу имтиҳони ҷамъбастӣ мӯҳлати амалашон сипаринашуда ва фақат аз тарафи муассиса (ё муассисаҳо)-и таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ додашуда доир ба ҳамаи фанҳое, ки дар барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбии барои равияи омодасозӣ ва ё ихтисоси интихобкарда пешбинӣ шудаанд.

39) Ҳангоми ба санҷишу имтиҳони ҷамъбастӣ роҳ додани донишҷӯ мумкин аст бо қарори ректор, тибқи тартиботи дар банди 31 зикргардида, натиҷаҳои санҷишу имтиҳони ҷамъбастии ҷории донишҷӯе, ки муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатиро хатм накардааст ва даъвои гирифтани дипломи таҳсилоти олии касбӣ ба таври экстернатро дорад, мавриди бозсанҷӣ қарор гирад.

40) Ба аттестатсияи ҷамъбастӣ роҳ додани донишҷӯе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат аз худ

кардааст, дар асоси аризаи вай ва фармони ректор, ки на дертар аз як моҳ пеш аз анҷоми давраи қабл аз аттестатсияи ҷамъбастӣ ба тасвиб расидааст сурат мегирад.

41) Ғайр аз гузаронидани аттестатсия бо хоҳиши донишҷӯ (шахсе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат фаро мегирад) аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси шартномаи дахлдор мумкин аст ба вай ҳама гуна хизмати марбут ба таҳсил расонида шавад, ки дар нақшаи аттестатсионии вай зикр нагардидаанд.

42) Ба донишҷӯе, ки аз санҷишу имтиҳони ҷорӣ ва аттестатсияи ҷамъбастиро бо муваффақият супоридааст, дипломи намунаи давлатӣ оид ба хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (мувофиқ ба зинаи таҳсилот) дода мешавад.

43) Ба донишҷӯе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат азхуд кардааст, аз тарафи муасисаи таҳсилоти олии касбие, ки вайро ба аттестатсияи ҷамъбастӣ роҳ додааст, диплом дода мешавад.

44) Натиҷаи аттестатсияи ҷамъбастӣ (баҳоҳо)-и донишҷӯе, ки барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстернат дар соли ҳисоботӣ аз худ кардааст, дар ҳисоботи дохилии муассисаи таҳсилоти олӣ дар сатрҳои алоҳида сабт мешавад.

45) Теъдоди ашхосе, ки дар соли ҳисоботӣ барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар шакли экстетнат аз худ кардаанд, дар ҳисоботи омории давлатӣ дар бахши «Маълумот дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар оғози соли таҳсил» зикр карда мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Низомномаи китобхонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Китобхона қисмати асосии сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки ҷараёни таълимию тарбиявӣ ва тадқиқоти илмиро бо адабиёт ва иттилоот таъмин намуда, ҳамчунин маркази паҳн намудани дониш, муошират маънавию зеҳнӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мегардад.

Хизматрасонии асосии китобдорӣ ба хонандагон ба тариқи ройгон расонида мешавад. Хизматрасонии иловагӣ тибқи номгӯ ва нархномаҳои амалкунанда пешниҳод карда мешавад.

Ҳуқуқи истифода аз китобхона ба ҳамаи кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешавад. Кормандони ташкилотҳои ғайр ҳуқуқи истифода аз китобхонаро танҳо дар доираи қироатхонаҳо соҳиб мебошанд.

## 2. Вазифаҳои китобхона

2) Вазифаҳои китобхона иборат аст аз:

-хизматрасонии таълимӣ, сарфаҷӯёнаи китобдорӣ ва иттилоотию китобшиносии донишҷӯён, унвонҷӯён, аспирантон, докторантон, кормандони илмӣ, омӯзгорон, ҳайати муҳандисию техникӣ ва муштариёни дигар;

-самтгирӣ ба арзишҳои умумишиносӣ; тарғиб намудану зоҳир сохтани мероси фарҳангие, ки дар захираи он мавҷуд аст, таъмини хонандагон бо адабиёт.

-ташаккул додани фонди китобхона бо назардошти хусусияти соҳаи тахассусии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи иттилоотии хонандагон;

-истифодаи асарҳои анъанавии нашрӣ бо шаклҳои нави технология;

-ташкил ва бурдани лавозими маълумотдиҳию китобшиносӣ ва манбаи маълумот.

-тарбияи фарҳангии иттилоотӣ, омӯхтани малакаҳои моҳирона истифода бурдани аз китоб ва китобхона;

-татбиқи барномаи омода намудани хонандагон барои кор дар реҷаи нави технологӣ;

-васеъ намудани анвои хизматрасонии марбут ба китобхона, баланд бардоштни сифати онҳо дар асоси муҷаҳҳазонидани техникии китобхона;

-компютеркунонии ҷараёни китобдорию иттилоотӣ;

-гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва корҳои методӣ.

-ҳамоҳангсозии фаъолияти китобхона бо кафедраҳо, ҷамъиятҳои илмӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-ҳамгирой ва муносибатҳои тарафайн бо китобхонаҳои институтҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳо.

## 3. Фаъолияти китобхона

3) Фаъолияти китобхона дар асоси ҳалли масоили зерин сурат мегирад:

-хизматрасонии гуногуни хонандагонро дар қироатхонаҳо, нуқтаҳои абонементӣ ва китобдиҳӣ, бо истифода аз методи хизматрасонии фардӣ ва гурӯҳӣ ташкил мекунад.

-хонандагонро бо хизматрасонии асосии ройгони китобдорӣ таъмин мекунад. Бо мутахассисон мутобиқи номгӯ ва арзишномаҳои амалкунанда хизматрасонии иловагии пулакӣ пешниҳод мекунад. Ба корхонаҳои хурди давлатӣ, ширкатҳо ва дигар ташкилотҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ фаъолият мекунанд, хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотиро ташкил менамояд. Барои интихоби озоди шакли хизматрасонӣ ва нашрияҳои зарурӣ шароит фароҳам меорад;

-истифодаи байниҳамдигарии фондҳои китобдориро ба василаи агенстваи байналмилалии китобхонаҳо (АБК) ва мубодилаи китоб татбиқ менамояд;

-бо мақсади расонидани кӯмаки илмӣ ва фаъолияти таълимӣ феҳрасти китобшиносӣ ва роҳномаҳо тартиб медиҳад;

-маълумотдиҳии мавзӯӣ, нишонӣ ва дигар навъҳои китобшиносиро ба иҷро мерасонад ва шарҳдиҳии китобшиносӣ мегузаронад;

-малакаи ҷустуҷӯ ва истифода бурдани иттилоотро дар ҷараёни таълим ва кори илмӣ, маҳорати сайтгириро дар лавозими маълумотию китобшиносии китобхона, ҳамчунин истифода аз захираҳои системаҳои иттилооти илмию техники (ИИТ)-ро меомӯзонад. Барои донишҷӯён ва омӯзгорон доир ба асосҳои иттилоот ва фарҳанги иттилоотӣ машғулиятҳо ташкил мекунад;

-дар мутобиқат бо нақшаи таълимӣ, барномаҳо ва мавзӯъҳои тадқиқотии илмӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар китобхонаҳои минтақа комилкунии захираи асосии китобхонаро таъмин менамояд. Адабиёти илмӣ, таълимӣ, даврагӣ, маълумотдиҳӣ, бадеӣ ва дигар намуди нашрияҳоро харидорӣ мекунад. Мустақилона манбаъҳои зиёд намудани захираи асосии китобхонаро муайян месозад. Бо китобхонаҳои дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои мамолики хориҷӣ мубодилаи китобро татбиқ мекунад;

-бо тартиби муқарраргардида аз захираи асосии китобхона ба аҳолӣ фурӯхтани китоб ва дигар асарҳои нашриро ташкил мекунад;

-нашри захираҳои ёрирасон, маводҳои ба нашрнарасида ва нусхаи онҳо, кино ва суратаснодро ташкил намуда, баҳисобгирии онҳоро таъмин менамояд;

-дараҷаи қонеъ намудани талаботи хонандагонро бо мақсади беҳтар намудани комилсозӣ, ба нақшагирии бароришии китоб ва вобастагии мутақобили воқеӣ даровардани талаботи иттилооти хонандагону таркиби захираҳои асосиро меомӯзад;

-ҷо ба ҷо гузоштани фонди захиравии китобҳо ва ҳифз намудани онҳо, реҷаи нигоҳдорӣ, тармим ва аз истифода боздоштан, нусхабардорӣ ва ба микронаворгириро татбиқ мекунад;

-ба хонандагон дастрасиро нисбат ба захираҳои иттилоотӣ таъмин менамояд;

-кори илмию методӣ (таҳлилӣ, ташкилӣ, машваратӣ)-ро доир ба такмилдиҳӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият гузаронида, бо китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои махсуси таълимии ҷумҳурӣ дастурдиҳии методиро мегузаронад;

-навоварӣ, технологияи пешқадами китобдорӣ, натиҷаи корҳои илмию тадқиқотиро татбиқ менамояд. Бо мақсади омӯхтани рағбати хонандагон ва тадқиқи истифодабарии захираҳо тадқиқоти сотсиологӣ мегузаронад;

-системаи баланд бардоштани тахассуси кормандони китобхонаро бо мақсади кордонии касбӣ, дониши компютерӣ бо истифода аз шаклҳои гуногун (озмунҳои бозиҳои кордонӣ, ҳалли вазъиятҳои истеҳсолӣ) ташкил мекунад.

-дар робитаи зич бо кафедраҳо, ҷамъиятҳои илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кор карда, фаъолиятро бо китобхонаҳо ва мақомотҳои иттилоотию илмию техникӣ, ҳамчунин дар асоси шартнома бо дигар ташкилот ва муассисаҳо ҳамоҳанг месозад;

-фаъолияти хоҷагидориву иқтисодиро дар асоси ваколатҳои мавҷуда ба роҳ монда, унсурҳои ҳисоби хоҷагиро (ҳавасмандсозии меҳнат, бастани шартномаҳо бо корхона ва ташкилотҳо дар бобати расонидани хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотӣ) татбиқ менамояд.

## 4. Роҳбарӣ, сохтору воҳидҳои корӣ, таъминоти моддию техникӣ

4) Роҳбарии китобхонаро директор, ки ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ итоат мекунад, татбиқ менамояд. Директор барои натоиҷи корҳо дар доираи ваколатҳои худ масъулияти пурра ва ба дӯш дошта, амру фармонҳое медиҳад, ки барои ҳамаи кормандон ҳатмӣ мебошад. Кормандон бо роҳи бастани шартнома ба кор қабул карда мешаванд.

5) Дар китобхона бо мақсади инкишоф додани худидоракунии касбӣ, огоҳёбии кормандон дар бораи фаъолият ва имкониятҳои китобхона, ҳамчунин барои инкишоф додани хизматрасонии китобдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва касбии китобдорон шӯроҳои ҷамъиятӣ-китобдорӣ, методӣ, шӯрои мудирият, шӯрои мутахассисони ҷавон ва ғ. ташкил карда мешавад.

6) Китобхона дар назди хонандагон ба тарзи системавӣ ҷаласаҳои ҳисоботӣ мегузаронад.

7) Хароҷот барои дастгирии кори китобхона дар нақшаи умумии хароҷоти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назар дошта мешавад.

8) Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ китобхонаро дар мутобиқат ба меъёрҳои амалкунанда бо биноҳои ободу муҷаҳҳаз, техникаи электронию ҳисоббарор ва нусхабардорӣ ва ғайра таъмин менамояд.

9) Китобхона бо тартиботи муқарраргардида ҳисоботу нақшаҳоро пешниҳод менамояд.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо

10) Китобхона ҳуқуқ дорад, ки:

-ба муассиса ва ташкилотҳои гуногун дар бобати саҳмгирии бевосита дар кори конференсияҳои илмӣ, машваратӣ ва семинарҳо доир ба масъалаҳои фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотию китобшиносӣ муассисаи таълимиро пешниҳод намояд;

-бо нақшаҳои таълимӣ, барнома ва мавзӯъҳои КИТ-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шинос шавад;

-аз қисматҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавод ва маълумотҳое, ки барои ҳалли вазифаҳои дар пеши он гузошташуда заруранд,талаб намояд;

-бо тартиби муқарраргардида ба дигар китобхонаҳо ва ташкилотҳо доду гирифтро ба роҳ монад;

-маблағҳои ба китобхона воридгардидаро тибқи қонунҳои амалкунанда сарф намояд;

-сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кориро таҳия кунад;

-музди маоиши вазифавиро дар мутобиқат бо нақшаҳои амалкунанда дар доираи фонди муқарраргардидаи пардохти меҳнат, иловаи мавош ва бозпардохт ва ҳаҷми мукофотро муайян намояд;

-дар мутобиқат бо қоидаҳои истифодабарии китобхона маблағи гарав, намуд ва ҳаҷми ҷубронпулии аз ҷониби хонандагон расонидашударо муайян кунад;

-дар асоси шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартҳои истифодабарии фонди китобхонаро муайян кунад;.

-дар озмунҳои байналмилалӣ ва барномаҳои минтақавии тараққиёти кори китобдорӣ ширкат варзад.

11) Китобхона ӯҳдадор аст:

-дар фаъолияти сиёсии худ дар муносибат ба аҳзоб ҳаракатҳои ҷамъиятӣ бетарафиро риоя намуда, принсипҳои башардӯстӣ, чандгароии (плюрализми) сиёсиву ғоявиро ба инобат гирад;

-хонандагонро дар хусуси ҳамаи намудҳои хадамоти аз ҷониби китобхона пешниҳодшаванда огоҳ намояд;

-хонандагонро ба истифодабарӣ аз ҳамаи фондҳои китобхона таъмин кунад;

-фондҳои худ ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инкишоф додан ва ҳавасманд намудани рағбат ба китобро тарғиб намояд;

-хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотию китобшиносии хонандагон, компютерикунонӣ ва технологияи пешқадамро татбиқ намояд;

-ба хонандагон кӯмак дар интихоби асарҳо ва дигар навъи маводҳо ба тариқи бурдани машваратҳои даҳонӣ кӯмак расонад

-истифодаи феҳристҳо, варақаҳо ва дигар шаклҳои иттилоотдиҳиро пениҳод намояд;

-намоиши китобҳо, обзорҳои библиигрофӣ, конференсияҳо ва маълумотҳои китобшиносӣ, рӯзҳои иттилоотӣ ва дигар чорабиниҳоро ташкил кунад;

-баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии китобҳои дар фонд мавҷудбуда, дигар асарҳои нашрӣ ва маводҳоро ба роҳ монда, назорат кунад;

-барои хонандагон шароити мусоид фароҳам оварад.

12) Кормандони китобхона барои ҳифзи фондҳо ва барои зиёни ба фонд ва моликияти китобхона расонда масъулият ба дӯш доранд.

13)Шартномаҳои меҳнатии кормандони китобхона бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба танзим гирифта мешавад.

14) Кормандони китобхона бо тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

### 6. Қоидаҳои истифодабарӣ бо абонемент

15) Хизматрасонии хонандагон дар ҳамаи нуқтаҳои китобдиҳӣ танҳо бо пешниҳоди билети хонандагӣ амалӣ карда мешаванд. Донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона адабиётро бо пешниҳод намудани дафтарчаи имтиҳониашон мегиранд.

16) Мӯҳлати истифодабарии адабиёт:

-адабиёти илмӣ ба мӯҳлати 2 ҳафта то 155 нусха ба ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон, ба донишҷӯён то 10 нусха ва ба дигар дарачаи хонандагон то 5 нусха;

-адабиёти таълимӣ барои семестр ё соли таҳсил ба миқдоре, ки дар мутобиқат ба нақша ва барномаи таълимӣ муайян карда шудааст;

-адабиёти бадеӣ ба миқдори на зиёда аз 3 нусха ба мӯҳлати 15 рӯз;

- нашрияҳои ҷорӣ ба мӯҳлати 1 ҳафта;

-адабиёти талаботашон баланд ба мӯҳлати 3 рӯз.

17) Хонандагон метавонанд мӯҳлати истифодабарии китобҳо, дигар асарҳои нашрӣ ва маводҳои ба хона гирифтаашонро тамдид кунанд (агар аз ҷониби дигар хонандагон ба онҳо талабот набошад). Адабиёт барои истифодабарӣ дар машғулиятҳои гурӯҳӣ ба абонемент тибқи забонхат дар асоси билети хонандагии донишҷӯи навбатдор дода мешавад.

18) Адабиёти талаботаш баланд ё дар асоси маблағҳои тиҷоратӣ гирифташуда ба мӯҳлати аз 1 то 7 рӯз мутобиқи «Номгӯи хизматрасонии пардохтшавандаи китобхона» бо шохисбанди (индексатсияи) арзиши вобаста аз мӯҳлати истифодабарӣ дода мешавад.

19) Донишҷӯёни шӯъбаҳои ғоибона ва беруна адабиётро дар асоси гарави пулӣ бо иҷозати раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гирифта метавонанд.

### 7.Хонандагон, ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти онҳо

20) Хонандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (донишҷӯён, хонандагон, аспирантон, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигарон) ҳуқуқ доранд:

-аз фонди китобхона ба таври ройгон истифода намоянд;

-аз ҳамаи манбаъҳои иттилооти китобхона истифода карда, мӯҳлати истифодабарии китобҳоро тамдид намоянд;

-аз фонди китобхона барои истифодаи муваққатӣ дар толори хониш ҳама гуна нашрияҳо, ҳуҷҷатҳои номатлуб ё нусхаи онҳоро дастрас кунанд;

-ба воситаи системаи феҳристу варақаҳо ва дигар шаклҳои иттилоотдиҳандаи китобхона дар бораи таркиби фондҳои китобхонаҳои дигар иттилооти пурра гиранд;

-дар ҷустуҷӯ ва интихоби манобеи иттилоотӣ машварат гиранд;

21) Хизматрасонии иловагиро хонандагон тибқи «Номгӯи хизматрасонии пардохтшаванда», ки китобхона пешниҳод намудааст, метавонанд гиранд.

22) Ба донишҷӯёни дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ягонаи хизматрасонии ройгон дар қироатхонаҳо ё дар асоси шартнома пешниҳод карда мешавад.

23) Хонандагон ӯҳдадоранд, ки

-ба китобҳо, дигар асарҳои нашриявӣ ва маводҳои аз фонди китобхона гирифташуда эҳтиёткорона муносибат кунанд;

-дар мӯҳлати муқарраргардида онҳоро баргардонанд;

-аз бинои китобхона онҳоро берун набароранд (агар онҳо номашонро дар варақаи хонандагӣ ё дигар ҳуҷҷатҳо сабт накардаанд);

-дар онҳо қайд ва аломатгузорӣ накунанд;

-варақҳоро надаронанд ва қатъ накунанд;

24) Дар сурати вайрон намудани муносибат бо ҳуҷҷатҳо нисбат ба хонандагон дар асоси тадбирҳои иқтисодии ҳимояи фонди китобхона мутобиқи фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ чораҷӯӣ карда мешавад.

25) Ҳангоми гирифтани китоб, дигар асарҳои ба нашрасида ва маводҳо хонандагон бояд боҷиддият нашрияро аз назар гузаронанд ва дар сурати зоҳир намудани ягон навъ нуқсон дар ин хусус ба навбатдори китобхона арз намоянд, дар сурати муқобил, барои зарари расондашуда шахсе масъулиятро ба дӯш мегирад, ки бори охир аз он истифода намудааст.

26) Нусхаи охирон ва ягонаи нашрия, ки дар фонди китобхона нигоҳдорӣ мешавад, ба хона дода намешавад.

27) Хонандагон ӯҳдадоранд, ки мӯҳлати истифодабарии аснодро қатъӣ риоя намоянд. барои риоя накардани мӯҳлати истифодабарӣ хонанда ӯҳдадор аст, ки ҷарима пардохт намояд.

28) Хонандагон ӯҳдадоранд, ки бо билети хонандагӣ ба дигар шахс китоб ва маводро надиҳанд, ҳамчунин аз билети хонандагии дигар шахс низ истифода нанамоянд. Дар сурати вайрон намудани ин қоида хонандагон аз ҷониби раёсати китобхона аз ҳуқуқҳои исифодабарие, ки

китобхона ба мӯҳлати муайн муқаррар намудааст, маҳрум карда мешаванд.

29) Барои риоя накардани мӯҳлати истифодабарии аснод ва қоидаҳои истифодабарии билети хонандагӣ нисбат ба хонанда тадбирҳо доир ба ҳифзи иқтисодии фонди китобхона дар мутобиқат бо фармони ректори чораҷӯи карда мешавад.

30) Омӯзгорон ва кормандон дар ибтидои ҳар як соли таълимӣ ӯҳдадоранд, ки билети хонандагиашонро бо пешниҳоди ҳамаи асноди ба номашон сабтёфта аз нав номнавис кунанд. Донишҷӯён дар охири соли хониш ӯҳдадоранд, ки ҳамаи китобҳо ва дигар маводҳои гирифтаашонро баргардонанд. Дар моҳи сентябр донишҷӯён аз нав номнавис мешаванд. Ба хонандагоне, ки аз номнависӣ нагузаштаанд, китобхона хизматрасонӣ намекунад.

31) Дар сурати аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ рафтан хонандагон ӯҳдадоранд, ки нашрияҳои дар номашон сабтёфтаро бо билети хонандагӣ баргардонанд.

32) Хонандагоне, ки қоидаҳои истифодабариро вайрон намудаанд ё ба китобхона зарар расондаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунанда, Низомномаи мазкур ва Қоидаҳои истифодабарӣ аз китобхона масъулияти маъмурӣ, ҳуқуқию шаҳрвандӣ (моддӣ) ё ҷиноиро ба дӯш доранд.

33) Хонандагон барои гум кардан ё ғайриирода расонидани зарар ба нашрия ӯҳдадоранд, ки онҳоро бо чунин нашрия ё нусха ё аз ҷониби китобхона баробарарзиш эътирофгашта иваз намоянд. Дар сурати иваз карда натавонистан арзиши воқеии бозории нашрияро бояд ҷуброн намоянд.

## 8. Тартиби ба қайд гирифтани хонандагон ба китобхона

34) Ба қайд гирифтани хонанда ба китобхона дар абонементи адабиёти таълимӣ тибқи пешниҳод намудани шиносномаи шахсият амалӣ карда мешавад. Барои донишҷӯёни курсҳои аввал баргаҳҳои хонандагӣ дар асоси фармонҳои ректор оид ба қабули донишҷӯён пур карда мешавад. Дар ин асос бо онҳо билети хонандагии ягона дода шуда, баргаҳои хонандагӣ пур карда мешавад.

35) Ҳангоми ба қайд гирифтан ба китобхона хонандагон бояд бо қоидаҳои истифодабарӣ шинос шаванд ва ӯҳдадориҳои худро дар хусуси иҷрои онҳо бо имзои худ дар билети донишҷӯӣ ва баргаи хонандагӣ тасдиқ намоянд.

36) Хизматрасонии хонандагон дар тамоми нуқтаҳои китобдиҳӣ танҳо бо пешниҳоди билети хонандагӣ амалӣ карда мешавад.

37) Қайди хонандагон дар ҳамаи нуқтаҳои боқимондаи китобдиҳӣ дар асоси билети хонандагӣ (барои донишҷӯёни ғоибхон- билети донишҷӯй) амалӣ карда мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз _____ соли 2011, №___
тасдиқ карда шудааст.

**Тартиби**

**барқарор намудани донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ баргаштаанд**

1) Тартиби мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомнома дар бораи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома оид ба эътироф ва баробарарзишии (нострификатсияи) ҳуҷҷатҳои таҳсилот, унвон ва дараҷаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2) Тартиби мазкур шартҳои қабули донишҷӯёнро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ баргаштаанд, танзим мекунад.

3) Ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои барқарор ва идомаи таҳсил донишҷӯе, ки бо роҳхати муассисаи таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил ва ё омӯзиши курси таълимӣ фиристода шудааст, ҳуҷҷат пешниҳод менамояд.

4) Барои барқарор ва идомаи таҳсил ҳуҷҷатҳои зерин бояд аз тарафи донишҷӯ пешниҳод карда шавад:

- ариза ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот (таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимӣ) дар хориҷи кишвар бо маълумотномаи академӣ (асл);

-маълумотнома дар бораи муассисаи таълимии хориҷӣ, ки донишҷӯ дар он таҳсил (таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимӣ) кардааст.

5) Донишҷӯе, ки аз таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ баргаштааст, ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи чунин тартиб қабул карда мешавад:

Агар донишҷӯ ба мӯҳлати то 3 моҳ таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷиро гузашта бошад, баъди бозгашт бояд дар давоми як ҳафта ба муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки қаблан таҳсил мекард, бо ариза муроҷиат намояд. Дар ин сурат донишҷӯ ба курси худ барқарор шуда, ҳамзамон ӯҳдадор мегардад, ки мавзӯъҳои фанҳои барномаи таълимиро мустақилона аз худ намуда, онҳоро ба таври инфиродӣ дар назди омӯзгорони дарсдиҳанда сабақгардон намояд.

Агар донишҷӯ ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷиро гузашта бошад, баъди бозгашт бояд дар давоми як ҳафта ба муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки қаблан таҳсил мекард, бо ариза муроҷиат намояд. Дар ин сурат донишҷӯ бо супурдани сессияи навбатӣ ба курси худ барқарор карда мешавад.

Агар донишҷӯ ба мӯҳлати аз 9 моҳ то 1 сол таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷиро гузашта бошад, бояд дар соли ояндаи таҳсил (то оғози дарсҳо) ба муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки қаблан таҳсил мекард, бо ариза муроҷиат намояд. Дар сурати зиёда аз 75% мувофиқат кардани микдори соатҳои таълимии омӯхташуда аз фанҳои тахассусӣ, ки бо маълумотномаи академӣ тасдиқ карда мешавад, баъди супурдани фарқиятҳо дар курси худ барқарор карда мешавад.

Дар сурати камтар аз 75% мувофиқат кардани миқдори соатҳои таълимии омӯхташуда донишҷӯ ба курси собиқи худ, ки қабл аз таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимӣ таҳсил мекард, барқарор карда мешавад.

Донишҷӯ агар ба мӯҳлати зиёда аз як сол таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷиро гузашта бошад, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба курси собиқи худ, барқарор карда мешавад.

Ҳолатҳои дар курси мувофиқ барқарор намудани донишҷӯёнеро, ки дар банди 5.4 нишон дода шудааст, дар асоси пешниҳоди хулосаи комиссияи ташхисӣ оид ба эътироф ва баробарарзишии (нострификатсияи) ҳуҷҷатҳои таҳсилот, унвон ва дараҷаҳои илмии давлатҳои хориҷии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф низ метавон муқаррар кард. Дар ин маврид, дар асоси хулосаи комиссия бо фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон курси дахлдори таҳсилоти донишҷӯ муайян карда мешавад.

6) Дар сурати пешниҳод накардани маълумотномаи академӣ дар бораи таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ донишҷӯ ба курси собиқи худ барқарор карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани самт ё ихтисосе, ки донишҷӯ қаблан таҳсил мекард, ӯ барои идомаи таҳсил мувофиқи самт ё ихтисоси ба он наздик тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф тавсия карда мешавад.

7) Шартҳои истиснои барқарор намудани донишҷӯёнро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз таҷрибаомӯзӣ ё омӯзиши курси таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ баргаштаанд, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Низомнома**
**оид ба таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи тарбияи омӯзгорони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар сохторҳои таълимию тарбиявие мебошад, ки новобаста аз шакли моликият ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун пояи таҷрибаомӯзии педагогӣ вобаста шудаанд.

## 1. Вазифаҳои таҷрибаи омӯзгорӣ

1) Вазифаҳои асосии таҷрибаи омӯзгорӣ аз инҳо иборатанд:

- ташаккули ҷаҳонбинии дурусти илмӣ ва идеявии донишҷӯён, аз худ намудани намудҳои маълуми фаъолияти тарбиявӣ-идеявӣ;

-бадастории сифатҳои касбии шахсияти омӯзгори оянда ва сифатҳои шахсии мутахассис, ки ба талаботи ҷамъият ҷавобгӯ бошанд;

-тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ;

-ба роҳ мондани фаъолияти амалии донишҷӯён, ташаккули маҳорату малакаҳои касбӣ, ки асоси ташкили хуби корҳои таълимӣ – тарбиявӣ ба ҳисоб меравонд, аз бар намудани усулҳои таълиму тарбия;

-ба роҳ мондан ва мустаҳкам намудани алоқаи фанҳои назариявӣ бо амалия, ки донишҷӯён ҳангоми омузиши фанҳои ҷамъиятӣ, тахассусӣ ва равоншиносию педагогӣ аз худ намудаанд;

-шиносоии донишҷӯён бо ҳолати корҳои таълимӣ – тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва ташкили ёрии донишҷӯён дар ҳаллу фасли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ;

- ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкории донишҷӯён бо талабагон, омӯзиши хислатҳои синнусолӣ ва фардии онҳо;

-коркарди муносибати эҷодӣ ва таҳқиқотӣ нисбат ба фаъолияти педагогӣ, аз худ намудани малакаҳои таҳлили натиҷаҳои кори худ, ба роҳ мондани талабот ба худомӯзӣ.

## 2. Мазмуни таҷрибаи омӯзгорӣ

2) Мазмуни таҷрибаи омӯзгорӣ бояд чунин роҳҳои раванди таълимӣ – тарбиявиро дар бар гирад:

3) **Корҳои ҷамъиятӣ:**

- гузаронидани ҷамъомадҳои оммавӣ бо ҳайати хонандагони муассисаи таълимӣ ва волидайн;

- аз бар намудани малакаи кори мустақилона бо рӯзномаю маҷаллаҳо ва адабиёти ҷамъиятӣ;

- ташаккули ватанпарастӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва муносибати дуруст ба воқеъияти ҷамъиятӣ дар хонандагон;

- ба роҳ мондани системаи корҳои идеявӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва варзишӣ бо хонандагон;

- иштирок дар ташвиқоти фанҳои чамъиятӣ дар байни хонандагон ва волидайн;

- тарбияи сарфакорӣ ва муносибати эҳтиёткорона дар хонандагон дар тамоми раванди фаъолияти таълимию меҳнатӣ дар муассисаи таълимӣ – тарбиявӣ ва дар истеҳсолот;

- ёрӣ додан ба хонандагон дар гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ, ташкили воситаҳои гуногуни айёнии ташвиқотӣ дар мавзӯъҳои муҳими ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ - иқтисодӣ.

**4) Кори таълимӣ:**

- омӯзиши тартиби кори таълимӣ – тарбиявии муассисаи таълимӣ;

-омӯзиши маҳорати корбурди принсипи ягонагии таълим ва тарбия дар амал, муайян ва мушаххас кардани мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккулдиҳии шахсият дарс;

- бадастории маҳорати омӯзгорӣ – касбӣ дар гузаронидани корҳои беруназсинфӣ доир ба фанҳои гуногун;

-фарогирии методика, усули татбиқи муносибати фардӣ ба хонанда, роҳ ва усули кор бо хонандагони бақуввват, сустхон ва хонандагони аз ҷиҳати педагогӣ беназоратмонда;

- омӯхтани усул ва техникаи дарсдиҳӣ ва дигар воситаҳои ташкили омӯзиш (корҳои лабораторӣ, амалӣ), дарсҳои факултативӣ, саёҳатҳои таърихӣ;

- бадастории малакаи мустақилонаи таълим додан бо назардошти синну сол ва хусусиятҳои фардии хонандагон;

- ташаккули муносибати эҷодӣ ба фаъолияти касби омӯзгорӣ;

-омӯзиши таҷрибаи кори пешқадами педагогии омӯзгорони фанҳои алоҳида ва тамоми муассисаи таълимӣ оид ба масъалаҳои илмӣ – методӣ;

- иҷрои вазифаҳо дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён.

**5) Кори тарбиявӣ:**

-шиносоӣ бо банақшагирӣ ва азхудкунии асоси усулҳои созмондиҳии корҳои тарбиявии муассисаи таълимӣ;

-омӯхтани тартиби кори ташкилоти ҷамъиятии хонандагон дар муассисаи таълимӣ;

-шиносоӣ бо кори роҳбари синфи (мураббӣ, устоди омӯзандаи истеҳсолот) муассисаи таълимӣ;

-ҳосил кардани малакаи худпешбарии кори тарбиявӣ бо хонандагон, баҳисобгирии синну сол ва хислатҳои фардии онҳо;

- бо ёриии мазмун ва усулҳои психологӣ – педагогӣ аз худ кардани хислатҳои синну солӣ ва фардии хонандагон, тартиб додани хислатномаи психологӣ – педагогӣ;

-ташаккул додани маҳорати муносибати дуруст бо хонандагон, волидайни онҳо ва ҳамкорон.

-бадастории маҳорат ва малакаи кори ҷамъиятӣ-педагогӣ, тарбияи хислатҳои пешқадами иҷтимоӣ – шахсии омӯзгор

## 3. Сохтори таҷрибаи омӯзгорӣ

6) Сохтори таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ чунин давраҳоро дар бар мегирад:

Таҷрибаи омӯзгорӣ (тарбиявӣ) – и донишҷӯёни курси III – 5 ҳафта (берун аз дарс)

Таҷрибаи омӯзгорӣ (таълимӣ - тарбиявӣ) – и донишҷӯёни курси IV – 5 ҳафта

Таҷрибаи омӯзгорӣ (коромӯзӣ) – и донишҷӯёни курси V – 5 ҳафта

Таҷрибаи (тарбиявӣ) омӯзгории донишҷӯёни курси III баъди аз худ намудани вазифа ва мундариҷаи он тавассути фанни таълимӣ - муқаддимаи ихтисос ва касби омӯзгорӣ дар соли 1 – ум ва усулҳои кори тарбиявӣ дар курсҳои 2 ё 3 сурат мегирад.

### 4. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаи омӯзгорӣ

7) Таҷрибаи омӯзгорӣ аз тарафи Шӯъбаи истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ дар якҷоягӣ бо деканҳои факултетҳо, кафедраҳои педагогика, равоншиносӣ ва кафедраҳои пешбар ташкил карда мешавад.

8) Дар оғози таҷрибаи омӯзгорӣ ҳар нимсола деканҳои факултетҳо бо ҳамроҳии кафедраҳои педагогика, психология ва кафедраҳои пешбар ҷаласаи ҷобаҷокунӣ мегузаронанд, ки дар он ба донишҷӯён тартиби гузаронидан ва мундариҷаи таҷрибаи омӯзгориро мефаҳмонанд.

9) Барои идора кардани корҳои таълимӣ – тарбиявӣ бо хонандагон донишҷӯёнро ба синфҳо (гурӯҳҳо) вобаста мекунанд, ки онҳо вазифаи ёрдамчии муаллим, роҳбари синф (мураббӣ, устодони таълими истеҳсолӣ)- ро иҷро мекунанд. Ба ғайр аз ин таҷрибаомӯзон корҳои беруназсинфиро иҷро мекунанд, ки ба ихтисоси онҳо вобаста аст, онҳо дар корҳои комиссияи фаннӣ ва дигар корҳо вобаста ба нақшаи таҷрибаомӯзӣ иштирок мекунанд.

10) Дар курсҳои 4-5 бо сарварии роҳбари гурӯҳ таҷрибаомӯзон нақшаҳои инфиродиро дар давраи таҷрибаомӯзӣ тартиб медиҳанд ва дар он миқдору мундариҷаи мавзӯъҳои аз тарафи шӯъбаи таълим пешбинӣ шуда, корҳои беруназсинфӣ, машғулиятҳои ихтиёрӣ аз рӯи ихтисос, ҷамъомадҳо бо роҳбарони синфҳо ва таҳлили психологияи хонанда, инчунин ҷамъомадҳоеро, ки барои корҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешаванд, муайян карда мешавад.

11) Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён ба хонандагон баҳои тафриқавӣ мегузоранд ва дар муҳокима ва таҳлили он иштирок мекунанд. Ҳаҷми дарсҳо ва ҷамъомадҳо бо ду роҳ - бо роҳи нақшаи таҷрибавӣ ва тартиби гузаронидани онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

12) Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёни курси 4 бо роҳбарии омӯзгорони кафедраи психология ва педагогика тавсифномаи психо-педагогӣ барои як нафар хонанда ва донишҷӯёни курси 5 тавсифнома барои тамоми гурӯҳ тартиб медиҳанд.

13) Дар равиши таҷрибаи омӯзгорӣ донишҷӯён маводи таҷрибавиро барои корҳои курсӣ аз фанҳои педагогика, психология ва методикаи фанҳои алоҳида ҷамъ намуда, вазифаҳои КИТД-ро иҷро мекунанд. Ҳангоми навиштани кори дипломӣ аз педагогика, психология ва методика донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ- тарбиявӣ таҷрибаи

пешаздипломиро мегузаронанд. Таҷрибаи омӯзгорӣ дар ҳар як курс ҷамъбаст карда мешавад.

## 5. Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯёни таҷрибаомӯз

14) Дониишҷӯи таҷрибаомӯз дар як вақт корҳои зиёдеро иҷро мекунад, ки онҳо дар нақшаи таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ шудаанд. Онҳо корҳои таълимӣ-тарбиявиро гузаронида, дар хонандагон ҳисси якдигарфаҳмӣ, шуурнокӣ, ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, тарбияи эстетикию физиологӣ ва одобу ахлоқиро бедор менамоянд.

15) Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд худро ҳамчун мутахассиси ҷавон, ки дорои идеяҳои бovaрибахш, хислатҳои баланди ахлоқӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол ва бо хонандагон меҳрубон будан ва шавқу ҳаваси зиёд нисбати касби худро доштанро нишон диҳад. Дар рафти кор донишҷӯ бояд худро ҳамчун кордони соҳибҳуқуқ нишон дода, тамоми ҳастияшро бо ҳаёти мактаб пайваст кунад.

16) Донишҷӯён ҳақ доранд, ба ҳамаи саволҳое, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ пайдо мешаванд, аз роҳбарони гурӯҳ, маъмурият ва омӯзгорони мактаб пурсон шаванд, ақидаҳои худро барои такмил ва ташкили таҷрибаомӯзӣ баён намоянд, дар корҳои ҷамъиятии шогирдон иштирок намоянд, дар конференсия ва маҷлисҳо баромад намуда, аз китобхона ва аз утоқҳои бо аёниятҳо таҷҳизонидашуда истифода баранд.

17) Ҳар як донишҷӯ рӯзнома дорад (рӯзномаи ягона аз курси 3 то 5), ки дар он натиҷа ва мушоҳидаҳои корҳои таълимӣ-тарбиявии хонандагон қайд карда мешавад. Донишҷӯ ҳамчунин дафтаре дорад, ки дар он нақшаҳои кории ҳам дарсӣ ва ҳам берун аз дарсиро қайд мекунад. Донишҷӯ қонуну қоидаҳои дохилии муассисаи таълимиро риоя намуда, супоришҳои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ва маъмуриятро иҷро мекунад.

18) Дар ҳолати иҷро накардани супоришҳое, ки ба таҷрибаомӯз пешниҳод шудаанд, ӯро метавонанд аз таҷрибаомӯзӣ озод намоянд. Донишҷӯе, ки аз таҷрибаомӯзӣ ронда шудааст ва ё ки аз иҷрои вазифаи супоридашуда набаромадааст, нақшаи нимсола (семестр)-ро иҷронакарда ҳисоб меёбад. Мувофиқи қарори Шӯрои олимони факултет ба ӯ аз нав гузаронидани таҷрибаомӯзӣ рухсат дода мешавад. Дар ин ҳолат ӯ бояд дар дарсҳои асосӣ иштирок намояд. Дар вақти таҷриба яке аз донишҷӯён сардори гурӯҳ таъин карда мешавад.

Вазифаҳои сардори гурӯҳ аз инҳо иборат аст: иштироки донишҷӯёнро ба қайд мегирад, донишҷӯёнро аз конференсияву семенарҳо хабардор мекунад, дар корҳои ҷамъиятӣ ташкилотчӣ буда, иҷрои супоришҳои роҳбаронро назорат мекунад.

## 6. Роҳбарии таҷрибаомӯзии педагогӣ

19) Роҳбарӣ барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаи омӯзгорӣ ба ӯҳдаи ректор вогузор мешавад. Роҳбари таҷрибаи омӯзгорӣ ё истеҳсолӣ аз рӯи сохтори таъиншудаи ташкилоти омӯзгорӣ вазифаҳояшро иҷро мекунад.

20) Агар шумораи донишҷӯёни таҷрибаомӯз на кам аз 100 нафар бошад, Шӯрои олимони факултет бо розигии кафедраи педагогика

роҳбари таҷрибаомӯзиро аз факултет таъин мекунанд. Роҳбар аз факултет дар якҷоягӣ бо кафедраи педагогика ва психология роҳбарони таҷрибаомӯзиро дар гурӯҳҳо таъин мекунанд.

### 7. Вазифаҳои роҳбарони таҷрибаи омӯзгорӣ

21) **Роҳбарони таҷрибаи омӯзгорӣ аз факултет:**

- банақшагирӣ, ташкил ва ҳисоботи натиҷаҳои таҷрибаро дар факултет таъмин намуда, нақшаи умумии факултетиро тартиб медиҳад;

- ба базаҳои таҷрибагузаронӣ алоқа карда, тақсимоти донишҷӯёнро ба ҷойҳои таҷрибагузаронӣ ва ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани маоши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ тайёр менамояд;

- конференсияҳои таълимӣ – методӣ мегузаронад;

-мулоҳизаҳои худро барои гузаронидани таҷриба иброз намуда, дар муҳокимаи кафедраҳо оид ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён иштирок менамояд;

-кори роҳбарони гурӯҳҳои таҷрибаомӯзӣ, маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҷрибаомӯзиро ташкил намуда, интихобан дар дарсҳо ва дигар ҷамъомадҳое, ки донишҷӯён мегузаронанд, иштирок мекунад ва то қадри имкон бартараф кардани норасоиҳо дар ташкилоти таҷрибавӣ таъмин месозад;

- ҳисоботи умумифакултавӣ бо ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорӣ дар ҳамаи курсҳо дар соли хониш тартиб дода, ба декани факултет пешниҳод менамояд.

### 8. Роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзӣ (ба роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзӣ то 25 нафар донишҷӯ вобаста карда мешавад)

22) **Роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзӣ:**

-якҷоя бо раёсати таълиму тарбия донишҷӯёнро ба синфҳо (гурӯҳҳо) ва бо омӯзгорони фанҳо тақсим мекунад;

-якҷоя бо омӯзгорони кафедраҳои педагогика, психология ва фанҳои ҷамъиятӣ ба таҷрибаомӯзон дар сохтани нақшаи инфиродӣ барои тамоми рафти таҷрибаомӯзӣ ёрӣ мерасонад, мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ мундариҷаи таълимӣ, машғулиятҳои беруназсинфӣ, омӯзиши педагогию психологии коллективи синф (гурӯҳ) ё як хонандаро мушаххас месозад, нақшаи инфиродии кори таҷрибаомӯзонро тасдиқ мекунад;

-гузаронидани дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии донишҷӯёнро таъмин мекунад, ба донишҷӯён барои тайёрӣ ба дарс ва машғулиятҳои беруназсинфӣ оид ба фанҳо маслиҳат медиҳад, нақша ва конспектҳоро тафтиш ва тасдиқ мекунад, дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ иштирок карда, онҳоро таҳлил мекунад ва баҳо мегузорад, иҷрои нақшаҳои кори инфиродии донишҷӯёнро назорат менамояд;

- ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи донишҷуёнро ҷамъ ва таҳлил мекунад, оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот таҳия карда, онро ба садорати факулта пешниҳод мекунад;

- дар баргузоркунӣ ва натиҷагирии конференсияҳо оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ, инчунин дар муҳокимаҳо дар назди роҳбарони таълимию тарбиявии муассиса иштирок мекунад;

-дар гузоштани санҷиши таҷрибаи омӯзгорӣ иштирок карда, якҷоя бо омӯзгорони педагогика ва психология баҳои умумиро мегузорад.

**9. Омӯзгори фанни педагогика (ба омӯзгори фанни педагогика мувофиқи қоида на зиёдтар аз 50 нафар донишҷӯ вобаста карда мешавад)**

23) Омӯзгори фанни педагогика:

- роҳбарии методии таҷрибаи педагогии донишҷӯёнро иҷро мекунад, ба онҳо оиди саволҳои муҳими омӯзиш, тарбия ва самгирии касбӣ маслиҳат медиҳад;

- якҷоя бо роҳбари гурӯҳ (мураббӣ, устоди омӯзиши истеҳсолӣ) корҳои тарбиявии донишҷӯёнро бо хонандагон ба нақша мегирад;

- дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии донишҷӯён иштирок мекунад, ба онҳо барои тайёрӣ ва гузаронидани дарсҳо ва инчунин машғулиятҳои беруназсинфӣ ёрӣ медиҳад, якҷоя бо роҳбари гурӯҳ ба ин дарсҳо баҳо мегузорад;

- дар баргузоркунӣ ва натиҷагирии конференсияҳо оид ба таҷрибаи педагогӣ, инчунин дар муҳокимаҳо дар назди роҳбарони таълимию тарбиявии муассиса иштирок мекунад;

- дар гузоштани санҷиши таҷрибаи педагогӣ иштирок мекунад ва якҷоя бо муаллимони педагогика ва психология баҳои умумиро мегузорад.

**10.Омӯзгори равоншиносӣ ( ба омӯзгори равоншиносӣ мувофиқи қоида на зиёда аз 50 нафар донишҷӯ вобаста карда мешавад)**

24) Омӯзгори равоншиносӣ:

-ҷиҳати омӯзиши психологӣ – педагогии хонандагони алоҳида ва коллективи хонандагон супоришҳо таҳия месозад;

-дар дарсҳо ва ҷамъомадҳои беруназсинфии таҷрибаомӯзон иштирок (интихобан) мекунад;

-ба донишҷӯён дар кори омӯхтани шахсият ва коллективи хонандагон ва иҷрои дигар супоришҳо аз фанни равоншиносӣ тибқи нақшаи пешбинишуда ёрӣ мерасонад;

- дар баргузоркунӣ ва натиҷагирии конференсияҳо оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ, инчунин дар муҳокимаҳо дар назди роҳбарони таълимию тарбиявии муассиса иштирок мекунад;

- дар гузоштани санҷиши таҷрибаи омӯзгорӣ иштирок карда, якҷоя бо омӯзгорони педагогика ва психология баҳои умумиро мегузорад.

**11. Кафедраҳои педагогика ва равоншиносӣ**

25) Кафедраҳои педагогика ва равоншиносӣ:

-тайёрии умумипедагогӣ, равоншиносӣ ва методии донишчуёнро дар ҳамаи намудҳои тачрибаомӯзӣ ба дараҷаи баланд таъмин мекунанд;

-корҳои тамоми кафедраҳоро, ки дар ташкил ва гузаронидани таҷрибаи омӯзгорӣ иштирок намудаанд, бо ҳамдигар мувофиқа мекунанд;

-ба донишҷӯён оид ба КИТД маслиҳатҳо дода, иҷрои супоришҳоро дар ин самт таъмин месозанд;

-барои ворид сохтани дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешоҳанги омӯзгорӣ дар мундариҷа ва ташкили таҷрибаи омӯзгорӣ чораҳои мушаххас меандешанд;

-ба таҷрибаомӯзон адабиёти лозимаро таъмин сохта, маводи методии барои таҷрибаи омӯзгорӣ зарурро нишон медиҳанд;

-таҷрибаи пешоҳанги ташкилкунии таҷрибаи омӯхта, хулосабарорӣ мекунанд ва барои такмилёбии он чораҳои мушаххас меандешанд;

-ба донишҷӯён дар ҳалли саволҳое, ки дар рафти таҷрибаомӯзӣ пайдо мешаванд, маслиҳатҳо медиҳанд;

-ҳуҷҷатҳои методиро оид ба таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳоро барои КИТД омода мекунанд.

**12 Кафедраҳои соҳавӣ**

26) Кафедраҳои соҳавӣ:

-равиши таълими касби педагогии фанҳои махсус, тайёрии дараҷаи баланди илмӣ – назариявии таҷрибаомӯзон ва корҳои таълимӣ – тарбиявиро дар дарсҳо таъмин месозанд;

-роҳбарони таҷрибаомӯзии гурӯҳҳоро муайян мекунанд;

-дар конференсияҳои баргузоркунӣ ва хулосавӣ аз таҷрибаи омӯзгорӣ иштирок мекунанд;

-иштироки алоҳидаи омӯзгоронро дар дарсҳои таълимӣ – тарбиявии донишҷӯён таъмин месозанд;

-донишҷӯёнро мувофиқи ихтисосашон бо адабиёти зарурӣ таъмин мекунанд;

-намоиши маводро оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ дар синфхонаҳои дарсӣ ташкил мекунанд;

-оид ба масъалаҳои мубрами илми ҳозира, тайёр намудан ва гузаронидани машғулиятҳои беруназ синфӣ маслиҳатҳо медиҳанд;

-равиш ва натиҷаи таҷрибаи омӯзгориро дар маҷлиси кафедра таҳлил мекунанд ва барои такмилёбии он чораҳо меандешанд.

**13. Вазифаҳои маъмурият ва устодони муассисаи таълимӣ**

27) Роҳбари муассисаи таълимӣ ва ё муовин оид ба корҳои таълимӣ:

-барои гузаштани таҷрибаи омӯзгорӣ шароити мусоидро муҳайё менамояд, бо устодон, ҳайати коркунони хизматрасон ва донишҷӯён оид ба мавзӯъҳои таҷрибаомӯзии дар пеш истода кор мебарад;

-донишҷӯёнро бо муассисаи таълимӣ, татбиқи ислоҳот дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо ҳайати омӯзгорон, таҷрибаи омӯзгории пешқадам, ҳуҷҷатгузорӣ, базаи таълимӣ - истеҳсолӣ (синфхонаҳо, устохонаҳо, китобхона ва ғ.) ва бо корҳои умумии таълимӣ-тарбиявӣ шинос мекунад, имконият фароҳам меорад, ки

таҷрибаомӯзон дар шӯроҳои омӯзгорӣ, кори комиссияи фаннӣ (касбӣ) ва ҷаласаҳои кумитаи падару модарон иштирок намоянд ва бо бо нақшаҳои корӣ шинос шаванд;

- якҷоя бо роҳбари таҷрибаомӯзии гурӯҳҳо донишҷӯёнро ба синфҳо (гурӯҳҳо) вобаста месозад;

-интихобан дар дарсҳо ва дигар чорабиниҳои гуногуни донишҷӯёни таҷрибаомӯз иштирок намуда, дар муҳокимаи онҳо саҳм мегузорад;

-барои такмили таҷрибаи омӯзгорӣ дар асоси ҷамъбасти таҷриба таклифҳо пешниҳод мекунад;

-дар муассисаи таълимӣ семинар оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ гузаронида, вобаста ба имконият дар гузаронидани конференсияҳои баргузоркунӣ ва ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок менамояд.

## 14. Омӯзгори муассисаи таълимӣ

28) Омӯзгори муассиаи таълимӣ:

-донишҷӯёни ба ӯ вобасташударо бо асосҳои таҷрибаи омӯзгорӣ ва нақшаи таълимӣ - тарбиявии он шинос мекунад, дарсҳои кушод ва беруназсинфӣ мегузаронад ва муҳокимаи онҳоро ташкил мекунад;

-якҷоя бо роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзӣ мавзӯъҳои дарси донишҷӯён ва чорабиниҳои фаннии берун аз синфро ба нақша мегирад ва тақсим менамояд;

-барои гузаронидани дарсҳо ба донишҷӯён маслиҳат медиҳад ва нақша – конспектҳои дарси дар пеш истодаро тафтиш ва тасдиқ мекунад;

-барои тайёрӣ ба дарсҳои гуногун, гузаронидани дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ ба донишҷӯён кӯмак мерасонад;

-дар таҳлил ва баҳогузории дарси ҳар як донишҷӯ иштирок мекунад;

-барои гузаронидани дарс бо сустхонон, кори маҳфилҳо, санҷтиши дафтарҳо, омода кардани айёният, намоиши маводи аудио ва видео, тайёр кардани корҳои лабораторӣ ва ғ. ба донишҷӯён супориш медиҳад;

-ба донишҷӯён тавсифнома дода, корҳои таълимии онҳоро баҳо мегузорад;

-дар маҷлисҳое, ки роҳбари муассисаи таълимӣ доир ба таҷрибаи омӯзгорӣ баргузор мекунад, ҳамчунин вобаста ба имконият дар конференсияҳои баргузорӣ ва ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти олиип касбӣ ширкат меварзад.

## 15. Роҳбари синф

29) Роҳбари синф:

-донишҷӯёнро бо ҳайати хонандагон (гурӯҳҳо), бо парвандаи шахсии онҳо, давомот, иштирок, интизом, бо вазифаҳои асосии тарбиявӣ ва нақшаи кори худ ошно мекунад;

-якҷоя бо омӯзгори фанни педагогика ва роҳбари гурӯҳӣ вазифаҳои таълимии барномаи таҷрибаомӯзиро мушаххас гардонида, ҳангоми тартиб додани нақшаи кори таълимӣ ба донишҷӯён кӯмак мерасонад, нақшаро тасдиқ мекунад, иҷрои онро назорат карда, машварат медиҳад;

- якҷоя бо омӯзгори равоншинос кори таҷрибаомӯзонро барои омӯзиши хонандагон ва тартиб додани тавсифномаи равоншиносӣ-педагогӣ роҳбарӣ мекунад;

-дар корҳои мустақилона (санҷишӣ) ва ҷамъомадҳои таълимии донишҷӯён ва баҳогузориву муҳокимаҳои онҳо иштирок мекунад;

- донишҷӯёнро бо корҳои таълимии ҷорӣ бо синф– навбатдорӣ, ба аёдати хонандагон рафтан, сӯҳбат бо волидони онҳо ва ғ. ҷалб мекунад;

-оид ба кори таълимии донишҷӯён баҳо ва тавсифнома медиҳад;

-дар маҷлисҳое, ки роҳбари муассисаи таълимӣ доир ба таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаронад, ҳамчунин вобаста ба имконият дар конференсияҳои баргузорӣ ва ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

### 16. Ташкилотчии кори беруназсинфӣ (ҷонишини директор оид ба кори таълиму тарбия)

30) Ҷонишини директор оид ба кори таълиму тарбия:

-донишҷӯёнро бо нақшаи кори тарбиявии ташкилоти таълимию тарбиявӣ ва корҳои ташкилоти ҷамъиятии хонандагон шинос мекунад;

-барои банақшагирӣ ва гузаронидани ҷамъомадҳои якҷояи тарбиявӣ ба донишҷӯён кӯмак мерасонад;

-интихобан дар ҷамъомадҳои тарбиявие, ки донишҷӯён мегузаронанд, иштирок карда, онҳоро муҳокима мекунад;

-ба роҳбарони синф барои кор бо таҷрибаомӯзон кӯмак мерасонад;

-дар маҷлисҳое, ки роҳбари муасисаи таълимӣ доир ба таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаронад, ҳамчунин вобаста ба имконият дар конференсияҳои баргузорӣ ва ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

### 17. Баҳисобгирӣ ва баррасии кори иҷрокардаи донишҷӯён дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ

31) Донишҷӯён ҳангоми таҷриба рӯзномаи мушоҳидаҳои омӯзгорӣ доранд, ки дар он маълумоти зарурӣ барои иҷрои вазифаҳо мувофиқи барномаи пешбинишудаи таҷрибаомӯзӣ, ҳамчунин тавсифномаи тартибдодаи равоншиносӣ – педагогӣ барои хонанда ва коллективи синф инъикос меёбад. Маълумоти рӯзнома барои тартиб додани ҳисобот оид ба иҷрои кори таҷрибаомӯзӣ истифода мешавад.

32) Ҳангоми ба охир расидани таҷрибаи омӯзгорӣ донишҷӯён ба роҳбари таҷрибаи омӯзгорӣ чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекунанд:

-дар курси III, рӯзнома ва ҳисобот оид ба иҷрои вазифаҳо, ки бо имзои корманди муассисаи таълимӣ тасдиқ шудааст, ҷамъбасти иҷрои вазифаҳо дар самти КИТД;

-дар курси IV, рӯзнома ва ҳисобот оид ба кори баанҷомрасонидашуда, нақша-конспекти дарс, ҷамъомадҳои беруназсинфӣ ва тарбиявӣ, тавсифномаи равоншиносӣ -педагогӣ барои як хонанда, ҷамъбасти иҷрои вазифаҳо дар самти КИТД;

дар курси V, рӯзнома ва ҳисобот оид ба кори баанҷомрасонидашуда, нақша конспекти як-ду дарс, дарсҳои

беруназсинфӣ, таҳлили дарс ва ҷамъомадҳои тарбиявӣ, тавсифномаи равоншиносӣ-педагогӣ барои як хонанда, ҷамъбасти иҷрои вазифаҳо дар самти КИТД;

33) Дар асоси ҳуҷҷат ва тавсифномаҳои пешниҳодшуда, комиссия дар ҳайати роҳбари гурӯҳӣ, омӯзгорони педагогика ва психология дар ҳар курси таҷрибаомӯзӣ санҷишро ба таври тафриқавӣ баҳогузорӣ мекунанд.

34) Ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ дар ҷаласа ва конференсияҳои ҷамъбастии мактаби таҳсилоти олӣ, ки роҳбари муассисаи таълимӣ – тарбиявӣ ташкил менамояд, гузаронида мешавад.

## 18. Меъёрҳои намунавии ҳисоби сарбории таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои роҳбарии таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона

35) Роҳбарии таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ:

а) ба методисти гурӯҳӣ – 20 соат дар як ҳафта барои 12 донишҷӯ;

б) ба методисти равоншиносӣ – 1 соат барои 1 донишҷӯ дар давоми таҷриба;

в) ба методисти педагогика - 1 соат барои 1 донишҷӯ дар давоми таҷриба;

## 19. Таъмини маоши кормандони муассисаҳои таълимӣ барои роҳбарии таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона

36)Таъмини маоши кори муассисаҳои таълимӣ, ки дар он донишҷӯён таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаранд, аз ҳисоби харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ илова ба маоши ҷои кори асосии онҳо тибқи меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда сурат мегирад.

37) Ташкили таҷрибаи омӯзгорӣ (коромӯзӣ) аз тарафи кормандони мактаб:

а) ба директори мактаб - 1 соат барои ҳар як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ;

б) ба муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ё ташкилотчӣ дар мактаб - 1 соат ба ҳар як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ;

в) ба омӯзгор – ташкилотчӣ - 10 соат ба ҳар як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ;

г) ба роҳбари синф – 3 соат ба ҳар як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ.

## 20. Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни шӯъбаҳои ғоибона

37) Донишҷӯёни шӯъбаҳои ғоибона, ки мувофиқи ихтисоси худ кор мекунанд, таҷрибаомӯзиро аз рӯи супориши инфиродӣ, ки аз ҷониби кафедраҳои соҳавӣ якҷоя бо кафедраҳои педагогика ва равоншиносӣ таҳия шудааст, мегузаранд.

38) Донишҷӯёне, ки мувофиқи ихтисоси худ кор намекунанд, таҷрибаомӯзии ҳатмии омӯзгориро дар ҳаҷме, ки мувофиқи нақшаҳои таълимӣ муайян шудааст, дар муассисаҳои таълимӣ муташаккилона

тибқи нақшаи факултет ё ба таври инфиродӣ бо иҷозати деканат дар ҷои истиқомат мегузаранд.

39) Вазифа ва мӯҳтавои таҷрибаи омӯзгорӣ, қоидаҳои асосии ташкили он, ӯҳдадориҳои роҳбарони тачрибаомӯзӣ ва донишҷӯён – таҷрибаомӯзон, тақсимоти супоришҳо, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, ба шаклҳои таълими рӯзона ва ғоибона тааллуқ дорад.

40) Баъди ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён ҳисоботи хаттӣ оид ба кори таълимӣ – тарбиявии ба анҷомрасонида, конспекти дарсро пешниҳод менамоянд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо ҳангоми мавҷуд будани тавсияи мусбат аз ҷониби муассисаи таълимӣ ва хулосаи омӯзгори кафедраи педагогика, роҳбари гурӯҳ ба донишҷӯён санҷиш бо баҳои тафриқавӣ мегузорад.

**21. Меъёрҳои намунавии тақсимоти сарбории устодони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои роҳбарии таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона (ба ҳисоби як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ)**

| | **Шакли ғоибонаи таълим** |
|---|---|
| Ба роҳбари факултавии таҷрибаомӯзӣ | 1 соат |
| Ба роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзӣ | 10 соат |
| Ба омӯзгори фанни педагогика | 4 соат |
| Ба омӯзгори фанни равоншиносӣ | 1 соат |

**22. Музди меҳнати кормандони муассисаҳои таълимӣ барои роҳбарии таҷрибаи омӯзгории шӯъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ба ҳисоби як донишҷӯ дар тамоми марҳилаи таҷрибаомӯзӣ)**

41) Музди меҳнати кормандони муассисаҳои таълимӣ, ки дар онҳо донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона таҷрибаи омӯзгорӣ мегузаранд, аз ҳисоби сметаи музди меҳнати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ илова ба маоши ҷойи кори асосии онҳо мутобиқи меъёрҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда пардохта мешавад.

| | **Шакли ғоибонаи таълим** |
|---|---|
| Ба роҳбари муассисаи таълимӣ ё ҷонишини ӯ оид ба корҳои таълимӣ-тарбиявӣ | 1,5 соат |
| Ба омӯзгор | 10 соат |
| Ба роҳбари синф (устои таълими истеҳсолӣ) | 3 соат |

**23. Таҷрибаомӯзии тарбиявӣ**

42) Таҷрибаомӯзии тарбиявии донишҷӯёни курси 3 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ, истироҳатгоҳи берун аз шаҳрӣ, майдонҳои беҳдоштӣ, иттиҳодияҳои меҳнатии хонандагон ва ба монанди инҳо амалӣ мегарданд.

43) Дар ҳолатҳои ҷудогона аз тарафи деканат бо розигии кафедраи педагогика мумкин аст, ки ин намуди таҷрибаомӯзиро дар тайи тамоми соли таҳсили курси 3 дар вақти берун аз таълим дар ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилотьи миёнаи умумӣ ва муассисаҳои тарбиявии берун аз мактабӣ иҷозат дода шавад.

44) Роҳхат ба таҷрибаомӯзии таҷрибавӣ аз рӯи дархости муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мегардад.

45) Нақшаи тақсимоти донишҷӯён ба истироҳатгоҳҳои тобистона (лагерҳо) ва муассисаҳои берун аз мактабӣ аз тарафи кафедраи педагогика бо розигии деканат ва ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

46)Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён дар истироҳатгоҳҳо ба сифати роҳбаладҳо, мураббиён ва роҳбарони маҳфилҳо кор мекунанд.

47) Донишҷӯёне, ки ба таҷрибаомӯзии тарбиявӣ равон мешаванд, омодагии методикиро дар ҳаҷми соатҳои дар нақшаи таълимӣ муқарраршуда ва барои ин ихтисос ҷудонамуда ва ҷамъомади 5- рӯзаро дар истироҳатгоҳ мегузаранд. Кафедраи педагогика барномаи ҷамъомади донишҷӯёнро дар истироҳатгоҳ тартиб медиҳад ва гузаронидани ин машғулиятҳоро таъмин менамояд.

48) Дар истироҳатгоҳҳо донишҷӯён таҷрибаомӯзиро таҳти роҳбарии сардорони истироҳатгоҳҳо ва сарраҳбаладон, дар муассисаҳои таълимии дигар таҳти роҳбарии роҳбарони ин муассисаҳо мегузаранд.

49) Пас аз ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва тавсифномаи сардори истироҳатгоҳ, роҳбаладии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳбари муассисаеро, ки дар он таҷрибаомӯзиро гузаштаанд, оид ба кори худ пешниҳод менамоянд.

50) Дар ҳолати тавсифномаи мусбат ба донишҷӯён санҷиш аз рӯи таҷрибаомӯзии тарбиявӣ ба тариқи тафриқавӣ гузошта мешавад. Ҳангоми гирифтани тавсифномаи манфӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бо иҷозати Шӯрои олимони факултет метавонанд такроран таҷрибаомӯзиро гузаранд.

51) Роҳбарӣ ва назорати таҷрибаомӯзии тарбиявиро кафедраи педагогика амалӣ мегардонад.

52) Барои роҳбарии таҷрибаомӯзии тарбиявӣ ба устоди кафедраи педагогикаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 6 соат дар як ҳафта барои 12 донишҷӯ дода мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Низомнома**
**дар бораи ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳо барои ҳайати профессорону омӯзгорон дар сурати мавҷуд будани ҷойҳои холӣ тибқи шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

2) Ба вазифаҳои хидматии ҳайати профессорону омӯзгорон вазифаҳои мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим, ассистент дохил мешавад.

3) Ба озмун барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон шахсоне роҳ дода мешаванд, ки таҳсилоти махсуси педагогӣ ва ё касбӣ аз рӯи ихтисосҳои мувофиқ доранд.

4) Озмун барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон дар мувофиқа бо талаботи тахассусӣ ба ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

## 2. Эълон дар бораи озмун

5) Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озмунро оид ба ишғол намудани вазифаҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон эълон менамояд.

6) Озмун оид ба ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон бо воситаҳои ахбори омма ва газетаву журналҳо эълон карда мешавад.

7) Мӯҳлати пешниҳоди аризаҳо ба озмуни вазифаҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон ва маълумот доир ба вазифаҳои холӣ - на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи чопи эълон муайян карда мешавад. Қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шахси маъсули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки оид ба ташкил ва гузаронидани озмун масъул аст, танҳо дар ҳолати номувофиқатии ҳуҷҷатҳо ба талаботи тахассусии ҳайати профессорону омӯзгорон ё ки дар ҳолати вайронкунии мӯҳлати пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳо рад карда мешавад.

8) Интихобот бо тарзи озмун ва бастани шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ на дертар аз 2 моҳ баъд аз анҷоми мӯҳлати пешниҳоди ариза гузаронида мешавад.

9) Дар ҳолати риоя накардани мӯҳлатҳои муқарраргардида озмун ва маълумот дар бораи вазифаҳои холӣ аз сари нав эълон карда мешавад.

## 3.Ташкили комиссияи озмунӣ

10) Комиссияи озмунӣ барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касб тасдиқ карда мешавад.

11) Комиссияи озмунӣ шакл, тартиб, мӯҳлатҳои аниқи гузаронидани озмунро муайян сохта, таҳлили ҳуҷҷатгузории озмуниро мегузаронад ва аз рӯи натиҷаҳои озмун қарор мебарорад.

12) Вазифаҳои асосии кори комиссияи озмунӣ аз фароҳам овардани имконияти баробар барои иштирок дар озмун ва таъмини рақобати софдилона байни иштирокчиён иборат мебошад.

13) Комиссияи озмунӣ дар ҳайати раиси комиссия (муовини аввали ректор, ҷонишини раис, котиб ва аъзои комиссиятаъсис дода мешавад.

14) Шумора ва ҳайати расмии комиссияи озмунӣ, мӯҳлати ваколати он аз ҷониби Шӯрои олимон муайян гардида, бо фармони ректор тасдиқ карда мешавад.

## 4. Қабул ва дида баромадани ҳуҷҷатҳои иштирокчиёни озмун

15) Шахсоне, ки дар озмун хоҳиши иштирок карданро доранд ва дар оянда шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ мебанданд, ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ариза пешниҳод мекунанд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешавад:

-варақаи шахсӣ;

-тарҷумаи ҳол;

-нусхаи диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ, дараҷаи академӣ ва илмӣ, шаҳодатнома дар бораи унвони илмӣ, ки бо тартиби муайянгардида тасдиқ карда шудаанд;

-рӯйхати корҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ ва ихтироот;

-тавсифнома аз ҷойи кори охирин.

16) Шахсоне, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамоянд, барои иштирок дар озмун ва ё ишғоли вазифа аз рӯи шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ ба номи ректор ариза пешниҳод намуда, тавсифнома, рӯйхати корҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ ва ихтироотро пешниҳод мекунад. Ҳуҷҷатҳои шахсоне, ки хоҳиши иштирок дар озмунро барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон доранд, бо имзои ректор ба кафедра барои натиҷагирӣ фиристода мешавад. Инчунин, ҳуҷҷатҳои шахсоне, ки хоҳиши иштирок дар озмунро барои ишғоли вазифаи мудири кафедра доранд, бо имзои ректор ба кафедра ва факултети мувофиқ барои натиҷагирӣ фиристода мешавад. Дар ин сурат ҷаласаи кафедраро декани факултет ва ё муовини ректор оид ба корҳои таълим мегузаронад.

17) Ҳуҷҷатҳои озмун пешакӣ дар ҷаласаи кафедраи мувофиқ дида баромада мешаванд.

18) Шахсоне, ки дар озмун иштирок менамоянд ва собиқаи илмӣ-педагогӣ доранд, дар ҷаласаи кафедра дар бораи фаъолияти илмӣ-педагогии худ ҳисобот медиҳанд. Бо мақсади натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ дар асоси қарори кафедра довталабон метавонад лексияҳои санҷишӣ ва ё дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ гузаранд.

19) Кафедра барои ҳар як номзад бо овоздиҳии кушод ва ё пинҳонӣ хулосаи мувофиқ мебарорад, ки он ба комиссияи озмунӣ пешниҳод мегардад.

20) Хулосаи кафедра дар сурате бо эътибор дониста мешавад, ки агар дар ҷаласаи он на кам аз 2/3 ҳиссаи омӯзгорони асосии кафедра иштирок дошта бошанд.

21) Хулосаи кафедра дар бораи номзадии мудири кафедра аз ҷониби декани факултет ва ё муовини аввали ректор, ки ҷаласаро гузаронидаанд, баровара мешавад.

22) Иштирокчиёни озмун ва ё номзадҳо ба вазифаи мудири кафедра метавонанд дар ҷаласаи кафедра иштирок карда, бо хулосаи он шинос гарданд.

## 5. Тартиби интихоб аз рӯи озмун

23) Озмун барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон дар асоси ҷамъбасти таҳлилии натиҷаҳои фаъолияти довталабон дар шакли саволнома, баҳогузории экспертӣ, тестикунонӣ, мубоҳиса, ҳисоботи эҷодӣ, ихтироот, супоришҳои амалӣ ва дигар шаклҳои санҷиши касбӣ дар ҳаҷми талаботи муқарраргардида аз рӯи ҳар як вазифа гузаронида мешавад.

Барои ҳар як номзад дар ҷаласаи комиссияи озмунӣ хулосаи кафедра ва ё факултет бо тавсияи мувофиқ баррасӣ карда мешавад.

24) Баъд аз ин комиссияи озмунӣ барои ворид кардани номи иштирокчӣ ба бюллетени овоздиҳӣ қарор қабул менамояд.

27.Овоздиҳҳи тибқи тартиботи маъмул гузаронида мешавад. Бюллетене, ки дар он ягон ному насаб (дар ҳолати иштироки ду ва ё зиёда довталаб) хат зада нашудааст ва ё пура хат зада шудааст, беэътибор дониста мешавад.

25) Барои баҳисобгирии овозҳо комиссияи озмунӣ пеш аз оғози овоздиҳии пӯшида комиссияи баҳисобгириро дар ҳайати на кам аз 3 нафар аз ҳисоби аъзои комиссияи озмунӣ интихоб менамояд. Комиссияи баҳисобгирӣ натиҷаҳои овоздиҳиро аз рӯи ҳар як номзад эълон менамояд. Қарори комиссияи баҳисобгирӣ аз ҷониби комиссияи озмунӣ тасдиқ гардида, ба ҳуҷҷатҳои озмун илова карда мешавад.

26) Қарори комиссияи озмунӣ ҳангоми гузаронидани озмун ҳамон вақт боэътибор дониста мешавад, ки агар дар овоздиҳӣ на кам аз 2\3 ҳиссаи ҳамаи аъзои он иштирок карда бошад. Номзаде, ки 50% ва ё аз ин зиёда овози аъзои комиссияро гирифта бошад, интихобгардида дониста мешавад. Қарори комиссияи озмунӣ, ки бо риояи Низомномаи мазкур ва бо овоздиҳии пинҳонӣ қабул карда шудааст, қатъӣ ҳисобида мешавад.

27) Натиҷаи озмун дар шакли қарор ба номи ректор барои бастани шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ пешниҳод карда мешавад.

## 6.Тартиби эътироз

28) Иштирокчиёни озмун метавонанд аз болои қарори комиссияи озмунӣ бо аризаи эътирозӣ ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муроҷиат намоянд.

29) Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аризаи эътирозии воридгардидаро дида баромада, дар ҳолатҳои ошкорсозии қоида-вайронкуниҳои Низомномаи мазкур чораҳои амалӣ то бекор кардани қарори пешниҳодгардида меандешад.

30) Дар сурати бекор гардидани қарори комиссия озмун аз сари нав тибқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамал**
**оид ба пешниҳод намудани маълумотнома дар бораи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Иҷрои талабот аз ҷониби раисони комиссияи аттестатсияи (ниҳоии) давлатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

1) Аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ марҳалаи хотимавии таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар шакли имтиҳони давлатӣ, ҳимояи корҳои хатмкунии тахассусӣ, рисолаҳо ва лоиҳаҳои дипломӣ бо назардошти талаботҳои зерин ҷамъбаст карда мешавад:

-омодагии хатмкунандагон ба аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ ва риояи талаботи мавҷуда;

-назорати миқдори донишҷӯён тибқи меъёрҳои муқарраргардида аз 6 то 12 нафар;

-тибқи талаботи нақшаю барномаҳои таълимӣ таҳия гардидани саволномаҳо, такрорнашаванда будан ва аз ҷониби кафедраҳои мутааллиқ тасдиқ гардиданионҳо;

-вобаста ба талаботи мавзӯъ омода карда шудани воситаҳои айёнӣ, маводҳои таълимӣ ва таҷҳизоти лабораторӣ;

-дониши хуби назариявb ва амалии хатмкунандагон;

-дар ду шакл:- шифоҳӣ ва хаттӣ (ва ё тестӣ) ба роҳ мондани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ;

-сатҳ ва сифати рисолаҳои (лоиҳаи) дипломӣ, ҳалли мавзӯъ ва ё масъала, таҳқиқот ва проблемагузорӣ дар онҳо;

-роҳ надодан ба такрорнависӣ ва рӯйбардор намудан;

-мувофиқатии тахассуси ҳайати комиссияи аттестатсионӣ ба фанҳои имтиҳоншаванда.

## 2.Ҷамъбасти натиҷаи аттестатсияи (ниҳоии) донишҷӯён

2) Ҳисоботи пешниҳоднамудаи раиси комиссияи аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ бояд фарогири масъалаҳои зерин бошад:

-сухани муқаддимавӣ (доир ба фаъолияти комиссияи аттестатсионии факултет);

-омодагии қаблии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет ва кафедраҳо барои гузаронидани аттестатсияи давлатӣ;

-мувофиқати ихтисоси аъзои комиссия ба фанҳое, ки барои аттестатсияи давлатӣ муайян шудаанд;

-тавсифи мундариҷа ва шакли саволномаҳо, билетҳо ва мувофиқати онҳо ба барномаи амалкунандаи таълимӣ;

-таҳлили савияи илмӣ ва назариявию амалии хатмкунандагон аз рӯи ихтисос ва мувофиқати онҳо ба вазифаҳое, ки аз сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бармеоянд;

-омода будани хатмкунанда ба аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ;

-омодагии илмиву назариявӣ, касбӣ ва амалии мутахассис, ҷавобгӯ будан ва ё набудани дониши базавӣ ва таҷрибаи истеҳсолии онҳо;

-натиҷаи баҳоҳои додашуда ба дониши назариявӣ ва амалии хатмкунандагон, мукаммалии баёни фикр, хулосаҳо дар бораи майлу хоҳиши хатмкунанда ба корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ;

-тавсифи мавзӯи рисолаҳои (лоиҳаҳои) дипломӣ, сифати амалан ба анҷом расонидан ва хусусияти назариявӣ-амалии онҳо;

-сифати омода гардидани рисолаи (лоиҳаи) дипломӣ, мутобиқати мавзӯъҳои онҳо бо нақшаю барномаҳои таълимӣ, ҷавобгӯи талаботи замони муосир будан ва ё набудани онҳо, зарурат ва ё эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ ба чунин мутахассисон ва ё ҳадафҳои дар рисола (лоиҳа) баён ва пешниҳодгардида, тавсифи донишу қобилият ва таҷрибаи андухтаи хатмкунанда ҳамчун мутахассис;

-мутобиқатии тақризҳои ба рисолаи (лоиҳаи) дипломӣ навишташуда;

-моҳияти илмӣ, таҳқиқотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва ё тавсиявӣ доштани рисолаи (лоиҳаи) дипломӣ;

-пайванди илм бо истеҳсолот (дар мисоли корҳои бaанҷомрасонидашуда);

-бартарию камбудиҳои аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ дар қиёс ба аттестатсияи (ниҳоии) давлатии соли гузашта;

-хулоса ва пешниҳод барои боз ҳам беҳтар шудани аттестатсияи давлатии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

3) Раиси комиссияи аттестатсияи (ниҳоии) давлатӣ ҳисоботро бо назардошти таъкидҳои фавқуззикр ва талаботи банди 4.15-и Низомномаи аттестатсияи давлатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2007, №2/6) дар ду нусха ба садорати факултети мутааллиқи муасссисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд.

3.Ба ҳисобот нақшаҳои зерин замима карда мешаванд:

а) Натиҷаи имтиҳон:

Номи фан______________

| **Ихтисос ва рақами гурӯҳ** | **Шумораи донишҷӯён** | **Бо баҳои «аъло»** | **Бо баҳои «хуб»** | **Бо баҳои «қаноат - бахш»** | **Бо баҳои «ғайри-қаноат-бахш»** | **Иштирок надошт** | **Мулоҳизаҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

б) Натиҷаи ҳимояи рисолаҳои (лоиҳаҳои) дипломӣ:

| **Ному насаби донишҷӯ, ихтисос ва** | **Номи мавзӯи рисола (лоиҳа)-и** | **Ном ва насаби роҳбар** | **Ном ва насаби муқарризон** | Баҳо | **Мулоҳизаҳо** |
|---|---|---|---|---|---|

| **рақами гурӯҳ** | **дипломӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|

Ҳисоботи раиси комиссияи фаннии аттестатсияи давлатии хатмкунандагон дар 3 нусха (аз ҷумла дар шакли электронӣ) омода шуда, дар муддати то 20 рӯз баъди ба анҷом расидани аттестатсия ва баррасӣ дар Шӯрои олимони факултет ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ирсол карда мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи журнали гурӯҳ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дастурамали мазкур дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Журнали гурӯҳи таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд-журнал) иҷрои нақша ва барномаи таълимиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба танзим медарорад.

2) Журнали гурӯҳи таълимӣ талаботи зеринро дар бар мегирад:

-иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ оид ба ҳамаи фанҳо;

-воқеият дар баҳогузории ҷорӣ ва ҷамъбастӣ;

- назорати давомоти донишҷӯён дар дарсҳо;

-риояи меъёри гузаронидани санҷишҳои назоратӣ, тафтишотӣ, маъмурӣ, иҷрои корҳои амалӣ ва лабораторӣ;

-риояи талабот ва тавсияи ба танзим даровардани журнали гурӯҳ;

-ба иннобатгирии пешниҳоду эродҳо ҷиҳати истифодаи журнали гурӯҳ ва ғайра.

3)Риояи истифодаи журнал аз ҷониби ҳар як омӯзгор ва куратори гурӯҳи таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

4)Куратор, омӯзгори фаннӣ ва сардори гурӯҳ барои бе осеб нигоҳ доштани журнал ҷавобгаранд.

5)Журнал барои як нимсолаи таълимӣ пешбинӣ мегардад.

6)Дар журнал қайдҳо беислоҳ тибқи муқаррарот ба ҷо оварда мешавад.

7)Журнали гурӯҳи таълимӣ дар бойгонии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 25 сол нигоҳ дошта мешавад.

## 2.Вазифаҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

8)Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ноибони он, декани факултетҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо ва кураторони гурӯҳҳои таълимӣ вазифадоранд, ки мунтазам ҷиҳати қайди мавзӯъҳо дар журнал ба таври зайл назорат баранд:

-қайд кардани мавзӯъҳо дар журнал то якуми сентябр, оғози соли таҳсил ба тартиб даровардани варақаи титулӣ, маълумот дар саҳифаҳо доир ба фанҳои таълимӣ, маълумоти умумӣ дар бораи донишҷӯён, маълумот дар бораи миқдори соатҳои дарсии фанҳо, варақаи ҷамъбастии давомот, маълумот доир ба маҳфилҳо ва дарсҳои факултативию иловагӣ;

-назорати ҳафтаина ҷиҳати ба расмиятдарории қайди мавзӯи фанҳои таълимӣ, воқеӣ будани қайди давомот, роҳ надодан ба супоридани вазифа дар рӯзҳои ид ва истироҳатӣ (талаботи зерин аз соатҳои нақшаи таълимӣ дар ҳафта вобастагӣ дорад).

Ба ғайр аз санҷишҳои ҷорӣ аз ҷониби сохторҳои молиявӣ низ санҷиши журнал ба роҳ монда мешавад.

Аз натиҷаи ҷамъбасти санҷиш дар саҳифаи «Эродҳо оид ба истифодаи журнали гурӯҳ» раёсати муассисаи таълимӣ фикру мулоҳизаи худро сабт намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо шахсони масъулро вазифадор менамояд;

Дар охири нимсолаи соли таҳсил куратори гурӯҳи таълимӣ баъд аз қайд намудани ҳисоботи омӯзгорони фаннӣ журналро барои нигоҳдорӣ ба шӯъбаи таълим месупорад.

9) Барои сабти соати кураторӣ дар журнали гурӯҳи академӣ саҳифаи алоҳида ҷудо менамоянд.

10)Доир ба ҷамъбасти санҷиши журналҳо протокол тартиб медиҳанд.

11)Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад барои омӯзгори фаннӣ ва ё куратори гурӯҳи таълимӣ ҷиҳати иҷро накардани талаботи ба расмият даровардани журнал ҷазои интизомӣ пешбинӣ намояд.

## 3.Вазифаи куратори гурӯҳи таълимӣ

12)Куратори гурӯҳи таълимӣ вобаста ба истифодаи журнал корҳои зеринро ба сомон мерасонад:

-варақаи титулӣ ва мундариҷа (номгӯи фанҳои таълимӣ мувофиқи нақшаҳои таълимӣ)-и журналро хонапурӣ менамояд;

-рӯйхати донишҷӯёнро дар журнал (ному насаб бо тартиби алифбо) тартиб медиҳад;

-ному насаби омӯзгори фанниро қайд менамояд;

-номгӯи фанҳоро менависад;

-дар саҳифаи алоҳидаи журнал маълумот дар бораи донишҷӯёнро ҷой медиҳад;

-варақаи ҷамъбастии давомоти донишҷӯёнро ҳар ҳафта қайд менамояд.

13)Дар мавриди беморӣ ва ё бо сабаби узрнок ба дарс наомадан, куратори гурӯҳи таълимӣ дар журнал маълумотномаро дар ин бора қайд (замима) менамояд.

14)Ҳамагуна тағйирот вобаста ба ҳайати гурӯҳ баъд аз интишори фармоиши дахлдори ректор даровaрда мешавад. Куратори гурӯҳ дар журнал вобаста ба тағйироти ҳайати гурӯҳ навиштаҳои зеринро ҷой медиҳад: «хориҷ шуд бо фармони №___ аз «__» ___ соли 200__ва «барқарор шуд бо фармони №___ аз «__» ___ соли 200__».

15)Куратори гурӯҳи таълимӣ мунтазам қайди саривақтии мавзӯъҳои дарсиро аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ назорат менамояд.

## 4.Вазифаи омӯзгор

16) Журнал аз ҷониби омӯзгор дар рӯзи гузаронидани дарс қайд карда мешавад. Таърихи рӯзи гузаронидани дарс танҳо бо рақамҳои арабӣ қайд шуда, таърихи рӯзи сабти мавзӯъ (дар қисми охир) бояд бо таърихи рӯзи ҳафтаи дарсӣ мувофиқат намояд, аз тарафи рост моҳ ва таърихи рӯз навишта мешавад.

17) Дар саҳифаҳои қисмати дуюми журнал омӯзгор номи мавзӯъ ва соати ба он ҷудошударо менависад. Дар мавриди гузаронидани дарсҳои ҷуфткардашуда мавзӯи дарсӣ такроран навишта мешавад. Миқдори соатҳо доир ба ҳар як мавзӯъ бояд ба нақша ва барномаи фаннӣ мувофиқат кунад.

18)Кашидани хате, ки такрорро ифода мекунад, қобили қабул нест. Дар сурати мавзӯи «Такрор», «Ҳалли масъала» ва ғайра мавзӯи ба он дахдор бояд аниқ дарҷ карда мешавад.

19)Омӯзгор вазифадор аст, ки мунтазам иштироки донишҷӯёнро ба дарс назорат намуда, дар паҳлӯи ному насаби донишҷӯи ғоиббуда дар хоначаи мувофиқ ҳарфи «н» (нест, наомад) гузорад. Рӯзҳои иду ҷашнҳо, ки истироҳатӣ эълон шудаанд, дар журнал ҳамчун «Рӯзҳои ид» тариқи сабти пурраи номи ҷашн ё чорабинӣ бе нишондоди соати дарсӣ бо имзогузории омӯзгор қайд карда мешавад. Бо назардошти иҷрои ҳатмии барномаҳои таълимӣ соатҳои дарсии дар ин рӯз пешбинишуда, ҳатман дар доираи соатҳои захиравӣ ё ташкил намудан дарсҳои иловагӣ иҷро карда мешавад.

20)Дар сурати ивазшавии дарсҳо ҳатман таърихи рӯз, мавзӯъ, истилоҳи «ивазкунӣ» дарҷ шуда, имзо гузошта мешавад.

21) Охири соли таҳсил дар варақаи фаннӣ баъд аз қайди дарси охирон иҷрои соатҳои ҷудошудаи барномаи таълимӣ (лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, озмоишӣ, назоратӣ ва мустақилона) сабт карда мешавад. Чунончӣ: «Тибқи барнома - 62 соат, гузаронида шуд - 62 соат, барнома пурра иҷро карда шуд».

22) Сардори гурӯҳи таълимӣ вазифадор аст, ки пеш аз оғози дарс аз деканат журналро гирифта, саривақт (баъди анҷоми ҷуфти охирон) онро пас гардонад.

23)Дар вақти дарс баромадани сардори гурӯҳ бо мақсади овардани журнал иҷозат дода намешавад.

25)Нигоҳ доштани журнали гурӯҳ дар кабинетҳои фаннӣ ва кафедраҳо манъ аст.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамал**
**оид ба иҷрои корҳои контролӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

1.Муқаррароти умумӣ

1)Кори контролӣ яке аз намудҳои асосии аттестатсияи фосилавии донишҷӯён дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Кори контролӣ марҳилаи аввалини фаъолияти мустақилонаю эҷодкоронаи донишҷӯён маҳсуб

ёфта, аз онҳо дониши мукаммали назариявию амалиро, ки дар раванди таҳсил ба даст овардаанд, тақозо мекунад.

2)Таълифи кори контролӣ дар таҳсили донишҷӯёни шакли таҳсилоти ғоибона барои беҳтар аз худ кардани бахшҳо ва мавзӯъҳои муҳими ин ё он фан ёрӣ расонда, дониши ӯро мустаҳкам мекунад. Ҳангоми иҷрои кори контролӣ донишҷӯ таҳлили мустақилона ва хулосабарориҳоро омӯхта, дар баёни бонизоми андеша малакаи зарурӣ ҳосил менамояд.

3)Пеш аз таълифи кори контролӣ донишҷӯ бояд маъхази ба мавзӯъ алоқамандро хуб омӯхта, дар бораи он тасаввуроти равшан ҳосил намояд. Омили муҳим дар вақти иҷрои кори контролӣ омӯзиши адабиёте мебошад, ки доир ба мавзӯъ тавсия шудааст. Кори контролӣ ба таври мустақилона омода гардида, дар ҷараёни иҷрои он донишҷӯ бояд мустақилона рафтор намояд. Донишҷӯ ҳангоми иҷрои кори контролӣ илова ба китоби дарсӣ ӯҳдадор аст, ки аз китобҳои илмии иловагӣ истифода барад. Ҳамзамон, ғайр аз адабиёти доир ба мавзӯъ тавсияшуда истифодаи рисолаҳо, васоити таълимӣ, шабакаи интернет, мақолаҳои маҷмӯаву маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо, ки ба мавзӯи кори контролӣ алоқаманд мебошанд, ба мақсад мувофиқ аст.

4)Дар кори контролӣ бояд мавзӯъ мушаххас, фикр пай дар пай ва муҳокимаронӣ ба таври мустақилона баён мегардад. Кори контролӣ дар асоси нақшаи муайян навишта мешавад.

5)Нақшаи мавзӯъ дар асоси ба назар гирифтани ҷанбаҳои асосии он тартиб дода мешавад. Дар ҳаҷми 10-12 саҳифа навиштани кори контролӣ ба мақсад мувофиқ аст. Омӯзгор ҳангоми тафтиш ва баҳогузории кори контролӣ бояд ба мазмуни кор, таҳлил ва муҳокимаронии мустақилона, ҳалли дурусти мавзӯъ ва дараҷаи саводнокии донишҷӯ эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд.

6)Дар асоси корҳои контролӣ донишҷӯ ба имтиҳонҳо роҳ дода мешавад. Бинобар ин, кори контролӣ бояд дар мӯҳлати муқарраргардида омода ва ҳимоя карда шавад. Ба ҳар кори контролӣ омӯзгори тафтишкунанда тақриз менависад. Ҳангоми тафтиши кори контролӣ ба он баҳои "қаноатбахш" ё "ғайриқаноатбахш" гузошта мешавад.

## 2. Тартиби иҷрои корҳои контролӣ

7) Иҷрои кори контролӣ яке аз шаклҳои муҳими кори мустақилонаи донишҷӯён зимни омӯзиши фанни тадрисшаванда мебошад. Ин ба донишҷӯён малакаи омӯзиши мустақилонаи адабиёти иловагиро дода, дуруст баён кардани фикри худ, таҳлил кардани масъалаҳои душвори назариявӣ ва бо ҳам пайвастани назария бо амалияро меомӯзонад.

8)Талаботи асосие, ки ҳангоми иҷрои кори контролӣ гузошта мешавад, пеш аз ҳама, ба таркиб, сохтор, ҳаҷм ва тарзи баёни мавзӯъ, инчунин ба шакли навиштани он марбут мебошад. Кори контролӣ бояд ягонагии дохилӣ дошта, дар он ҳамаи масъалаҳои бозгӯшаванда бо ҳам алоқаманд, мантиқан пайдарпай баён мешаванд.

9)Аз рӯи таркиб кори контролӣ сатҳи бештар баланди ёддошт-конспект мебошад, ки дар он масъалаҳои таҳқиқшаванда инъикос меёбанд, таърифҳои гуногуни мафҳум ва категорияҳои ҷудогона оварда мешаванд, далелу рақамҳо таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд.

10)Кори контролӣ бояд дар шакли дастнавис ва бо хати хоно навишта шавад. Дар ҳар саҳифа гузоштани ҳошия барои қайди омӯзгор ва барои тафтишу тақриз зарур аст. Танҳо баъд аз гирифтани тақризи мусбат донишҷӯ барои супоридани санҷишу имтиҳон аз фанни тадрисшаванда ҳуқуқ пайдо менамояд.

11)Кори контролӣ бояд дар шакли дуруст ба расмият даровარда шавад. Дар вароқи аввал нишон додани номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет, мавзӯъ, гурӯҳ, ному насаб шарт аст. Дар вароқи дигар сарлавҳа ва матни кор оварда мешавад. Саҳифаҳо бояд бо рақам ишора шаванд. Ҳангоми овардани иқтибосҳо зарур аст, ки онҳо айнан, бехато ва аз ду тараф дар нохунак гирифта шуда, дар поварақ сарчашмаеро, ки аз он иқтибос гирифта шудааст (бо зикри номи муаллиф, номи асар, ҷой ва соли нашр, саҳифа ва ё бо тариқи рақамгузорӣ), нишон дода шаванд. Дар охири кор рӯйхати адабиёти истифодашударо ҷой дода мешавад.

12) Ҳангоми иҷрои кори контролӣ риояи пайдарпайи марҳалаҳои зерин хеле муҳим аст:

**Интихоби мавзӯъ.** Номгӯи корҳои контролӣ аз ҷониби омӯзгорони кафедра тартиб дода шуда, дар ҷаласаи Шӯрои методии факултет тасдиқ мегардад. Мавзӯи корҳои контролӣ аз ҷониби донишҷӯ озодона интихоб карда мешавад.

**Ошноии пешакӣ бо адабиёти мавзӯи кори контролӣ ва таҳияи нақшаи он.** Ғайр аз адабиёти асосӣ ва иловагии тавсияшуда, ки дар ин дастур омадааст, донишҷӯ метавонад аз дигар сарчашмаҳо оид ба мавзӯи интихобшуда истифода намояд. Баъд аз ошноии пешакӣ бо адабиёти зарурӣ донишҷӯ бояд нақшаи корро таҳия намуда, онро бо омӯзгор мувофиқа намояд. Нақшаи кор аз сарсухан, қисмати асосии кор ва хулоса иборат аст. Замима дар ҳолате оварда мешавад, ки дар кори контролӣ маводи зиёди оморӣ дар шакли ҷадвалу расмҳо ва дигар намуд тасвирҳои шарҳдиҳандаи андозаашон калон истифода шуда бошанд. Маводи оморӣ бояд дар қисмати асосии кор ҷо карда шавад. Дар қисмати асосии кори контролӣ дохил намудани 4-5 саволи муҳими мавзӯъ тавсия мешавад.

**Иҷро ва барасмиятдарории кори контролӣ.** Маводи коркард ва хулосабароришуда ҳатман дар шакли дастнавис иншо мешавад. Ҳангоми иншои кор риояи талаботи баёни илмӣ муҳим аст, ки аз низоми иқтибосҳо, таҳияи ҷадвалҳо, нақшаҳо, расмҳо, дуруст ишора кардани адабиёти истифодашуда ва ғайра иборатанд. Риояи талаботи баёни илмӣ дар пояи стандартҳо сурат мегирад. Ҳамаи он таърифи мафҳумҳо, дастурҳо, маълумот, рақаму далелҳо ва ғайра, ки аз дигар муаллифон иқтибос шудаанд, мебояд чун сарчашма дар поварақ оварда шаванд.

13)Кори контролӣ дар маҷмӯъ бояд дар намуди варақаи унвон бо ишора кардани вазорат, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет,

кафедра, номи мавзӯъ, ному насаби донишҷӯ ва омӯзгори роҳбар, инчунин нақшаи кор ба шакл даровардa шавад.

## 3.Қоидаҳои тақризнависӣ, шароити нигоҳдорӣ ва тартиби соқитсозии корҳои контролӣ

14) Қабули корҳои контролии донишҷӯён барои тафтиш ва тақризнависӣ ба тартиби зайл ба роҳ монда мешавад:

Қабл аз оғози соли таҳсил мудири кафедра номгӯи мавзӯъҳои корҳои контролиро барои тасдиқ ба Шӯрои методии факултет ва ё комиссияи методии кафедраи умумидонишгоҳӣ пешниҳод менамояд. Номгӯи мавзӯъҳои корҳои контролӣ пас аз тасдиқи Шӯрои методӣ ва ё комиссияи методии кафедра ба садорати факултет баргардонида мешаванд.

Донишҷӯён номгӯи мавзӯъҳои корҳои контролиро бо рӯйхати адабиёти тавсияшуда аз садорати факултет гирифта, онро дар мӯҳлати муқарраршуда таҳияю таълиф ва ба корманди (методисти) шӯъбаи ғоибонаи факултет пешниҳод менамоянд.

Методисти шӯъбаи ғоибонаи факултет корҳои контролии манзуршударо дар дафтари махсус ба қайд гирифта, барои тақриз ва баҳогузорӣ ба кафедраи мувофиқ ирсол менамояд. Кафедра вазифадор аст, ки дар муддати на бештар аз 10 рӯзи оянда ба кори контролӣ тақриз нависад.

15)Дар тақриз ба кори контролӣ ба ин нуктаҳо бояд ишора кард:

- мувофиқати мазмуни он ба мавзӯи пешниҳодшуда;
- дараҷаи бозгӯии паҳлӯҳои назариявӣ ва ё фароҳамсозии донишу малакаҳои амалии зарурӣ;
- камбудиҳои кори контролӣ ва тавсияҳо баҳри бартараф кардани онҳо;
- баҳодиҳии натиҷаҳои тақризнависӣ аз рӯи тартиби «ноком» ва «комёб».

16)Мудири кафедра баъд аз санҷиши омӯзгори вобасташуда баҳои корҳои контролиро дар варақаи санҷишӣ-имтиҳонӣ дарҷ намуда, онро бо корҳои контролие, ки баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаад, дар якҷоягӣ ба тақризи навишташуда ба садорати факултет ирсол менамояд;

17)Маводи кори контролӣ, ки баъди ислоҳ такроран барои тақризнависӣ пешниҳод гардида, «ноком» дониста шудааст, метавонад аз ҷониби декани факултет ба тариқи истисно барои ҳимоя иҷозат (роҳхат) дода шавад.

18)Корҳои контролие, ки ноком дониста шудаанд, ба донишҷӯ тариқи методисти шӯъбаи ғоибона баргардонда мешаванд. Корҳои контролие, ки комёб дониста шудаанд, ба мудири кафедра (то лаҳзаи аз эътибор соқит намудан) супорида мешаванд.

19)Аз эътибор соқит намудани корҳои контролӣ дар давоми ду ҳафтаи баъди анҷоми сессияи навбатӣ аз ҷониби комиссияи махсус дар ҳайати декан (ҷонишини декан)-и факултет, методисти шӯъбаи ғоибона ва мудири кафедрае, ки дар он ба кори контролӣ тақриз навиштаанд,

сурат мегирад. Далели аз эътибор соқит намудани кори контролӣ бо санад тасдиқ гардида, як нусхаи он дар садорати факултет ва нусхаи дигараш дар кафедра нигоҳ дошта мешавад. Санад, дар навбати худ, аз ҷониби ноиби ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

20)Натиҷаҳои тақризнависии корҳои контролӣ аз ҷониби методисти шӯъбаи ғоибона дар журнали қайди фаъолияти таълимии донишҷӯён, дар кафедра бошад дар варақаи (ведомости) иҷрои корҳои контролии донишҷӯёни гурӯҳи таълимӣ дарҷ карда мешаванд.

21)Баҳои иҷрои кори контролӣ дар дафтарчаи имтиҳонотии донишҷӯ гузошта намешавад.

22)Ба донишҷӯёне, ки ҷадвали пешниҳоди корҳои контроли семестри таълимиро иҷро накардаанд, даъвати муздноĸ ба сессияи навбатӣ дода намешавад.

23)Мавзӯъҳои корҳои контролӣ ҳар соли таҳсил аз ҷониби Шӯрои методии факултет ва ё комиссияи кафедраҳои умумидонишгоҳӣ тасдиқ мегарданд. Мавзӯъҳои корҳои контролӣ бояд такрор наёбанд.

24)Корҳои контролӣ дар кафедра дар мӯҳлати ду сол нигоҳ дошта шуда, баъд аз ин бо таҳияи санад аз эътибор соқит карда мешаванд.

## 4.Сохту таркиби кори контролӣ

25)Донишҷӯ пас аз интихоби мавзӯъ ва шиносоӣ бо сарчашмаҳои зарурии тадқиқотӣ баҳри амалӣ гардонидани мақсаду мароми асосӣ ба омӯзишу тадқиқи масъалаи асосӣ шурӯъ менамояд, ки дар асоси нақшаи кори тасдиқшуда сурат мегирад.

26)Кори контролӣ аз сарсухан оид ба мубрамияти мавзӯъ, қисмати асосии кор (иншои саволҳо мувофиқи нақша), хулосаи мухтасар оид ба қисмати асосии кор, номгӯи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

27)Нақшаи кор бояд масъалаҳои баррасишаванда ва хулосаю китобномаро тибқи намуна фаро гирифта, дар он теъдоди саҳифаҳо нишон дода шаванд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1) Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии хусусӣ аз тарафи муассисон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

2) Тартиби ба вазифа таъйин кардан ва аз вазифа озод намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиби қабули қарор аз тарафи онҳо ва намояндагӣ намудан аз номи муассисаро

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии дахлдор муайян мекунад.

3) Ба вазифаи ректор шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илмро соҳиб бошад.

4) Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

5) Ректор барои татбиқи барномаҳои таълимӣ дар мутобиқат бо нақшаи таълимӣ ва ҷадвали ҷараёни таълимӣ, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодоии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён бо муқаррароте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгар мебошад.

6) Ректор дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

7) Ректор раиси Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

## 2. Ӯҳдадориҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

8) Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ӯҳдадор аст:

Бевосита корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмию методӣ, илмӣ, инчунин тайёркунӣ ва баландбардории тахассуси кадрҳои илмию педагогиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбарӣ намояд.

Фаъолияти Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбиро тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда ба роҳ монда, роҳбарии онро ба ӯҳда гирад.

Ба Шӯрои олимон номзадии муовинони ректорро пешниҳод намояд.

Тибқи тартиботи муқарраргашта ҳайъати профессорону омӯзгорон ва кормандон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

Музди маоши вазифавии ҳайъати профессорону омӯзгорон ва кормандонро муқаррар намояд.

Қоидаҳои тартиботи дохила ва зист дар хобгоҳ, низомномаҳо оид ба фаъолияти факултетҳо, кафедраҳо, дигар сохторҳои ёрирасони таълимӣ, таълимию илмӣ ва илмӣ, бо стипендия таъмин намудани донишҷӯён, аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён, карори комиссияи қабул ва факултетҳо дар хусуси кабул ва хориҷ намудани донишҷӯён ва

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбиро тасдиқ кунад.

Доир ба ҳифзи меҳнат ва мустаҳкам намудани интизоми меҳнат, риояи қоидаҳои реҷаи санитарию гигиенӣ, ҳавасманд кардани ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон тадбирҳо андешад.

Тавассути идораҳои марбута нақшаҳои дурнамои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сохторҳои тобеи худро тарҳрезӣ карда, иҷрои онро назорат кунад ва ба мақомоти болоӣ ҳисобот диҳад.

Фаъолияти тамоми шӯъба, идора, раёсат ва дигар сохторҳои тобеи худро назорат ва роҳбарӣ намояд.

Чорабиниҳо, хизматрасонии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёнро ташкил намояд.

Барои мустаҳкам намудани пояи моддию техникӣ ва баланд бардоштани музди меҳнати профессорону омӯзгорон ва кормандон тадбирҳо андешад.

Дар бобати муҳайё намудани фазои ахлоқию психологӣ дар байни кормандон тадбирҳо андешида, ба кори сиёсию тарбиявӣ, таҳияи нақшаҳои солона ва дурнамои инкишофёбанда роҳбарӣ намояд;

Маслиҳатҳои кадриро ҳал намуда, дар бобати пурра намудани воҳидҳои корӣ тадбирҳо меандешад ва ӯҳдадориҳои вазифавиро дар байни муовинони ректор, роҳбарони шӯъба, идора, раёсат ва дигар сохторҳои тобеи худ тақсим намояд.

Муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар назди мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бевосита муаррифӣ менамояд ва дар асос қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар гуна созишномаҳо бандад.

Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии педагогӣ, илмӣ ва методии кормандон, ташкили конфренсияҳо, семинарҳои илмӣ ва ғайра тадбирҳо андешад.

**3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

9) Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дорад, ки:

Аз роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди заруриро дархост намояд.

Ба роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармон диҳад.

Нисбат ба кормандоне, ки ӯҳдадориҳои вазифавии худро ба иҷро нарасондаанд ё ба тариқи зарурӣ татбиқ накардаанд, чораҳои муҷозотӣ андешад.

Дар хусуси ҳавасмандкунии профессорону омӯзгорон ва кормандон қарор қабул кунад.

Фармонҳо (амр, қарорҳо)-и муовинони худ, деканҳои факултетҳо ва дигар роҳбаронро, ки дар қисматҳои сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд, бекор кунад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва профессорию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ректор, муовинони ректор, декан, муовинони деканҳо, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, ассистент ва коргузор)**

## Дастурамали вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои таълим

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои таълим бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2) Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои таълим шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илмро соҳиб бошад.

3) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои таълим дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4) Муовини ректор оид ба корҳои таълим аъзои Шӯрои олимон ва раиси Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

5) Муовини ректор оид ба корҳои таълим санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷӣ масъалаҳои ташкили ҷараёни таълимию тарбиявӣ, методика доир ба такмили корҳои таълим, технологияҳои пешқадами таълимӣ, қонунгузориҳо доир ба меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро бояд донад.

6) Муовини ректор оид ба корҳои таълим барои иҷро накардани вазифаҳое, ки дар ӯҳдааш мебошад, татбиқи барномаҳои таълимӣ, ҷадвали ҷараёни таълим, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён бо муқаррароте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгар мебошад.

7) Муовини ректор оид ба корҳои таълим дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8) Ҳангоми набудани ректор вазифаҳои ӯро бо тартиби муқарраршуда, ба иҷро мерасонад.

## 2. Ӯҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои таълим

9)Муовини ректор оид ба корҳои таълим ӯҳдадор аст:

Корҳои таълимию методии муассисаи таҳсилоти олии касбиро ташкил кунад.

Фаъолияти шӯъбаҳои таълимию методӣ, ахборию таҳлилӣ, воситаҳои техникии таълим, тайёрӣ, қисматҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин майдончаи таълими ҳарбӣ, озмоишхонаҳои таълимӣ назорат намояд.

Фаъолияти мӯътадили тамоми самтҳои ҷараёни таълимро таъмин намуда, фаъолияти ба нақша гирифтаи ҷорӣ ва ояндаи ҳайати профессорону омӯзгоронро ташкил ва назорат намояд.

Фаъолияти факултет ва кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбиро ташкил ва назорат намояд.

Сифати ҷараёни таълиму тарбия ва баҳои объективонаи натиҷаҳои донишандӯзии донишҷӯёнро назорат намояд.

Сарбории ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуёнро назорат намуда, онро ба танзим дарорад.

Корро доир ба омода намудан ва гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ва ҳимояи лоиҳаҳои дипломӣ ташкил кунад.

Тадбирҳоро доир ба истифодаҳо ва татбиқ намудани технологияҳои пешқадами маълумот дар ҷараёни таълим таҳия ва ба нақша гирад.

Баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ ва маҳорати касбии ҳайати профессорону омӯзгоронро ташкил намояд.

Дар бобати такмил додани ҷараёни таълим пешниҳодҳо намояд.

Дар омода намудан ва гузаронидани аттестатсияи кормандони педагогӣ ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саҳм гирад.

Доир ба истифодаи самарабахши пойгоҳи моддию техникӣ корро ташкил намуда, таҷдидсозӣ ва пуррагардонии мунтазами онро таъмин намояд.

Риояи Қоидаҳои тартиботи меҳнати дохилӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии сӯхторро назорат менамояд.

Сифати машғулиятҳо ва таҷрибаомӯзии истеҳсолиро назорат менамояд.

Ҷиҳати таълифи китобҳои дарсӣ, илмӣ-методӣ ва ғайра нақша таҳия месозад.

Конференсияҳои таълимию методӣ ва илмию методӣ доир ба масъалаҳои мухталифи марбути муассисаи таълимӣ ташкил менамояд.

Оид ба иҷрои амру фармонҳо ва нишондодҳои ташкилотҳои болоӣ, қарорҳои Шӯрои олимон ва ректорат, ки марбути масъалаҳои таълимию методӣ мебошанд, санҷиш мегузаронад.

Масъалаҳои интиқолу барқарор, хориҷ, пешниҳод барои гирифтани стипендияро дар якҷоягӣ бо деканҳои факултет баррасӣ мекунад.

Ба ҷараёни таълимӣ ворид намудани предметҳои наве, ки бобати тайёр намудани кадрҳое, ки иқтисоди бозоргонӣ ба онҳо ниёз дорад ва бо ин роҳ суръатбахшидан ба ҷараёни гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ;

**3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои таълим**

10) Муовини ректор оид ба корҳои таълим ҳуқуқ дорад, ки:

Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баромад ва онро муаррифӣ кунад.

Оид ба беҳтар намудани сифати таълим ба ректор таклифҳо пешниҳод намояд.

Аз роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди заруриро дархост намояд.

Ба роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармон диҳад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои тарбия**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Кори тарбиявӣ бо донишҷӯён, ки онро муовини ректор оид ба корҳои тарбия сарварӣ менамояд, аз роҳбарии бевосита ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад. Қисмат ва ташкилотҳои мазкур дар соҳаи ташкили корҳои берун аз таълимӣ, ҳимояи иҷтимоӣ ва назорати муҳити донишҷӯён фаъолият менамоянд.

2) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои тарбия бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа

бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3) Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои тарбия шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илмро соҳиб бошад.

4) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои тарбия дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

5) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия аъзои Шӯрои олимон мебошад.

6) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои ташкили ҷараёни тарбиявӣ, қонунгузориҳо доир ба меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро бояд донад.

7) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия барои иҷро накардани вазифаҳое, ки дар ӯҳдааш мебошад, ҷавобгар мебошад.

8) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 2. Ӯҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбия

10) Муовини ректор оид ба корҳои тарбия ӯҳдадор аст:

Роҳҳо ва воситаҳои татбиқи вазифаҳои тарбиявиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

Ба ташаккул ёфтани ақоиди ҷамъиятӣ мусоидат карда, самтҳои афзалиятноки корҳо, ҷойи фароғатии ҷавононро дар низоми таълим ва тарбияи мутахассисон муайян менамояд.

Барои муҳайё намудани шароити хуби тарбиявӣ, маънавию ахлоқӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва моддии фароғату истироҳати донишҷӯён мусоидат мекунад.

Омӯзиши мутаассили манфиати донишҷӯёнро татбиқ карда, ба нақша гирифтани онҳоро дар мавриди ба барнома даровардани корҳои тарбиявӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқи мақсад будани фаъолиятро доир ба ташаккули талаботи фарҳангии донишҷӯён татбиқ менамояд.

Кори Шӯрои кураторонро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ менамояд.

Ба кори кафедраҳои ҷамъиятӣ доир ба корҳои фарҳангию тарбиявии донишҷӯён роҳбарӣ намуда, онҳоро ҳамоҳанг месозад.

Ба кори муовинони деканҳо доир ба корҳои тарбия, кураторон роҳбарӣ намуда, дар хобгоҳҳо раванди тарбияро назорат мебарад.

Дар якҷоягӣ бо қисмати маъмуриву хоҷагидорӣ дар хобгоҳ ва қисматҳои махсуси ҷудогонаи муассисаи таълимӣ (дармонгоҳ, осоишгоҳ ва ғ.) ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоиву маишӣ, истироҳату табобати донишҷӯён тадбирҳо меандешад.

Бо хадамоти иҷтимоиву коммуналии шаҳр ва дигар корхонаҳои хурду муштарак, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳо робитаҳои корӣ барқарор менамояд.

Ба донишҷӯёни ятим, маъюб ва бепарастормонда сарпарастӣ ва расондани кӯмакро ба ӯҳда мегирад.

Ба кормандони фарҳанг ва санъат, ташкилкунандагони намоишҳои шавқовар робита барқарор менамояд.

Худидоракунии донишҷӯёнро инкишоф дода, бо Шӯрои донишҷӯёну аспирантон ва дигар иттиҳодияҳои донишҷӯӣ ҳамкорӣ менамояд ва дар якҷоягӣ бо иттифоқи касабаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаҳои иҷтимоии донишҷӯён ва аспирантонро ҳал менамояд.

### 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид корҳои тарбия

11) Муовини ректор оид корҳои тарбия ҳуқуқ дорад, ки:

Кори тамоми қисматҳо доир ба ташкили корҳои фарҳангию тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбиро назорат кунад

Аз болои фаъолияти тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат барад.

Аз раёсат, идора, шӯъба ва сохторҳои тобеи худ маълумот талаб намояд.

Доир ба мукаммал гардонидани шакл, методҳои фаъолияти тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои тобеи он таклифҳо пешниҳод кунад.

Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон, кумитаи падару модарон ва Шӯрои занонро ҳамоҳанг сохта, самарбахшии фаъолияти онҳоро дар вусъати корҳои тарбиявӣ таъмин намояд.

Фаъолияти тарбиявӣ, мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар зери назорат қарор диҳад.

Чорабиниҳои идонаро бахшида ба санаҳои муҳими таърихии ҷумҳурӣ тибқи қонунгузории амалкунанда гузаронад.

Дар доираи ваколатҳои худ дастуру супоришҳо диҳад.

Бо қарори мушоварали Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Вай дар назди ректор масъули амалӣ сохтани робитаҳои байналмилалӣ ва ба танзим даровардани раванди таълиму тарбияи шаҳрвандони хориҷии дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил кунанда мебошад.

2) Ба вазифаи муовини ректор оид ба робитаҳоли байналмилалӣ шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илмро соҳиб буда, як ва ё якчанд забонҳои хориҷиро донад.

3) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ аъзои Шӯрои олимон мебошад.

5) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷӣ масъалаҳои ташкили ҷараёни таълимию тарбиявӣ, қонунгузориҳо доир ба меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро бояд донад.

6) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ барои иҷро накардани вазифаҳое, ки дар ӯҳдааш мебошад, ҷавобгар аст.

7) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

**2. Ӯҳдадориҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ**

9) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ӯҳдадор аст:

Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии муассисаи таълимиро ба танзим медарорад.

Лоиҳаҳои созишномаҳои ҳамкории муассисаи таълимиро бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ месозад.

Барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаи таълимӣ дар хориҷи кишвар тадбирҳо меандешад.

Кори деканат, шӯъбаи робитаҳои байналмилалӣ ва омӯзгорони масъули кор бо донишҷӯёни хориҷро назорат мекунад..

Қабул, таълим, тарбия ва хатми донишҷӯёни хориҷиро ташкил ва назорат менамояд.

Иҷрои шартнома оид ба таҳсил миёни муассисаи таълимӣ ва шаҳрвандони хориҷиро назорат менаоряд.

Дар ташкилотҳои гуногун оид ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва корҳои таълиму тарбияи донишҷуёни хориҷӣ муассисаи таълимиро намояндагӣ мекунад.

Иштироки ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷуёнро дар дар барномаҳои конкурсӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳои ташкилотҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

Барои пайдо намудани грантҳо چораҳо меандешад.

Дар масъалаҳои ба миёномада ба донишҷӯёни хориҷӣ кӯмак менамояд.

### 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

10) Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад, ки:

Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар баромад ва онро муаррифӣ кунад.

Оид ба беҳтар намудани таълиму тарбия ва сифати таълими донишҷӯёни хориҷӣ ба ректор таклифҳо пешниҳод намояд.

Аз роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди заруриро дархост намояд.

Ба роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармон диҳад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда ба муассисаҳои таълимию ташкилотҳои хориҷӣ созишномаҳо бандад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои илмӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Вай дар назди ректор масъули амалӣ сохтани нақшаҳои илмӣ мебошад.

2) Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои илмӣ шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи корӣ на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илмро соҳиб бошад.

4) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

5) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ аъзои Шӯрои олимон мебошад.

6) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷӣ масъалаҳои ташкили ҷараёни таълимию тарбиявӣ, қонунгузориҳо доир ба меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро бояд донад.

7) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ барои иҷро накардани вазифаҳое, ки дар ӯҳдааш мебошад, ҷавобгар аст.

8) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 2. Ӯҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои илмӣ

10) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ ӯҳдадор аст, ки:

Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии муассисаи таълимиро ба танзим медарорад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба роҳ монда, онро назорат мекунад.

Фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсози илмиро назорат мекунад.

Фаъолияти марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, шӯъбаи илм ва шӯъбаи табъу нашри муассисаи таҳсилоти олии касбиро сарварӣ менамояд.

Фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ, Шӯрои олимони ҷавон ва Ҷамъияти илмии донишҷӯёнро назорат менамояд.

Барои тайёр намудани докторантҳо, аспирантҳо, такмили тахассусии кадрҳои педагогӣ тадбирҳои амалӣ меандешад.

Ташкил ва гузаронидани озмунҳоро барои ишғол намудани вазифаҳои ҳайати омӯзгорон-дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон ба роҳ мемонад.

Барои дар истеҳсолот татбиқ намудани дастовардҳои илмии омӯзгорон тадбирҳо меандешад.

Фаъолияти китобхонаҳои муассисаи таълимиро назорат карда, барои мустаҳкам намуднаи фонди захиравии онҳо чораҳо меандешад.

Барои мустаҳкам намудани ҳамкориҳои илмӣ бо муассисаҳои таълимии дохиливу хориҷӣ талош меварзад.

Конференсия, семинар ва симпозиумҳои илмӣ ташкил менамояд.

Риояи қоида ва талаботи техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва қонунгузории меҳнатро ҳангоми гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавиро таъмин менамояд.

### 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои илмӣ

11) Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ ҳуқуқ дорад, ки:

Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар доир ба соҳаи илм баромад ва онро муаррифӣ кунад.

Аз роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди заруририро дархост намояд.

Ба роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармон диҳад.

Тамоми масъалаҳои марбути соҳаи илмбударо ҳаллу фасл намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

## Дастурамали вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Вай дар назди ректор масъули амалӣ сохтани корҳои марбути соҳаи иқтисод, маъмурию хоҷагӣ ва молия мебошад.

2) Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ шахсе интихоб карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кори на камтар аз 5-солаи дар ин соҳа фаъолиятдошта ё вазифаҳои роҳбарикунандаро соҳиб бошад.

3) Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, комёбиҳои ватанию хориҷӣ масъалаҳои ташкили ҷараёни таълимию тарбиявӣ, қонунгузориҳо доир ба меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро бояд донад.

5) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ барои иҷро накардани вазифаҳое, ки дар ӯҳдааш мебошад, ҷавобгар аст.

6) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар мавриди ба тариқи зарурӣ иҷро накардани ё ба сомон нарасонидани ӯҳдадориҳои вазифавии худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳангоми дар ҷараёни фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, расонидани зиён ва дигар амалҳое, ки дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашудааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

7) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

### 3. Ӯҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ

8) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ ӯҳдадор аст, ки:

Таъминоти моддию техникии раванди таълиму тарбия ва корҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин таъминоти моддию техникии муассисаи таълимиро назорат менамояд.

Хадамоти хоҷагӣ, фарҳангию маишӣ, таъмини беҳдошти ҳолати санитарию гигиениии синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, базаҳои таълимӣ, варзишӣ, хобгоҳҳо, ошхонаҳҳо ва ғайраҳоро сарварӣ менамояд.

Тамоми сохторҳои тобеи муассисаи таълимиро бо таҷҳизот таъмин мекунад.

Нақшаи хариди молу амволи муассисаи таълимиро таҳия сохта, вобаста ба масъалаҳои иқтисодию молиявӣ шартномаҳо мебандад.

Молу амволи муассисаи таълимиро назорат намуда, истифодаи дурусти онҳоро ба танзим медарорад ва ҳуҷҷатгузориро вобаста ба харҷи сарватҳои моддӣ таҳия месозад.

Кори муҳосиботи муассисаи таълимиро назорат менамояд.

Барои такмил додани шаклҳои бехатарии меҳнат ба кормандони техникии муассисаи таълимӣ курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил менамояд.

Масъалаҳои марбути таҳсили шартномавиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат мекунад.

Барои мустаҳкам намудани пояи моддию техникӣ, пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳо меандешад.

### 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ

9) Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ ҳуқуқ дорад, ки:

18) Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир масъалаҳои маъмурию хоҷагӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ баромад ва онро муаррифӣ кунад.

19) Аз роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди зарурииро дархост намояд.

20) Ба роҳбарони тамоми шӯъба, идора, раёсат, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармон диҳад.

21) Тамоми масъалаҳои марбути соҳаи маъмурию хоҷагӣ, иқтисодӣ ва молиявибударо ҳаллу фасл намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

## Дастурамали вазифавии декани факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1)Роҳбарии факултетро декан ба ӯҳда дорад. Декани факултетро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

Ба вазифаи декани факултет номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

2) Декани факултет дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ноибони он, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3) Декани факултет оид ба фаъолияташ дар назди ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад.

## 2. Ӯҳдадориҳои декани факултет

4) Декани факултет ӯҳдадаор аст, ки:

Фаъолияти Шӯрои олимони факултетро тибқи Низомномаи Шӯрои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, роҳбарии онро ба ӯҳда мегирад.

Бевосита корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмию методӣ, илмӣ, инчунин тайёркунӣ ва баландбардории тахассуси кадрҳои илмию педагогиро дар факултет роҳбарӣ менамояд.

Иҷрои нақшаҳои таълимии амалкунанда, барномаҳо ва таъмини низоми раванди таълим, баҳисобгирии муваффақиятҳо ва давомоти ҷории донишҷӯёнро назорат менамояд.

Ҷадвали дарсҳо ва санҷишу имтиҳонҳоро таҳия ва иҷрои онҳоро таъмин мекунад.

Иҷрои нақшаҳои инфиродӣ, барномаҳои корӣ, сарбориҳои таълимӣ ва таълимию методии ҳайати профессорону омӯзгорони факултетро назорат менамояд.

Сессияҳои санҷишию имтиҳониро ташкил намуда, натиҷаи онҳоро ҷамъбаст мекунад.

Аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ва ҳимояи рисолаҳои дипломию магистрӣ, раванди таҷрибаҳои омӯзгорӣ ва истеҳсолиро ташкил ва роҳбарӣ мекунад.

Ташкил ва назорат аз болои татбиқи шаклҳои нави таълим, истифодаи воситаҳои техникӣ дар раванди таълим дар факултет;

Аз болои фаъолияти комиссияи таълимию тарбиявӣ ва кураторони гурӯҳҳо назорат мебарад.

Интихоб ва тақсимоти ҳайати профессорону омӯзгорон дар байни кафедраҳои факултетро ба роҳ мемонад.

Сифати дарс ва мавҷуд будани лексияҳои устодон, дарсҳои амалию лабораторӣ, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимиро назорат менамояд.

Банақшагирӣ ва назорати нашри адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмиро ташкил менамояд.

Интихоб ва тайёркунии аспирантон, коромӯз-таҳқиқотчӣ ва унвонҷӯёнро назорат мекунад.

Ташкил ва назорати корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён, гузаронидани конкурси корҳои донишҷӯён ва олимони ҷавону мутахассисонро ба роҳ мемонад.

Тақсимоти ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавонро роҳбарӣ менамояд.

Фаъолияти кормандони таълимию ёридиҳанда ва техникии кафедраҳою деканати факултетро роҳбарӣ менамояд.

### 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои декани факултет

5) Декани факултет ҳуқуқ дорад, ки:

Масъалаи аз як курс ба курси дигар гузаронидани донишҷӯёнро ҳал намуда, донишҷӯёнро барои супоридани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ, ҳимояи рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ иҷозат диҳад.

Ба донишҷӯёни факултет мувофиқи санадҳои меъёрии мавҷуда стипендия таъин намояд;

Барои таъин намудани стипендияи хоса (номӣ) ба донишҷӯёни факултет, бо назардошти дархости ташкилотҳои ҷамъиятии факултет таклиф пешниҳод намояд;

Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил намояд.

Барои ба сафари хизматӣ доир ба масъалаҳои корҳои илмию методӣ, инчунин барои иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинарҳо, симпозиумҳо фиристодани ҳайати профессорону устодони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат диҳад.

Барои пешрафти корҳои илмию таҳқиқотӣ кормандони факултетро барои гирифтани мукофот пешниҳод кунад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини декани факултет оид ба корҳои таълим**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1) Роҳбарии корҳои таълимии факултетро муовини декан оид ба корҳои таълим ба ӯҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба корҳои таълимро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2) Ба вазифаи муовини декани факултет номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

3) Муовини декани факултет оид ба корҳои таълим дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4) Муовини декани факултет оид ба корҳои таълим роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5) Муовини декан оид ба корҳои таълим аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Ӯҳдадориҳои муовини декан оид ба корҳои таълим

6) Муовини декан оид ба корҳои таълим ӯҳдадор аст, ки:

Дар ҳалли масъалаҳои ба мукаммалкунии усулҳо ва шаклҳои корҳои таълимӣ вобастабуда, муайянкунии тамоюли касбию педагогии раванди таълим ширкат меварзад.

Фармонҳои аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултет додашударо ба диққати донишҷӯён расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

Мунтазам бо сардорони гурӯҳҳои таълимӣ барои муҳокимаи чорабиниҳои таълимӣ ва ташкилӣ ҷаласаҳо мегузаронад.

Иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро дар давоми давраи таҳсил назорат мекунад.

Муваффақиятҳои ҷории донишҷӯён ва ҷараёни бартарафсозии қарзҳои академикиро бо ҳайати профессорону омӯзгорон мунтазам муҳокима менамояд.

Якҷоя бо кафедраҳои факултет аз болои кори комиссияҳои таълимӣ роҳбарӣ мекунад.

Барои гузаронидани корҳои таълимӣ бо донишҷӯён ва ташкили созмони ҷавонон робитаи доимиро нигоҳ дошта, ба кори онҳо ёрӣ мерасонад.

Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба мактубу аризаҳои шаҳрвандон, ки ба масъалаҳои марбути факултет дахл доранд, шинос шуда, чораҳои қатъӣ меандешад.

Бо донишҷӯён вобаста ба масъалаҳои таълимӣ корҳои инфиродӣ мебарад.

Мунтазам гузаронидани баҳисобгирӣ, таҳлили давомот ва муваффақиятҳои ҷории донишҷӯёнро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯён ва мусобиқаҳои байни гурӯҳҳои таълимиро ташкил мекунад.

Аз тарафи устодон дуруст ва саривақт пуркунии варақаҳои санҷишию имтиҳонӣ ва дараҷаи муваффақиятҳои донишҷӯёни факултетро назорат мекунад.

Ба шӯъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомоту муваффақиятҳои донишҷӯёни факултет, инчунин таъмини онҳо бо стипендияи саривақтӣ маълумот медиҳад.

Дар факултет корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ташкил менамояд.

Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои таълимӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои таълим**

7) Муовини декан оид ба корҳои таълим ҳуқуқ дорад, ки:

Дар кори ҷаласаҳои машваратии деканҳои муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба таълим иштирок кунад.

Бо супориши декан дар машғулиятҳо ва қабули санҷишу имтиҳони донишҷӯёни факултет ширкат варзад.

Ҷаласаҳои машваратии гурӯҳӣ ва курсҳои фаъолони гурӯҳҳо ва курсҳоро доир ба корҳои таълимӣ гузаронад.

Бо ҳамроҳии аъзои комиссия оид ба стипендия рӯйхати номзадҳоро барои гирифтани стипендия ба декани факултет пешниҳод намояд.

Дар бораи аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён ба декани факултет таклифҳо пешниҳод намояд.

Донишҷӯёнеро, ки дар таҳсил муваффақият ба даст овардаанд, ба мукофотҳо пешниҳод намояд.

Оид ба ҷазои маъмурӣ ва барои хориҷкунии донишҷӯён тибқи талабот таклифҳо пешниҳод намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини декани факултет оид ба корҳои тарбия**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1) Роҳбарии корҳои тарбиявии факултетро муовини декан оид ба корҳои тарбия ба ӯҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба корҳои тарбияро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2) Ба вазифаи муовини декани факултет оид ба корҳои тарбия номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

3) Омӯзгорони бе дараҷа ва унвони илмӣ низ ба вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ таъин карда мешаванд.

4) Муовини декани факултет оид ба корҳои тарбия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

5) Муовини декани факултет оид ба корҳои тарбия роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6) Муовини декан оид ба корҳои таълим аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Ӯҳдадориҳои муовини декан оид ба корҳои тарбия

7) Муовини декан оид ба корҳои тарбия ӯҳдадор аст, ки:

Кори худро дар ҳамбастагии зич бо декан ва ташкилотҳои ҷамъиятии факултет, Шӯрои кураторон, раёсати худидоракунии донишҷӯён ва Шӯъбаи кор бо ҷавонон пеш мебарад.

Дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз нақшаҳои ягонаи муттаҳидаи дурнамои тарбияи ватандӯстии донишҷӯён, устодон ва кормандон, нақшаи кори тарбиявиро дар соли хониш мураттаб намояд ва барои тасдиқ ба Шӯрои олимони факултет пешниҳод намуда, назорат ва иҷрои онро таъмин мекунад.

Ба ташкилотҳои ҷавонон дар тайёркунии донишҷӯён баҳри робита бо истеҳсолот ёрии доимӣ мерасонад.

Назорат ва санҷиши иҷрои нақшаи корҳои ғоявӣ – тарбиявиро дар хобгоҳ таъмин намуда, ба Шӯрои факултетии кор дар хобгоҳ роҳбарӣ менамояд.

Фаъолияти ба тарбияи эстетикии донишҷӯён ва ҷамъиятҳои ихтиёрӣ вобастабударо дар факултет ба танзим меоварад.

Бо шӯъбаи кор бо ҷавонон барои ташкил кардани семестрҳои меҳнатӣ, шанбегиҳо, бригадаҳои таъмирӣ дар хобгоҳ ёрии амалӣ мерасонад.

Бо ёрии Шӯрои китобхона доир ба омӯхтани адабиёт ва таҷрибаи пешқадами дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳри мукаммалкунии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ мебарад.

Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои тарбиявӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои таълим

8) Муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет, деканат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо шунидани ҳисоботи ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон, мақомоти худидоракунии донишҷӯён, шахсони масъул баргузор мегарданд, ширкат варзида, оид ба баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ таклифу пешниҳодҳо намояд.

Дар кори факултет доир ба пурзӯр намудани тамоюли назариявии таълим ва тарбия доир ба мавзӯъҳои сиёсӣ, лексияҳо ва дарсҳои моҳияти тарбиявидошта фаъолона иштирок намояд.

Пешниҳодҳои кафедраҳоро доир ба мукаммалкунии тарбияи сиёсии донишҷӯён дар вақтҳои берун аз дарс дида бароянд, муҳокима кунад ва ба ҳаёт татбиқ намояд.

Донишҷӯёнеро, ки дар корҳои ҷамъиятӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод намоянд.

Бо ҳамроҳии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷаласаҳои илмӣ–методӣ, семинару конференсияҳои устодонро гузаронад, таҷрибаивазкунии байникафедравии устодон, мақомоти худидоракунии донишҷӯён, гурӯҳҳои донишҷӯёни факултетро доир ба масъалаҳои мукаммалкунии сифати тарбияи сиёсии донишҷӯён гузаронад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Роҳбарии корҳои илмии факултетро муовини декан оид ба корҳои илмӣ ба ӯҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба корҳои илмиро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2.Ба вазифаи муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

3.Муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномa, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4.Муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5.Муовини декан оид ба корҳои илмӣ аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

**2. Ӯҳдадориҳои муовини декан оид ба корҳои илмӣ**

6.Муовини декан оид ба корҳои илмӣ ӯҳдадор аст, ки:

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултетро ба нақша гирад ва иҷрои онҳоро назоратме намояд.

Доир ба корҳои илмии факултет нақшаҳо таҳия намояд ва ҳисоботу маълумотнома пешниҳод месозад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳоро бо самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг мекунад.

Робитаи факултетро бо муассисаҳои пешбари илмӣ ва хориҷи кишвар таъмин менамояд.

Дар ҳамкорӣ бо кафедраҳо ва қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим чораҳо меандешад.

Барои гузаронидани шӯроҳои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба ҷиҳатҳои мухталифи корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодон ва донишҷӯён мавод омода месозад.

Конференсияҳои илмиро дар факултет мегузаронад.

Байни устодон ва донишҷӯён озмунҳои гуногуни илмӣ ва олимпиадаҳо гузаронида, барои ташкил намудани чорабиниҳои илмии донишҷӯён маслиҳатҳои методӣ медиҳад.

Супурдани имтиҳони минимуми номзадии устодон, корҳои илмии аспирантон ва унвонҷӯёнро назорат намояд ва доир ба он ҳисобот ва маълумотнома пешниҳод месозад.

Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи  муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои илмӣ**

7) Муовини декан оид ба корҳои илмӣ ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои машваратии декани муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок кунад.

Устодон ва донишҷӯёнеро, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод намояд.

Устодон ва донишҷӯёнеро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро мувофиқи талабот иҷро намекунанд, ба ҷазои маъмурӣ пешниҳод намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Вазифаи муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона ҳамон вақт таъсис дода мешавад, ки агар миқдори донишҷӯёни таҳсили ғоибона на камтар аз 500 нафар бошад.

2) Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибонаро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

3) Ба вазифаи муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

4) Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

5) Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6) Муовини декан оид ба таълими ғоибона аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

**2. Ӯҳдадориҳои муовини декан оид ба таълими ғоибона**

7) Муовини декан оид ба таълими ғоибона ӯҳдадор аст, ки:

Дар ҳалли масъалаҳои ба мукаммалкунии усулҳо ва шаклҳои ғоибонаи корҳои таълимӣ вобастабуда, муайянкунии тамоюли касбию педагогии раванди таълим ширкат варзад.

Фармонҳои аз тарафи маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултет додашударо ба диққати донишҷӯёни ғоибхон расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин намояд.

Мунтазам бо сардорони гурӯҳҳои таълимии ғоибона барои муҳокимаи чорабиниҳои таълимӣ ва ташкилӣ ҷаласаҳо гузаронад.

Иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо, ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯёни ғоибхонро дар давоми давраи таҳсил назорат кунад.

Муваффақиятҳои ҷории донишҷӯёни ғоибхон ва ҷараёни бартарафсозии қарзҳои академикиро бо ҳайати профессорону омӯзгорон мунтазам муҳокима намояд.

Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба мактубу аризаҳои шаҳрвандон, ки ба масъалаҳои марбути факултет дахл доранд, шинос шуда, чораҳои қатъӣ андешад.

Бо донишҷӯёни ғоибхон вобаста ба масъалаҳои таълимии онҳо корҳои инфиродӣ барад.

Мунтазам гузаронидани баҳисобгирӣ ва таҳлили давомот ва муваффақиятҳои ҷории донишҷӯёни ғоибхонро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯён ва мусобиқаҳои байни гурӯҳҳои таълимиро ташкил кунад.

Бо донишҷӯёни таҳсили ғоибона пайваста дар робита буда, ба онҳо саривақт дар бораи шурӯъ шудани дарсҳо маълумот диҳад ва даъватнома ирсол намояд.

Аз тарафи устодон дуруст ва саривақт пуркунии варақаҳои санҷишию имтиҳонӣ ва дараҷаи муваффақиятҳои донишҷӯёни ғоибхони факултетро назорат кунад.

Ба шӯъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомоту муваффақиятҳои донишҷӯёни ғоибхони факултет саривақтӣ маълумот диҳад.

Дар байни донишҷӯёни ғоибхони факултет корҳои тарғиботию ташвиқотӣ гузаронад.

Дар бораи гурӯҳҳои таълими ғоибона маълумотномаҳо ва ҳисобот пешниҳод намояд;

Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба таҳсили ғоибона ташкил карда, онро пеш барад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои таълим**

8) Муовини декан оид ба таълими ғоибона ҳуқуқ дорад, ки:

Дар кори ҷаласаҳои машваратии деканҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба таълими ғоибона иштирок кунад.

Ба супориши декан дар машғулиятҳо ва қабули санҷишу имтиҳони донишҷӯёни ғоибхони факултет ширкат варзад.

Ҷаласаҳои машваратии гурӯҳӣ ва курсҳоро доир ба корҳои таълимӣ дар таҳсилоти ғоибона гузаронад.

Дар бораи аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯёни ғоибхон ба декани факултет таклифҳо пешниҳод намояд.

Донишҷӯёни ғоибхонро, ки дар таҳсил муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод намояд.

Оид ба ҷазои маъмурӣ ва барои хориҷкунии донишҷӯёни таълими ғоибона тибқи талабот таклифҳо пешниҳод намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии коргузори факултет**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Коргузори факултет бо пешниҳоди декани факултет ва фармони ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷумлаи мутахассисони соҳиби таҳсилоти олии касбӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2) Коргузори факултет ба декани факултет итоат мекунад ва таҳти роҳбарии ӯ иҷрои масъалаҳои ташкилии дар назди факултетбударо амалӣ мегардонад.

3) Коргузори факултет оид ба корҳои тарбия роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

**2. Ӯҳдадориҳои коргузори факултет**

4) Коргузори факултет ӯҳдадор аст, ки:

Нақшаҳои таълимии намунавӣ ва кории факултетро донад ва дар асоси онҳо раванди таълимро дар факултет ташкил менамояд.

Барои омода сохтани масъалаҳое, ки дар Шӯрои олимони факултет баррасӣ мешаванд, ба муовинони декан кӯмак мерасонад.

Дар кори таҳия сохтани ҷадвали дарсҳо ба муовини декан оид ба корҳои таълим мадад мерасонад.

Робитаҳои факултетро бо кафедраҳо дар масъалаҳои таълими фанҳои ҷудогона таъмин менамояд.

Ҳуҷҷатгузории сессияҳои санҷишиву имтиҳониро (варақаҳои санҷишӣ, имтиҳонӣ, маълумотӣ ва ғ.) ба роҳ монад ва дар асоси онҳо барои муовини декан оид ба корҳои таълим ва декани факултет маълумот омода месозад.

Маълумотро оид ба дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти донишҷӯён бо маълумоти шӯъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқоиса ва дақиқ месозад.

Дар якҷоягӣ бо муовини декан оид ба корҳои таълим имтиҳони фосилавӣ ва аттестатсияи ҷории донишҷӯёнро ташкил менамояд.

Маълумотномаи академӣ омода созад, рафти супурдани варақаҳои санҷишию имтиҳониро аз тарафи омӯзгорон назорат намояд ва дар зарурат онҳоро ба шӯъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд.

Лоиҳаи фармонҳоро барои иҷрои корҳои (лоиҳаҳои) дипломӣ ва курсӣ, таҷрибаомӯзӣ, барои барқароркунӣ, хориҷ кардан ва гузаронидани донишҷӯён омода месозад.

Варақаи шахсии донишҷӯёнро пур мекунад.

Билети донишҷӯён ва дафтарчаи имтиҳонии онҳоро пур мекунад.

Дастуру супоришҳои декани факултет ва муовини декан оид ба корҳои таълимиро иҷро менамояд.

Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро танзим менамояд.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои коргузори факултет**

5) Коргузори факултет ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои умумии кормандони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок кунад.

Аз болои устодон ва донишҷӯёне, ки низоми мавҷудаи факултетро вайрон мекунанд, ба декани факултет ва муовини декан оид ба корҳои таълим арзу шикоят намояд.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

«___»______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

## Дастурамали вазифавии ассистенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1) Ассистент (омӯзгор) бояд дорои таҳсилоти олии касбӣ (ва ё аспирантураро хатм карда бошад) аз рӯи тахассус бошад, ки ба самти таълимӣ – илмии факултет ва ё кафедра мувофиқ аст.

2) Ҳаҷми сарбории таълимии ассистент бояд аз 800 соат дар як соли таҳсил зиёд набошад. Сарбории аниқи таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори омӯзгор, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати профессорону омӯзгорон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии сарбории солона аз ҷониби мудири кафедра муайян карда мешавад.

2) Ассистент (омӯзгор) ҳуқуқ надорад, ки маводи чопии таълимӣ-методиро берун аз ҳудуди он бе розигии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад.

3) Ассистенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

### 2. Ӯҳдадориҳои ассистенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

4) Ассистент ӯҳдадор аст, ки:

Дар ҳамкорӣ бо омӯзгоре, ки машғулиятҳои лексиониро мебарад, банақшагирӣ, коркард, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва коллоквиумҳоро таъмин сохта, аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ – маърифатии донишҷӯён бо истифодаи технологияҳои муосири омӯзгорӣ назоратро амалӣ менамояд.

Дар тайёр намудани маводи дидактикӣ ва илмӣ- методӣ аз рӯи курсҳои фанҳои таълимӣ, ки кафедраи мазкур таъмин месозад, иштирок менамояд.

Дар кори илмӣ-методии кафедра, банақшагирӣ, таҳияи мақолаҳо, корҳои озмоишӣ аз рӯи яке аз самтҳои таҳқиқот бо таҳлили натиҷаҳо ва тайёр кардани онҳо ба чоп иштирок мекунад.

Донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб намуда, ба онҳо дар банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ ёрӣ мерасонад.

Дар кори ташкили ҳафтаи илм, олимпиадаи донишҷӯён, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён ширкат меварзад.

Ба донишҷӯён дар ба танзим даровардан ва татбиқи нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ташкили таҷрибаомӯзии муоширати ахлоқӣ (ёрии ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) кӯмак расонида, дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои хусусиятҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

Бо тамоми маҳорати касбӣ ва ҷамъиятии худ дар донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавӣ, ҳисси ҳурмат нисбат ба қонунҳо ва ватандӯстиро вусъат мебахшад.

Дар ташкил ва гузаронидани имтиҳони дохилшавӣ, гузаронидани корҳо доир ба тамоюли касбӣ дар байни хатмкунандагони мактабҳо ва ҷавонон иштирок менамояд.

Сатҳи тахассуснокии омӯзгорӣ ва илмии худро баланд бардошта, дар дарсҳои устодони соҳибтаҷриба иштирок мекунад.

Усулҳои технологияҳои нави омӯзгориро меомӯзад ва дар фаъолияти омӯзгории худ истифода менамояд.

Дар давоми 5 сол ассистент (омӯзгор) бояд 1 кори илмӣ ва 1 коркарди таълимӣ-методӣ аз чоп барорад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои ассистенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

5) Ассистент ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимони факултет, деканат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад.

Чун аъзои кафедра таклифу пешниҳодҳо манзур созад.

Дар таҷрибаивазкунии байникафедравии омӯзгорон ширкат варзад.

Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода кунад.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзад.

Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармонҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шикоят кунад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

«___»______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Ба вазифаи муаллими калон шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олӣ ва собиқаи кори илмӣ-педагогӣ на кам аз се сол ва ё дараҷаи номзади илм дошта бошад. Ба шахсоне, ки ба вазифаи муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ, кафедраи забонҳои хориҷӣ ва кафедраи ҳарбӣ қабул карда мешаванд, талабот оид ба доштани дараҷаи илмии номзади илм истифода бурда намешавад.

2) Ҳаҷми сарбории таълимии муаллими калон, ки бо нақшаи инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 900 соат дар як соли таҳсил муайян карда мешавад. Сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори муаллим, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати профессорону устодон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии солонаи сарборӣ аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

Муаллими калон ҳуқуқ надорад, ки маводи чопии таълимӣ-методиро берун аз ҳудуди он бе розигии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад.

3) Дар давраи кор аз рӯи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома то 5 сол баста шуда бошад) бояд аз рӯи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат лексия дар як сол хонад, 1 мақолаи илмӣ (кори илмӣ) ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки мехонад, ба чоп расонад, ба ду кори курсӣ ва ё кори дипломии донишҷӯён бояд роҳбарӣ намояд.

4)Муаллими калон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

**2. Ӯҳдадориҳои муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

5) Муаллими калон ӯҳдадор аст, ки:

Курси лексияҳоро дар мувофиқа бо барномаи таълимӣ аз рӯи фанни таълимии додашуда дар асоси сатҳи муосири инкишофи илм ва технологияҳои пешбарандаи омӯзгорӣ коркард карда, машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинар, коллоквиумҳо ва машваратҳо мегузаронад ва санҷишу имтиҳонҳоро қабул менамояд.

Таъминоти илмӣ-методии курси худаш хондаистодаро таъмин менамояд (нақшаҳои гузаронидани машғулиятҳо, матнҳои лексияҳо, пакетҳои маводи методӣ, ки барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва назорати натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён заруранд, ғамхорӣ нисбати дастгирӣ ва мустаҳкамсозии обурӯи омӯзгории худ).

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии кафедра, банақшагирӣ ва амалисозии таҳқиқоти озмоишӣ аз рӯи мавзӯъҳои кафедра, батартибдарорӣ ва чопи натиҷаҳои таҳқиқот ширкат меварзад.

Масъалаҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар фаъолияти муштараки таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии устодон ва донишҷӯён дар асоси педагогикаи ҳамкорӣ, роҳбарии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, ҷалби онҳо ба таҳқиқот аз рӯи маҷмӯи масоилҳои кафедра, расонидани ёрӣ ба онҳо дар банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани таҳқиқот, иҷрои корҳои курсӣ ва дипломиро амалӣ месозад.

Ба донишҷӯён дар тартибандозӣ ва татбиқи нақшаҳои инфиродии таълимӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ ёрӣ мерасонад.

Дар ташкили чорабиниҳои берун аз аудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд саҳм мегузорад.

Бо тамоми фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятии худ дар донишҷӯён ташаккул ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавӣ, ҳисси ҳурмат нисбати қонунҳо ва ватандӯстиро ташаккул медиҳад..

Сатҳи тахассуснокии педагогӣ ва илмии худро баланд мебардорад.

Дар конференсияҳо илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва симпозиумҳо ширкат меварзад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён ва ҷамъиятҳои илмии донишҷӯёнро роҳбарӣ мекунад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

6) Муаллими калон ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ, деканат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ширкат варзад.

Барои беҳтар намудани сифати дарсгузаронии омӯзгорон таклифу пешниҳодҳо манзур созад.

Дарсҳои лексионӣ гузаронад.

Дар таҷрибаивазкунии байникафедравии омӯзгорон ширкат варзад.

Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода кунад.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзад.

Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармонҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шикоят кунад.

Дар кори конференсияҳои илмӣю амалӣ ширкат варзад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Ба вазифаи дотсент шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олӣ ва собиқаи кори илмӣ-педагогӣ на кам аз се сол ва ё дараҷаи номзади илм дошта бошад.

2) Ҳаҷми сарбории таълимии дотсент, ки бо нақшаи инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 700 соат дар як соли таҳсил муайян карда мешавад. Сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори муаллим, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати профессорону устодон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии солонаи сарборӣ аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

Дотсент ҳуқуқ надорад, ки маводи чопии таълимӣ-методиро берун аз ҳудуди он бе розигии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад.

3) Дар давраи кор аз рӯи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома то 5 сол баста шуда бошад) бояд аз рӯи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат лексия дар як сол хонад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки мехонад, ба чоп расонад, ба 4 кори курсӣ ва ё кори дипломии донишҷӯён бояд роҳбарӣ намояд, инчунин бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ баромад намояд.

4) Дотсент дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномa, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

**2. Ӯҳдадориҳои дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

5) Дотсент ӯҳдадор аст, ки:

Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар пояҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешавад, ширкат меварзад.

Курсҳои лексионии мустақилона, машғулиятҳои амалӣ ва семинарҳо, коллоквиумҳо, машваратҳо, санҷишҳо, муҳосибаҳо ва имтиҳонҳо мегузаронад.

Ба таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

Дар кори комиссияи аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯён, қабули имтиҳони дохилшавӣ ва аспирантӣ, шӯроҳои ҳимояи рисолаи номзадӣ ширкат меварзад.

Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии кормандони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон) ва тайёр намудани ҳисоботу нашри натиҷаҳои таҳқиқот роҳбарӣ мекунад.

Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

Барои ҷалби донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар корҳои таҳқиқотӣ тадбирҳо меандешад.

Ба кори ҷамъияти илмии донишҷӯён, кружокҳо, коллективҳои эҷодӣ, конференсияҳои илмии донишҷӯён, озмунҳо ва ғ. мусоидат мекунад.

Ба донишҷӯён дар тартибандозӣ ва татбиқи нақшаҳои инфиродии таълимӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии омӯзгорию истеҳсолӣ кӯмак мерасонад.

Дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

Дар донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавиро ташаккул медиҳад.

Ба ташаккули шаҳрвандӣ ва касбии шахсияти донишҷӯён мусоидат мекунад.

Барои баланд бардоштани тахассуснокии педагогӣ ва илмии худ тадбирҳо меандешад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

6) Дотсент ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ, деканат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад.

Барои баланд бардоштани сифати дарсгузаронӣ пешниҳодҳо манзур созад.

Дар тачрибаивазкунии байникафедравии омӯзгорон ширкат варзад.

Дарсҳои лексионӣ гузаронад.

Дар таҳияи дастурҳои методӣ ширкат варзад.

Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода кунад.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзад.

Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармонҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шикоят кунад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии профессори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1) Ба вазифаи профессор шахсе таъин карда мешавад, ки таҳсилоти олӣ ва собиқаи кори илмӣ-педагогӣ на кам аз се сол ва ё дараҷаи доктори илм дошта бошад.

Профессор бояд дорои дараҷаи доктори илм аз рӯи самти кафедра бошад. Ба таври истисно ба вазифаи профессор мутахассисони баландихтисос, ки дараҷаи номзади илм, таҷриба ва собиқаи калони кории фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва амалӣ (на кам аз 10 сол) доранд, қабул карда мешаванд.

2)Ҳаҷми сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродӣ дар ҳаҷми на зиёд аз 600 соат муайян карда мешавад, ки он ҳам аз курси мустақили лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ (курси махсус, семинари махсус) иборат мебошад. Сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори муаллим, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати профессорону омӯзгорон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии солонаи сарборӣ аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

Профессор ҳуқуқ надорад, ки маводи чопии таълимӣ-методиро берун аз ҳудуди он бе розигии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад.

3) Дар давраи кор аз рӯи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома то 5 сол баста шуда бошад) бояд аз рӯи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат лексия дар як сол хонад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ё монография ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки мехонад, ба чоп расонад, ба 5 кори курсӣ ва ё кори дипломии донишҷӯён бояд роҳбарӣ намояд, 2 нафар аспиранте, ки роҳбариашро ба ӯҳда гирифтааст, ҳимоя карда бошад, инчунин бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ -амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ баромад намояд.

4) Профессор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани

факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

**2. Ӯҳдадориҳои професори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

5) Профессор ӯҳдадор аст ки:

Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар пояҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешавад, ширкат меварзад.

Дар муайянсозии самтҳои стратегии фаъолияти кафедра саҳм мегузорад.

Дар муайянсозии самтҳои асосии тайёр намудани мутахассисони ҷавон вобаста ба фаъолияти кафедра саҳм мегузорад.

Дар таҷдиди нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ширкат меварзад.

Дар татбиқи барномаи ислоҳот ва рушди таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

Барои баланд бардоштани таълиму тарбия чораҳо меандешад.

Барои рушди низоми тайёр намудани кадрҳои илмии муассисаи таълимӣ тадбирҳо меандешад.

Дар қабули имтиҳонҳои номзадӣ, кори шӯроҳои диссертатсионӣ ширкат меварзад.

Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии кормандони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон) роҳбарӣ намуда, дар офариниши ихтисосҳои нав дар пояи дастовардҳои илми муосир ва натиҷаҳои корҳои илмии кафедра саҳм мегузорад.

Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, корҳои курсӣ ва дипломӣ роҳбарӣ мекунад.

Дар ташкили кори ҷамъияти илмии донишҷӯён, конференсияҳои илмӣ ва ҷалби донишҷӯён барои иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотии марбути масъалаҳои кафедра саҳм мегузорад.

Дар гузаронидани чорабиниҳои таълимию тарбиявии кафедра иштирок мекунад.

Бо донишҷӯён корҳои ташкилӣ-тарбиявӣ мегузаронад.

Барои баланд бардоштани салоҳиятнокии педагогии кормандони кафедра чораҳои мушаххас меандешад.

Ба кори методии кафедра роҳбарӣ карда, дар маосили такмили воситаҳои моддию техникии таълим ба кормандони кафедра кӯмак мерасонад.

Дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ саҳм мегузорад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои профессори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

6) Профессор ҳуқуқ дорад, ки:

Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ, деканат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад.

Дарсҳои лексионӣ гузаронад.

Ташхиси корҳои илмӣ ва методӣ (мақолаҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғ.). гузаронад.

Дар байни кормандони кафедра семинарҳои назариявӣ гузаронад.

Ба ҳамагуна муассисаҳои таълимӣ кӯмаки илмӣ, методӣ ва амалӣ расонад.

Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода кунад.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзад.

Ба корҳои марбути кафедра роҳбарӣ кунад.

Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармонҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шикоят кунад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»_______ соли 2011 №__ тасдиқ шудааст

**Дастурамали вазифавии мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Дастурамали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрииии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1) Мудири кафедра дар асоси Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ аз ҷумлаи докторони илм, профессорон ва номзадҳои илм, дотсентҳо тибқи тартибе, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар намудааст, ба вазифа интихоб ва аз вазифа озод карда мешавад. Собиқаи кори илмӣ-педагогии мудири кафедра бояд на кам аз 5 сол буда, самти ихтисосаш ҳам ба самти фаъолияти кафедра мувофиқ бошад.

2) Талаботи тахассусии фаъолияти шахсӣ ва илмӣ - таҳқиқотии мудири кафедра ба талаботи тахассусие, ки ба профессор пешниҳод карда мешавад, мувофиқ аст. Тахассуснокии мудири кафедра бояд хеле баланд бошад, то ки дар мувофиқа бо вазифаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва кафедра нақшаи таълимӣ ва нақшаи инкишофи факултет фаъолияти идоракуниро амалӣ карда тавонад

3) Мудири кафедра ҳуқуқ надорад, ки маводи чопии таълимӣ-методиро берун аз ҳудуди он бе розигии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад.

4) Дар давраи кор аз рӯи шартнома бояд аз рӯи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат лексия дар як сол хонад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ё монография ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки мехонад, ба чоп расонад, ба 5 кори курсӣ ва ё кори дипломии донишҷӯён бояд роҳбарӣ намояд, инчунин бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ -амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ баромад намояд.

5) Мудири кафедра дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, дастурамалҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

**2. Ӯҳдадориҳои мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

6) Мудири кафедра ӯҳдадор аст, ки:

Консепсия ва барномаи инкишофи кафедра, масъалаҳои инкишофи таълимӣ-илмӣ, муайянсозии мавзӯъҳо ва барномаи курсҳову семинарҳо,

корҳои курсӣ ва дипломӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолиро таҳия, ташкил ва татбиқ менамояд.

Корҳои таълимӣ, илмӣ таҳқиқотӣ ва тарбиявии кафедраро дуруст ба роҳ мемонад

Таваҷҷӯҳи кормандони кафедраро барои ҳалли масоили илмӣ ва илмӣ-техникӣ ҷалб намуда, иштироки онҳоро дар рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ таъмин менамояд.

Барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва илмӣ-методӣ аз рӯи фанҳое, ки ба кафедра вобаста аст, тадбирҳо меандешад.

Истифодаи фаъоли натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар раванди таълим таъмин менамояд.

Ба корҳои илмии донишҷӯёну аспирантон ва унвонҷӯён роҳбарӣ мекунад.

Семинарҳои илмӣ-методии кафедраро ташкил карда, таҷҳизонидани илмӣ-методӣ ва моддӣ-техникии кафедраро дуруст ба роҳ мемонад.

Дар муайянсозии мазмуни фаъолияти илмӣ-таълимии устодони кафедра, таъмини баландбардории маърифати касбӣ-педагогӣ, ҳавасмандгардонии рушди эҷодии онҳо саҳм мегузорад.

Ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳияи ҳисоботи кафедраро назорат мекунад.

Барои нигоҳдории арзишҳои моддии кафедра, таъмини иҷрои қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва талаботҳои техникаи бехатарӣ чораҳо меандешад.

Амалисозии иҷрои талаботи тахассусӣ ба вазифаҳои хидматии ҳайати профессорну омӯзгоронро назорат мекунад.

Фаъолияти ҷамъияти илмии донишҷӯён, кори конференсияҳои илмии кафедраро роҳбарӣ карда, донишҷӯёнро барои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбути масъалаҳои кафедра ҷалб менамояд.

Баргузории чорабиниҳои таълимию тарбиявии кафедраро роҳбарӣ мекунад.

Барои таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методии марбути ихтисосҳои кафедра чораҳо меандешад.

Дар қабули имтиҳонҳои номзадӣ ширкат меварзад.

Барои рушди низоми тайёр намудани кадрҳои илмии муассисаи таълимӣ тадбирҳо меандешад.

**3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

7) Мудири кафедра ҳуқуқ дорад, ки:

Машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимиро тибқи нақшаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ташкил намояд.

Дарсҳои кушод ва бадарсиҳамдароии устодони кафедраро баррасӣ ва муҳокима созад.

Бо матни лексияҳои устодони кафедра шинос гардида, онро тасдиқ намояд.

Дастовардҳои илмии омӯзгорон ва кормандони кафедраро ташвиқу тарғиб намуда, чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси устодон ва кормандонро ташкил кунад.

Гузаронидани дарсҳои кураториро назорат намуда, дар ҷаласаҳои кафедра баррасӣ намояд.

Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода кунад.

Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзад.

Ба корҳои марбути кафедра роҳбарӣ кунад.

Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармонҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шикоят кунад.

**Зери назари Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Раҳмонов А.А.**

**Мураттибон:**
**Раҳимов Ф., Расулов А., Валиев Ҳ., Маликов Т., Самадов С., Мирзоев А., Давлатов С. Ёров Ф., Ҷалилов М., Қурбонова М., Сангов Р.**

Ба матбаа 15.12.2011 супорида шуд.
Ба чопаш 11.01.2012 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16.  Теъдод 1500 нусха

Матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 6, гузаргоҳи 1